# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ “МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР”


**САРМУҲАРРИР**
**ЭҲСОН САФАРЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика, муҳаррири шуъба.

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** мудири шуъбаи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.



**МУАССИС**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.


- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.


**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:**

Департаменти хазинадории Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»
**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**
Барои маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»

**Ҷонишини сармуҳаррир**
**Насриддин ОХУНЗОДА**

**Котиби масъул**
**Сайрам АЛОВАТШОЕВА**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6880 нусха. Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи “Мега-принт” ба табъ расидааст.

# МУНДАРИҶА

**РОҲНАМО**
Э. РАҲМОН. Неруи пешбарандаи ҷомеаи навини кишвар......................................3
**ҲАМОВОЗӢ**
М. ҶУМЪАЕВ. Тавоноӣ зи доноист!..........................................................................5
**ИДЕОЛОГИЯ**
А. ОРИФОВ, А. ОДИНАЕВ. Роҳҳои пешгирии шомилшавии наврасону ҷавонон ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ.................................................9
**ИҚДОМҲОИ ҶАҲОНӢ**
С. ШОДИЕВА. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон – омили таҳкими амнияти сайёра..........................................................................................................12
**БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ҶАВОНОН**
И. ҲАМИДИЁН. Зӯри мушт дар ваҳдати панҷ ангушт............................................15
**ЗАБОНШИНОСӢ**
С. АЙНӢ. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ.......................................................18
**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**
Ҳ. СОДИҚОВА. Масъулият дар тарбияи кӯдак........................................................21
**ТАҲЛИЛ**
Ш. ТОҲИРИЁН. Мавқеи суҳбат дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон..............................................................................................................23
**МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ**
О. ХОЛОВА. Методикаи таълими табиатшиносӣ...................................................26
**МЕТОДИКА**
А. ЗУМРАТОВ. Истифодаи саҳначаҳои таълимии химиявӣ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои беруназдарсӣ.............................................................32
**ТАҲҚИҚ**
А. ШАРИФЗОДА, Б. РАҲИМЗОДА, Ш. ФАЙЗОВ. Ҷавонии сайёра ва ақидаи «Шино кардан»-и материкҳо...........................................................................37
**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**
Э. ҶОНМИРЗОЕВ. Методикаи истифодаи тақсими бисёраъзогӣ ба бисёраъзогӣ дар ҳалли муодилаҳои кубӣ.............................................................41
**МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД**
Д. ИСОЗОДА. Интихоби касб дар раванди таълими математика...........................45
**АСРОРИ ТАБИАТ**
Ш. НАРЗИҚУЛОВА. Хусусиятҳои давоии растаниҳои водии Зарафшон.............47
**ТАҚРИЗ**
Н. ОХУНЗОДА. Тасвири рӯзгор ва сирати инсонҳо.............................................49
**АДАБИЁТ**
Гулистони сухан..........................................................................................................52
**ТОЗАНАШР**
Н.САНГИНЗОДА. Минбари илму дониш..............................................................55
**ШИНОХТ**
АШРАФ. Табиат, илм ва тафаккури техникӣ.........................................................59
**КРОССВОРД**
Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Зафар»...................................................................................62
**МЕҲРНОМА**
М. ҒОИБ. Муҷассамаи Истиқлол...............................................................................64

**РОҲНАМО**

# НЕРУИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕАИ НАВИНИ КИШВАР

## Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон

**22.05.2023, шаҳри Душанбе**



**Ҷавонони саодатманду сарбаланди кишвар!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, ки яке аз санаҳои муҳимми таърихи кишвари соҳибистиқлоламон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ иброз намоям, ки Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст ва бо дарназардошти саҳм ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва давлат дар сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон ҷойгоҳи афзалиятнок доранд.

Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор мекунем, зеро онҳо бо иштироки фаъолонаи худ дар ҳамаи соҳаҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан саҳми арзишманд мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба ҷавонон таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир намуда, амалӣ гардонидани тадбирҳои заруриро ба хотири дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо то ба имрӯз идома дода истодааст.

Тайи беш аз се даҳсола ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду инкишофи қобилияту истеъдоди онҳо ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба зиндагиву фаъолияти ин сершумортарин қишри иҷтимоӣ як силсила нақшаву барномаҳо қабул ва амалӣ шуда истодаанд.

Санаду барномаҳои қабулгардида риояи ҳуқуқҳои конститутсионии ҷавононро таъмин намуда, ба таҳкими мақоми онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавии ҷомеа, беҳтар гардидани шароити зиндагиву таҳсил, касбомӯзӣ ва фаъолияти пурсамари ҷавонон, тақвияти худшиносиву худогоҳӣ ва ҳисси миллии онҳо мусоидат мекунанд.

Такроран таъкид менамоям, ки Ҳукумати мамлакат пешбурди муназзаму муваффақонаи сиёсати ҷавононро аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини фаъолияти худ меҳисобад.

Зеро мо хуб дарк мекунем, ки таваҷҷуҳ ба ҷавонон – ғамхориву сармоягузорӣ ба хотири ояндаи ободу пешрафтаи миллати тоҷик ва таҳкими неруи давлати тоҷикон мебошад.

Аз ин лиҳоз, мо дар сиёсати худ ҷавононро неруи созандаву бунёдкор, пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ва ояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя мекунем.

Ҳар кору иқдоме, ки мо имрӯз анҷом медиҳем, барои ҷавонон аст. Чунки зимоми ояндаи Ватан ва давлат дар дасти онҳо мебошад.

Мо ҷавононро бояд тавре тарбия карда, ба камол расонем, ки онҳо фардо тавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, онро обод созанд, боз ҳам пешрафта гардонанд ва миллату давлати худро ба аҳли башар ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

**Ҷавонони азиз!**

Ман дар суханрониҳои худ борҳо таъкид кардаам ва бори дигар хотирнишон менамоям, ки шумо бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошед, дар шароити торафт вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо ва таъсири манфии унсурҳои фарҳангиву тамаддунии бегона манфиатҳои давлативу арзишҳои миллиро ҳимоя кунед ва дар мубориза бо ҳама гуна таҳдиду хатарҳои бар зидди давлату миллати худ равонагардида омода бошед.

Як нуктаи бисёр муҳимро ҳаргиз фаромӯш накунед: дар назди ҷомеаи мо, ки қисми асосии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ, ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, инчунин, торафт вусъат гирифтани миқёси таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм, радикализми динӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ аз ҷавонони мо, пеш аз ҳама, зиракии сиёсӣ, илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, забондонӣ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату халқи Тоҷикистон ва худшиносиву худогоҳиро тақозо мекунад ва масъулияти онҳоро дар самти ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат рӯз ба рӯз баланд мебардорад.

Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо бовари бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан соҳибону бунёдгарони ояндаи Ватан ва идомадиҳандагони кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд.

Шумо, ҷавонони азиз, бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму донишҳои муосир бошед, касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кунед, ба миллат ва давлати соҳибистиқлоли хеш ҳамеша содиқ бошед, Ватани аҷдодиро самимона дӯст доред, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллӣ, инчунин, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳимоя кунед, нангу номус ва ҳисси баланди ватандорӣ дошта бошед, эҳтироми падару модар ва пирону калонсолонро ба ҷо оваред.

Итминони комил дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, зиракии сиёсӣ, ҷаҳонбинии васеъ, маърифати ҳуқуқӣ ва саъю талоши созандаву бунёдкорона барои ободии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани нуфузу обрӯи Тоҷикистони азизамон дар арсаи байналмилалӣ талош намуда, дар таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва тақвияти пояҳои давлатдории миллии тоҷикон саҳми арзанда мегузоранд.

Бори дигар тамоми ҷавонони кишварро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо тансиҳатӣ, иқболи баланд, саодати рӯзгор ва дар кору пайкори садоқатмандонаашон ба хотири ободии Ватани азизамон – Тоҷикистон комёбиҳои нав ба нав орзу менамоям.

**Рӯзи ҷавонон муборак, ояндасозони Тоҷикистони соҳибистиқлол!**

## ҲАМОВОЗӢ



*Меҳроб ҶУМЪАЕВ,*
*номзади илми филолгия,*
*дотсент*

# ТАВОНОӢ ЗИ ДОНОИСТ!

## ё зикри ҳафт нуктаи муҳим дар пажуҳиши «Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад»-и профессор С. Ятимов



“Маърифати омӯзгор” - №1, январи соли 2023

ХУДШИНОСӢ

*С. ЯТИМОВ,*
*профессор*

ТАВОНО БУВАД, ҲАР КӢ ДОНО БУВАД

*(Андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат)*

МУҚАДДИМА

Дар таърихи навтарини миллати тоҷик Паёми Роҳбари давлат – маҷмуи таҳлил, арзёбӣ, як навъ ҳисобот, инчунин, натиҷагирӣ аз фаъолияти ҳукумат ва дар ин асос, ироаи тасмимҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва нақшаҳои ҳаётан муҳимми мақомоти олии мамлакат мебошад.

Нуқтаи архимедӣ - такягоҳи ҳуҷҷат баҳогузории кори ҳукумат дар соҳаи иқтисод аст.

Вобаста ба ин, дар Паём, дар робита бо равандҳои бузурги ҷаҳонишавӣ таъкид мегардад: «Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд» (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе. Дониш, 2023. – С. 3)

Чунин хулоса бо далелҳои эътимодбахш тасдиқ карда мешавад: «Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт» (Ҳамон ҷо. – С. 4).

Аз муҳимтарин масъалаҳои дигаре, ки дар Паём мавриди баррасӣ қарор дода шуд, вазъи соҳаи маориф ва рушди маърифатнокӣ дар солҳои наздик ва дарозмуддат мебошад. Мавзуи баҳси мо ҳамин ҷанбаҳоро дар бар мегирад.

ЭҲЁИ МАНЗАЛАТИ ХИРАД

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали интихоб шудан ба мақоми Сарвари давлат ба масъалаи рушди илм, мактаб ва маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд.

Давраи роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба бахти миллати тоҷик, зиёда аз чоряк асрро дар бар мегирад, замони гул гулшукуфии асосҳои бунёдии давлати миллии тоҷикон, аз ҷумла, соҳаи мактабу маориф мебошад.

Агар ба қавли таърихнависон, асри X замони салтанати Сомониён, давраи тиллоии тараққиёти илм, адабиёту фарҳанг ёдоварӣ шавад, замони роҳбарии Пешвои миллат дар шароит ва имконоти навин, бидуни шак, муассиртар, самаранoктар ва бузургтар аз он аст. Чунин амал, бо мантиқи сухани Отто фон Бисмарк, ки ҳангоми муколамааш ба халқ гуфта буд: «Мо нисбати падарони худ беҳтар кӯшиш ва натиҷабардорӣ хоҳем кард!» ҳамоҳангӣ мекунад.

Ин дастовардҳо дар Паём возеҳ тафсир гаштаанд.

Муҳимтарин таъйиноти давлат ва давлатдорӣ таъмини амният (1) ва сиёсати иҷтимоӣ (2) мебошад. Сабаб ва натиҷаи ин ду ҷузъиёти бо ҳам дар алоқамандӣ, пайвастагӣ, вобастагӣ ва муайянкунандагибуда, дар Паём инъикос меёбад: «Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории

3

Паёми солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳуҷҷати муҳим ва барномаи амал барои тамоми соҳаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳуҷҷат на танҳо фаъолияти тамоми соҳаҳои ҷумҳурӣ дар давоми як сол мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор мегиранд, балки ба рушду тараққиёти соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷумҳурӣ, пешрафти ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, камбудиу норасоиҳои соҳаҳои алоҳида муайян ва барои бартараф намудани онҳо ба масъулин дастуру супоришҳои дахлдор дода мешавад, аз пешрафти соҳаҳои мухталиф хулосаҳои амиқ баровардa шуда, вазифаҳо барои соли оянда муайян мегарданд. Муҳиммияти ин ҳуҷҷат боз дар он зоҳир мегардад, ки ҳамасола вобаста ба нуктаҳои муҳимтарини Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми корхонаву муассисаҳо нақшаи чорабиниҳои мушаххас тартиб дода мешавад. Чунин нақшаи чорабиниҳо як навъ барномаи амал барои соли минбаъда ба ҳисоб меравaнд ва барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта замина фароҳам меорад.

Нуктаҳои асосии Паёми Роҳбари давлат ҳамасола дар ВАО аз тарафи коршиносону таҳлилгарони соҳаҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор дода мешавад ва дар маҳалҳо бо мардум корҳои фаҳмондадиҳӣ сурат мегирад. Дар бораи нуктаҳои асосии Паёми навбатии Роҳбари давлат низ дар ВАО аз тарафи коршиносону таҳлилгарони соҳаҳои мухталиф андешаҳои муфид баён карда шудааст. Аз ҷумла, мақолаи профессор С. Ятимов таҳти унвони **«Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад» (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат)** аз муҳимтарин нигоштаҳо доир ба Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23 декабри соли 2022 ироа гардида буд, ба ҳисоб меравад. Фарқи ин мақола аз дигар нигоштаҳое, ки ба Паёми Пешвои миллат бахшида шудаанд, дар он аст, ки он асари комили таҳқиқӣ буда, дорои заминаи қавии илмӣ мебошад. Мақолаи мазкур на барои

тамоми қишрҳои ҷомеа, балки барои доираи нисбатан маҳдуд – кормандони соҳаи илм ва мутахассисону коршиносони соҳаҳои мухталифи ҷомеа пешбинӣ мешавад. Забони мақола илмӣ буда, муаллиф барои тақвияти фикр ва асоснок намудани далелҳои овардааш на танҳо ба Паёми Сарвари давлат, балки ба сарчашмаҳои зиёди илмӣ ва фалсафию таърихӣ такя кардааст.

Махсусияти дигари мақолаи мазкур аз он иборат мебошад, ки дар он танҳо як бахши Паёми Сарвари давлат – масъалаи мактабу маорифи миллӣ мавриди баррасии амиқ қарор дода мешавад ва муҳаққиқ бо дарки ниҳоят муҳим будани масъала ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Пужуҳиши «Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад» аз муқаддима, ҳафт қисм ва хулоса иборат мебошад. Қисмҳои мақола аз рӯйи мазмуну мундариҷа **«Эҳёи манзалати хирад», «Ҷаҳонбинӣ, тақдир ва таърих», «Давлати миллӣ ва мактаби миллӣ», «Шароити воқеии фаъолият», «Инсон – маҳсули ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ», «Ҳолат, муносибат, вазъият», «Манфиати миллӣ ва маорифи динӣ»** номгузорӣ гардида, ба ҳам иртиботи қавӣ доранд ва дар маҷмуъ як пажуҳиши мукаммали илмиро ташкил медиҳанд. Ба чунин қисмҳо ҷудо намудани пажуҳиш ба муаллиф имкон додааст, ки ба таври мушаххас масъалагузорӣ намояд, факту далелҳоро таҳлилу муқоиса ва ҷамъбасту натиҷагирӣ кунад, хулосаҳои амиқ барорад.

Қабл аз баррасии баъзе нуктаҳои пажуҳиш мехостем, бо чанд сухан дар бораи унвон ё сарлавҳаи он изҳори назар намоем. Мисраи аввали байти машҳури Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ **«Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад»**-ро ҳамчун сарлавҳа интихоб намудани муаллиф бесабаб нест. Аввалан, ин мисраи шоир бо забони содаву равони тоҷикӣ баён гардида, дар таркибаш калимаи бегона вуҷуд надорад. Маънои он ба ҳама – ҳам ба хурду калон, ҳам ба хосу ом фаҳмо мебошад. Сониян, дар ин мисраи шоир як ҷаҳон маънӣ ниҳон аст, яъне, шоир тавонистааст дар сухани кӯтоҳи ҳикматнок маънии зиёдро ғунҷонад. Солисан, ҳарчанд дар ифодаи матлаби илмӣ истифодаи суханҳои пуробурангу шоирона ҷоиз нест, он матлаби пажуҳиш ва мақсаду маромеро, ки муаллиф дар назди худ гузоштааст, ба хубӣ ифода намудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки муаллиф барои пажуҳиши хеш сарлавҳаи ниҳоят мувофиқ интихоб кардааст, ки инро метавон муваффақияти калон дар баррасии мавзуъ ва ҳалли масъалаҳои пешниҳодшуда номид. Ба ибораи дигар, муҳаққиқ тавонмандии миллати хешро дар донoиву босаводӣ меҳисобад, ки ин як навъ баёнгари ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мебошад.

Дар муқаддимаи пужуҳиш Паёми Сарвари давлат дар таърихи навини давлатдорӣ ҳуҷҷати муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар он на танҳо аз фаъолияти Ҳукумат дар давоми як сол натиҷагирӣ карда мешавад, балки тасмимҳои муҳимми сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва тарҳу нақшаҳои муҳимми мақомоти олии ҳокимият ироа мегардад. Баҳои воқеӣ додан ба фаъолияти Ҳукумат *«нуқтаи такягоҳӣ»*-и ҳуҷҷат дониста мешавад. Бо вуҷуди ин, баррасии вазъи соҳаи маориф ва маърифатнокии аҳолӣ аз нуктаҳои муҳимми Паём дониста мешавад, зеро бидуни рушди ин соҳа таъмини пешрафти давлат ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ғайриимкон мебошад. Гузаштагони мо донишро чароғи ақлу хирад, илму маърифатро равшанкунандаи роҳи ҳаёти инсон меҳисобиданд, ки дуруст аст. Боиси хурсандист, ки дар замони Истиқлол соҳаи маориф аз самтҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст ва барои рушду пешрафти ин соҳа аз тамоми имконоти мавҷуда истифода бурда мешавад. Зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрду омезиши фарҳангу тамаддунҳо ягона воситаи бақои давлату миллат мактабу маориф мебошад. Акнун мехоҳем дар бораи чанд нуктаи муҳимми пужуҳиш андеша баён намоем.

Нуктаи аввал он аст, ки муаллиф таъмини амният ва сиёсати иҷтимоии давлатро бо ҳалли масъалаҳои мактабу маориф тавъам меҳисобад. Барои исботи ақидаи худ аз Паёми Президенти мамлакат далел меорад. Аз ҷумла, дар давоми панҷ соли охир ба рушди соҳаҳои маорифу

тандурустӣ равона намудани 36 миллиард доллар маблағ, 44 дарсади ҳаҷми умумии буҷети давлатиро ташкил додани ҳиссаи маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ, бунёди 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда дар давоми панҷ сол, аз ҷумла, бунёди 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда дар соли сипаришудаи 2022 далели бебаҳси сиёсати маорифпарваронаи давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ дониста мешаванд. Зина ба зина бунёд гардидани инфрасохтори соҳаи маориф дар замони Истиқлол аз далелҳои бебаҳси рушди соҳа мебошад, ки ба назари ҳамагон аён аст ва ҳоҷат ба баёни он нест.

Дигар нуктаи муҳимме, ки дар пажуҳиш зикр мегардад ва аз он изҳори таассуф низ карда мешавад, вуҷуд доштани ҳолати ғуломӣ дар афкору ақидаи миллат мебошад. Муаллиф ин ҳолатро натиҷаи мавҷуд набудани ҳокимияти сиёсӣ дар давоми ҳазор сол ҳисобида, бар он андеша аст, ки *«миллатҳое, ки аз пуштибонии ҳокимияти сиёсӣ бархӯрдоранд, ба хотири субот ва давомнокии ҳокимият»*, ҳамчунин, барои ҳимояи манфиатҳои худ чунин идеяҳоро ба вуҷуд оварда, онро ба дигарон талқин мекарданд. Пайравӣ ва арҷгузорӣ ба фарҳанги бегона натиҷаи ҳамин ақидаи ғуломӣ арзёбӣ гардидааст. Аз он изҳори нигаронӣ карда мешавад, ки чунин ҳолат ҷомеаро тадриҷан ба *«мушкилотиислоҳнопазир»* рӯ ба рӯ мекунад. Дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ифтихору ғурур ва ҳисси миллӣ дар байни ҷавонони бедордил ба вуҷуд омада буд, ки шояд тадриҷан боиси аз байн рафтани ақидаи ғуломӣ ва рӯ овардан ба фарҳанги миллӣ мегашт, вале ҷанги шаҳрвандие, ки аз боиси ҷаҳолати муллоҳои мутаассибу ифротгаро ҷомеаи моро фаро гирифт, инро аз байн бурд. Ба андешаи инҷониб, бартараф кардани чунин ҳолат, яъне аз байн бурдани ақидаи ғуломӣ ва раҳо кардани миллат аз пойбандӣ ба фарҳанги бегона аз бисёр ҷиҳат ба мактабу маориф, пеш аз ҳама, ба муаллим вобаста аст. Беҳуда нагуфтаанд, ки *«муаллим метавонад миллатеро кордон созад»*.

Нуктаи сеюми мавриди баррасии муҳаққиқ нақши мактаб дар ҳифзи сохти давлатдорӣ ба ҳисоб меравад, ки дар заминаи он таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба фаъолият, сифату самараи мактаб ва ҷанбаи бунёдиву таърихӣ доштани он таъкид карда шудааст. Муаллиф барои исботи ин ақидаи худ аз суханони олимони бузург, махсусан, аз суханони яке аз асосгузорони фалсафаи объективӣ Арасту далелҳои зиёд меорад ва собит менамояд, ки нақши мактаб барои ҳифзи сохти давлатдорӣ ниҳоят бузург мебошад. Бунёди давлатдорӣ ва ҳифзу нигаҳдории сохти он *«берун аз масъулияти мактаб шиори хушку холӣ»* арзёбӣ гардидааст.

Нуктаи чорум бунёди илмӣ доштани матни Паёми Президенти мамлакат ва дар доираи талаботи илмӣ омода гардидани он мебошад. Аз ҷумла, бо истифода аз методи илмии муқоисавию таърихӣ асоснок карда шудани нуктаҳои асосии Паёми Роҳбари давлат баёнгари заминаи қавии илмӣ доштани он арзёбӣ мегардад. Чунин нуктаи муҳимми бо истифодаи методи муқоисавию таърихӣ баёнгардида он аст, ки дар 31 соли Истиқлол дар ҷумҳурӣ 3430 муассисаи таълимӣ барои қариб 1,5 миллион хонанда сохта ба истифода дода шудааст. Ҳол он ки дар 70 соли қабл аз Истиқлол дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд. Албатта, 31 соли Истиқлол гуфтан дар Паём то андозае рамзӣ мебошад, зеро аз 31 соли замони истиқлолият қариб 10 соли он барои истиқрори сулҳу субот дар ҷумҳурӣ сипарӣ гардидаасту раванди бунёдкориҳо дар мамлакат асосан баъди солҳои 2000-ум вусъат ёфтааст ва шубҳае нест, ки аз 3430 адад муассисаи таълимии дар ин давра бунёдгардида шояд беш аз 90 дар сади он ба 20 соли охир рост меояд. Роҳбари давлат ҳеҷ гоҳ аз чунин дастовардҳо қонеъ нестанд ва натиҷаҳои ноилшударо барои пешрафти соҳаи маориф ва расидан ба ҳадафҳои умумимиллӣ ҳанӯз нокифоя меҳисобанд.

Надоштани донишҳои бунёдӣ ва дур мондан аз ҷаҳонбинии маорифпарварона, ки боиси ба гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ ҳамроҳ шудани як идда ҷавонон ва бадномии давлату

миллат гардидааст, нуктаи муҳимми панҷум ба ҳисоб меравад. Ин нукта ҳамон зарбулмасали машҳури *«Дониш чароғи ақл аст»*-ро ба хотир меорад, яъне, шахси донишманд пеш аз анҷом доданиягон кор паҳлуҳои мухталифи онро андеша менамояд, аммо шахси нодон бештар таваккал мекунад. Бешубҳа, ба даст овардани илму дониш омили хушбахтии инсон мебошад. Бо назардошти ин муаллиф дуруст қайд менамояд, ки халқҳои пешқадами олам имрӯз на ба афсонаву тасаввуроти ғайриодӣ, балки *«ба донишу хирад»* такя мекунанд, яъне, такя кардан ба донишу хирад боиси пешрафту ташаккули инсон ҳисобида мешаванд. Шахси донишманд ба манфиати ҷомеа кор накунад ҳам, ҷомеа ҳеҷ гоҳ аз ӯ зарар намебинад.

Мактаб ҳамчун муҳимтарин *«ҳалқа дар занҷири ташаккули ҷаҳонбинии давлатдории миллӣ»*-ро метавон нуктаи шашуми муҳим дар пажуҳиш номид, ки дар заминаи он нақши мактаб дар пайдоиш ва ташаккули шуури иҷтимоӣ, камолоти маънавии инсон ва омода намудани наврасону ҷавонон ба шинохти олам мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Сол то сол зиёд гардидани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳолате дониста мешавад, ки ба назар гирифтани воқеиятро тақозо менамояд. Муҳаққиқ барои тақвияти ин андешаи худ аз Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ иқтибоси возеҳ меорад. Аз ин иқтибос ба хубӣ аён аст, ки дар давоми 31 соли Истиқлол шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ қариб 1 миллион зиёд гардидааст, яъне агар соли 1991 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда буд, имрӯз шумораи хонандагони ин муассисаҳо 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар иртибот ба ин, пажуҳишгар ба сифати кори мактаб, дониши хонандагон, таносуби маърифатнокии хонандагон вобаста ба синну сол, шуроити фаъолияти омӯзгорону таҳсили хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, камбудиву норасоии барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии мактабиро, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон монеъ мегарданд, баён медорад. Дар бораи ифодакунандаи манфиатҳои миллӣ будани китобҳои дарсӣ, аз нигоҳи назариявию методологӣ, далелнокии таърихӣ, муносибати системавию сохторӣ, функсионалӣ, муқоисавию таърихӣ ва мантиқӣ, инчунин, дар заминаи ҷаҳонбинии пешқадам, руҳияи созанда ва бо методу усулҳои санҷидашуда офаридани чунин китобҳои дарсӣ масъалагузорӣ менамояд, ки ниҳоят муҳим аст. Барои ин ба эътибор гирифтани таҷрибаи беш аз садсолаи навиштани китобҳои дарсӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ба манфиатҳои умумимиллӣ мутобиқ кунондани манфиатҳои шахсӣ заминаи ба вуҷуд омадани эҳсоси бузурги ҳамраъйии ватанпарварона мебошад. Дар иртибот ба ин нукта, метавон зикр кард, ки дар солҳои истиқлолият барои рушди соҳаи маориф заминаи воқеии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Инфрасохтори соҳа низ сол то сол беҳтар мешавад. Барои таъмини воқеии пешрафти соҳа тайёр кардани омӯзгорони асил ва омода намудани барномаву китобҳои дарсии ба талаботи замон ҷавобгӯ зарур асту халос.

Ниҳоят таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи фарҳанг, роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати маънавиёт ва ҷаҳонбинии миллӣ, ошкору бартараф намудани таҳдидҳоеро, ки ба амнияти миллӣ хатар доранд, нуктаи ҳафтуми мавриди баррасӣ метавон номид. Дар робита ба ин нукта, истиқлоли миллӣ мафҳуми муқаддас ҳисобида мешавад. Ба андешаи муаллиф, тамоми шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар давлати мустақил вуҷуд дошта метавонанд. Маҳз дар чунин давлат барои риояи тамоми рукнҳои тоату ибодати динӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, аммо ҳеҷ гоҳ набояд роҳ дод, ки дин ба василаи ғасби ҳокимият табдил ёбад. Фикррони амиқ ва неруи арзёбии инсон – неку бадро фарқ кардани ӯ ба илму дониш вобаста дониста мешавад.

**ИДЕОЛОГИЯ**

***Абдулло ОРИФОВ,***
***мудири шуъбаи омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиатшиносии АТТ,***
***Абдусаттор ОДИНАЕВ,***
***мудири кафедраи таҳсилоти касбии ДҶТИБКСМ***

# РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ШОМИЛШАВИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ТЕРРОРИСТИЮ ЭКСТРЕМИСТӢ




Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Ҳадафи мо аз тамоми тадбирҳои амалигардида ин аст, ки насли оянда, яъне фарзандони мо бесавод намонанд. Зеро яке аз сабабҳои асосии майл пайдо кардани одамон ба хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ маҳз бесаводист. Зуҳуроти номатлуб ва хатарноки зикршуда тафаккури мардум, хусусан, наврасону ҷавонони камтаҷрибаро заҳролуд карда, онҳоро ба ҷаҳолат мебаранд, зиндагии ҷомеаро тираву торик месозанд ва боиси қафомонии давлат аз роҳи пешрафт мегарданд».

Бояд зикр кард, ки ҷавонони зери таъсири омилҳои гуногун гирифтори гурӯҳҳои ифротиву террористӣ мегарданд ва бо тарғибу ташвиқи дурӯғин онҳоро ба доми хеш мекашанд. Гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ роҳу воситаҳои гуногунро ҷиҳати ҷалби ҷавонон истифода мекунанд.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда, аксари ҷавонони дар муҳоҷират қарордошта дониши касбию ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кофии рӯзгорро надошта, донишҳои динию дунявии онҳо сатҳӣ мебошанд. Намояндагони гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар навбати аввал бо чунин ҷавонон сару кор гирифта, тадриҷан бо тағйир додани тафаккуру эътиқоди онҳо зери ниқоби афзалиятҳои динӣ зоҳир мегарданд.

Як гурӯҳ муҳаққиқон, аз ҷумла, Л. А. Кононов ва А. В. Чеботарев иброз медоранд, ки паҳншавии ифротгароӣ дар миёни муҳоҷирон на танҳо барои кишвари муҳоҷирпазир, балки барои кишварҳои муҳоҷирон низ хатари зиёд дорад. Онҳо қайд менамоянд, ки барои кишвари муҳоҷирпазир хатари ифротгароии муҳоҷирон дар он аст, ки муносибати мардуми маҳаллӣ бо муҳоҷирон оҳиста - оҳиста муташанниҷ гардида, ҳатто ба сафи ифротгароён ҷалб шудани аҳолии маҳаллӣ низ ба амал меояд, ки дар ба вуқуъ омадани амалҳои террористӣ оварда мерасонад.

Аммо барои кишварҳои муҳоҷирон хатари он зиёдтар аст. Баъд аз оне, ки муҳоҷирон ба ватан бармегарданд, бо тафаккури ифротии худ метавонанд ҷавонони дигарро заҳролуд намоянд. Инчунин, хавфи ба гурӯҳҳои террористӣ пайвастани муҳоҷирон ба вуҷуд меояд.

Омили дигаре, ки хавфи ба доми ифротгароён гирифтор шудани муҳоҷиронро зиёд менамояд, муҳоҷирати ғайриқонунӣ маҳсуб меёбад. Муҳоҷироне, ки барои буду бош дар давлати муҳоҷирпазир ҳуҷҷатҳои зарурӣ надоранд ва ё муҳлати истиқоматашон ба охир расидааст, аз кӯмаки нафароне истифода менамоянд, ки баъзе аз онҳо тундгаро ҳастанд. Тӯли солҳои охир

ифротгароён ва тундгароён бештар бо чунин қишри муҳоҷирон таваҷҷуҳ мекунанд ва онҳоро бо ваъдаи ҷойи кори бехавф таъмин намудан ба сафи гурӯҳҳои худ ҷалб менамоянд.

Яке аз сарчашмаҳои дигари паҳн гардидани ақидаҳои ифротӣ дар миёни ҷавонон таҳсил дар хориҷи мамлакат ба ҳисоб меравад. Махсусан, баъди соли 2000-ум теъдоди ҷавононе, ки мехостанд дар давлатҳои исломӣ таҳсил намуда, маълумоти динӣ гиранд, хеле зиёд гардида буд. Баъзан ҷавонони тоҷик аз рӯйи шавқу ҳавас ва баъзан ба воситаи тавсияи рӯҳониёни кишвар ба давлатҳои хориҷӣ сафар намуда, бинобар сабаби маблағи кофӣ надоштан, ба мактабҳои шубҳанок ва барномаҳои таълимашон номаълум дохил мешаванд, ки дар он ҷойҳо онҳоро мағзшӯйӣ мекунанд.

Яке аз сабабҳои дигари паҳн гардидани ақидаҳои ифротгароӣ дар миёни ҷавонон сатҳи пасти донишҳои динию дунявии онҳо мебошад. Зеро осебпазирии ҷомеаҳои мусулмонӣ аз таъсири ифротгароии динию сиёсӣ ҷанбаҳои идеологию маърифатӣ дорад. Ба таври гуногун шарҳу тафсир намудани таълимоти исломӣ ва ба шохаҳо ва мазҳабҳои гуногун ҷудо гардидани он, дар заминаи онҳо ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои динию сиёсӣ, рушди ифротгароӣ ва тундгароиро ба миён меоранд.

Албатта, дар чунин ҳолат тундгароии исломиро ба вуҷуд меорад. Дар ин раванд аз ҷониби одамони одӣ дарк нагардидани ғояҳои инсондӯстӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ислом хавфи ба таассуби динӣ рӯ ба рӯ гардидани ҷавонон ва пайвасти онҳо ба сафи гурӯҳҳои террористиро зиёд менамояд.

Маълум аст, ки кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам дар давраи гузариш қарор доранд. Яъне, агар дар муносибатҳои ҷамъиятӣ аллакай арзишҳои сохтори нав истифода шуда бошанд ҳам, ҳанӯз арзишҳои сохтори пештара қисман побарҷост. Чунин ҳолат маргинализми ҷавононро зиёд менамояд, ки рӯ овардани онҳо ба дини ислом бояд бо дарназардошти чунин омил низ шарҳу тавзеҳ дода шавад. Ба ибораи дигар, ҷавонон дар интихоби арзишҳо мушкилӣ мекашанд ва дар ин раванд, баъзе рӯҳониёни тундгаро ба интихоби ҷавонон таъсиргузорӣ намуда, дар ин раванд афзалияти арзишҳои диниро дар назди онҳо бештар ҷилвагар менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷавонон дар раванди мубоизаҳои сиёсӣ, аниқтараш дар раванди амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсии ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ҳамчун восита истифода бурда мешаванд. Яке аз хусусиятҳои ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо аз хориҷи мамлакат ба таври кушод ва дар дохили мамлакат ба таври пинҳонӣ фаъолият менамоянд. Чунин роҳу усули фаъолият ба онҳо имкон медиҳад, ки дар шароити тағйирёбии вазъияти сиёсию иҷтимоӣ худро бо он зуд мутобиқ созанд. Одатан ифротгароёни динӣ ба паҳн намудани адабиёти динӣ ва наворҳои видеоӣ ба мағзшӯйии ҷавонон машғул мегарданд.

Махсусан, барои аксари ҷавонон эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу озодиҳои онҳо афзалияти ҳаётии онҳо дониста мешавад. Зеро ҷавонон ба тозагӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбиро хатм намуда, дар муқоиса бо насли калонсол нисбат ба қонунҳо ва риояи онҳо андешаи якранг надоранд. Собит гардидаст, ки барои тағйир додани рафтори одам ӯро задан, таҳқир кардан ва ҳатто аз озодӣ ҳам маҳрум кардан зарурат надорад, танҳо тафаккурашро тағйир додан кифоя аст. Қонунияти мазкур дар фаъолияти гурӯҳҳои ифротгароӣ ба инобат гирифта шудааст ва онҳо кӯшиш менамоянд, ки ба зеҳну тафаккури ҷавонон ҳарчи бештар таъсири манфӣ расонанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26-уми декабри соли 2018) қайд намудаанд: «Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси

ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд».

Бинобар ин, бо мақсади решакан намудани терроризму экстремизм, махсусан, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар ин самт корҳои зерин ба анҷом расонида шаванд:

- дар асоси барномаҳои махсус бо ҷавонон ва наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ баргузор намудани чорабиниҳо, вохӯриҳо, маҳфилҳо, мизҳои мудаввар бо иштироки намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар оила, муассисаҳои таълимии кишвар ва бо ҷойи кор ва музди маоши хуб таъмин намудани ҷавонон;
- таъсис додани марказҳои ёрии равонӣ (психологӣ);
- баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- ташаккули шахсияти таҳаммулпазир, пурмаҳсул ва бомуваффақият, ки ба пос доштани арзишҳои миллӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ нигаронида шудааст;
- ошкор ва бартараф намудани сабабҳо ва шароити пайдоиши терроризм, рушди сиёсати давлатии мубориза бо терроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ, ҳамоҳангсозии қувваҳои сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунии марказонидашуда оид ба тамоми фаъолият барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризм, инчунин, дастгирии ҳамаҷонибаи амалишавии чорабиниҳои ҳарбӣ, идеологӣ ва махсус.

Дар робита ба ин, зарур аст, ки мунтазам вохӯрии ҷавонону наврасонро бо хизматчиёни ҳарбӣ, собиқадорони ҷангу меҳнат, пешқадамони истеҳсолот, фаъолон ва шахсони обруманди ҷомеа ташкил кунем. Бояд наврасону ҷавонон дар давраи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ҳисси баланди шаҳрвандӣ барои хизмат дар сафи Артиши миллӣ омода карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Авцинова, Г. И. Экстремизм политический: реалии и мифы // Мир современной науки. – Ҷ. 4. - 2012.
2. Кононов, Л. А., Чеботарев, А. В. Взаимосвязь экстремизма и современных миграционных процессов как предмет политического анализа // Государственное управление. Электрошп. Вестник. - 2018. -№80.
3. Коровиков, А. В. Исламский экстремизм в арабских странах. - Москва: Наука, 1990.
4. Махдеадов, А.Н. Терроризм, омилҳои хатарҳои муҳоҷират ва таъсири онҳо ба амнияти миллӣ // Терроризм ва ифротгароӣ - роҳҳои пешгирии он. - Душанбе: Маориф, 2015.
5. Минбари халқ. - 2021. - 26 май.
6. Одинаев, А. С. Таҳдиди терроризм ва экстемизм ба амнияти кишвар, минтақа ва ҷаҳон. – Душанбе, 2021
7. Олимова, С. Молодежь и ислам в Таджикистане // Россия и мусульманский мир. - 2007. - №10.
8. Поляков, К. И. Исламский экстремизм в Центральной Азии. - Москва: Инсгитут востоковедения РАН, 2014.
9. Шарифзода, З. Сотрудничество центрально-азиатских стран в противодействии международному терроризму // Известия Инсигута философии, политологии и проза имени А. Баховаддинова АН РТ. - 2016. № 94.

**ИҚДОМҲОИ ҶАҲОНӢ**



***Ситора ШОДИЕВА,***
***унвонҷӯӣ кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С Айнӣ ва омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ***

# ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН – ОМИЛИ ТАҲКИМИ АМНИЯТИ САЙЁРА



Об ҳамчун омили асосии мавҷудияти ҳаёт яке аз захираҳои асосии табиии бениҳоят муҳимми сайёра ба шумор меравад. Истифодаи захираҳои обӣ ва масъалаҳои марбут ба он аз мушкилоти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Дар ин замина Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва мушкилоти экологии на танҳо кишвар, балки минтақа ва сайёра дар самти самараноку манфиатбор истифода нашудани захираҳои обӣ эътибори хосса медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба истифодаи дурусти захираҳои обӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ҷалб намудаанд.

Маҳз ҳамин мушкилоти ҷаҳонӣ Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро водор намуд, то диққати сокинони сайёраро барои пешгирӣ ва бартараф намудани паёмадҳои нохуши он равон намуда, роҳбарони давлату халқиятҳоро ба саҳнаи муколама даъват намоянд.

3 марти соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки дар шакли видеоконференсия баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сабаби асосии тағйирёбии иқлимро дар обшавии босуръати пиряххо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ маънидод карданд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пиряххоро захираи асосии оби тоза арзёбӣ карда, изҳор доштанд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад. Президенти мамлакат таъкид доштанд, ки обшавии пиряххои Арктика ва Антарктида боиси баландшавии сатҳи укёнуси ҷаҳонӣ гардидааст ва ин омил, дар навбати худ

метавонад ба ҳаёт ва накуаҳволии садҳо миллион сокинони Замин, хусусан, дар кишварҳои хурди ҷазиранишин ва минтақаҳои наздисоҳилии онҳо таҳдид ба бор орад.

Тибқи иттилои коршиносон пиряххои Тоҷикистон босуръат об шуда истодаанд. То имрӯз аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон зиёда аз як ҳазораш комилан об шудааст. Тайи чанд даҳсолаи охир ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвари мо, ки зиёда аз 60 фоизи захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд, ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардидааст. Мутобиқи ҳисоботи пешакӣ, то соли 2030 зиёдшавии истифодабарии об дар Осиёи Марказӣ 15-20%-ро ташкил медиҳад. Агар боз камшавии ҷараёни дарёҳоро дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба ҳисоб гирем, вазъияти бавуҷудомада хатарбор мегардад. Ташаббусҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳаллу фасл ва дарёфти роҳу усулҳои рафъи мушкилоти вобаста ба об хеле муҳим ва саривақтианд. Пешниҳоди Сарвари тоҷикони ҷаҳон оид ба эълон намудани соли 2003 ҳамчун «Соли оби тоза», солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», соли 2013 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 ва соли 2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд. Маълум аст, ки дар даҳсолаҳои охир инсоният ба таҳдидҳои муосири ҷаҳонӣ дучор гардидааст, аз ҷумла, тағйирёбии иқлими сайёра ва бар асари он зиёдшавии фалокатҳои табиӣ, обхезӣ, яхчу тармафароӣ, обшавии пиряхҳо, проблемаҳо оид ба таъминоти об бинобар зиёдшавии босуръати аҳолӣ, хурӯҷи бемориҳои сирояткунанда ва ғайра.

Пешниҳоди дигари ҷониби Тоҷикистон таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо аст.

14 декабри соли ҷорӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» - ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, қабул кард.

Боиси ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфт. Бо ин мақсад 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардид ва соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор мешавад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои мӯътамад дар давоми солҳои 50-90-уми асри гузашта коҳишёбии шиддатноки пиряхҳо тақрибан 0,6-0,8 % дар як сол аз рӯйи масоҳати яхбандӣ ва қариб 0,1% аз рӯйи ҳаҷми яххо ташкил медиҳад. Агар ба таърихи майдони яхбандиҳои Тоҷикистон нигарем, онро метавон ба се давра тақсим намуд:

I. Давраи нисбатан қадимтар, ки 200 ҳазор сол пеш ба вуқуъ омадааст ва тамоми ҳудуди Помири Шарқӣ ва қисмате аз Помири Ғарбиро ишғол намуда буд. Ин давраро давраи яхбандии Тупчак меноманд. Майдони яхбандӣ 29570,0 ҳазор км$^2$-ро ташкил дода, нисбат ба майдони яхбандии замони муосир 3,5 маротиба зиёдтар аст.

II. Давраи дуюм, ки 100 ҳазор сол пеш ба вуқуъ омадааст, давраи яхбандии Лахш номида мешавад, ки майдони яхбандӣ дар ин давра 24860,0 ҳазор км$^2$-ро ташкил дода, нисбат ба майдони яхбандии замони муосир 2,9 маротиба зиёдтар будааст. Майдони яхбандиҳо дар ин давра дар минтақаи Помири Шарқӣ ду маротиба кам гардида, дар дигар қисматҳои Помир ва қаторкӯҳҳои Ҳисору Олой се маротиба афзудааст.

III. Давраи сеюми яхбандиҳо майдонҳои яхбандии муосирро дар бар мегиранд, ки майдони он зиёда аз 7864,7 км$^2$ ё худ 6%-и ҳудуди кишварро ишғол намуда, шумораи онҳо 8492 ададро ташкил медиҳад.

Бузургтарин қисмати яхбандии муосир дар минтақаи Помир воқеъ буда, он аз масоҳати яхбандии тамоми ҳудуди Қафқоз 3,5 маротиба зиёдтар аст.

Вобаста ба мавзеи ҷойгиршавӣ, таснифи яхбандиҳо тибқи ҳавзаи дарёҳои кишвар чунин ҳолатро доранд:

I. Дар ҳавзаи дарёи Аму зиёда аз 6792 адад ва ё худ 82,4%-и пиряхҳо ҷойгир гашта, майдони ишғолнамудаашон 6644,4 км$^2$–ро ташкил медиҳад:

а) дар ҳавзаи дарёҳои Кофарниҳон ва Қаратоғ зиёда аз 380 адад ва ё худ 4,7 %-и пиряхҳо ҷойгир гашта, майдони ишғолнамудаашон 120,6 км$^2$ –ро ташкил медиҳад;

б) дар ҳавзаи дарёи Вахш зиёда аз 2295 адад ва ё худ 25,3 %-и пиряхҳо ҷойгир гашта, майдони ишғолнамудаашон 3180,3 км$^2$–ро ташкил медиҳад;

в) дар ҳавзаи дарёи Панҷ зиёда аз 4117 адад ва ё худ 52,4%-и пиряхҳо ҷойгир гашта, майдони ишғолнамудаашон 3343,5 км$^2$–ро ташкил медиҳад.

II. Дар ҳавзаи дарёи Зарафшон зиёда аз 1125 адад ва ё худ 12,2%-и пиряхҳо ҷойгир гашта, майдони ишғолнамудаашон 686,7 км$^2$–ро ташкил медиҳад.

III. Дар ҳавзаи Зоркӯл ва Марқансу зиёда аз 575 адад ва ё худ 5,4%-и пиряхҳо ҷойгир гашта, майдони ишғолнамудаашон 533,6 км$^2$–ро ташкил медиҳад.

Ташаббуси навбатии Роҳбари давлат метавонад барои таъмини суботи экологӣ, ҳалли мушкилоти захираҳои яхию обии кишвар, ҷиҳати омода намудани мутахассисони баландихтисос ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сайёра таккони ҷиддӣ бахшад.

Дар шароити имрӯза дар ҳамбастагӣ метавон дар ҳалли мушкилоти экологӣ тақвият бахшидани иқтисоди «сабз» ва пешрафти босуботи ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми босазо гузошт. Бо дарназардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи бузурги захираҳои обӣ мебошад, дар даҳсолаҳои охир обшавии раванди пиряхҳо зиёд шудааст, ҷиҳати омӯзиши амиқи масоили мазкур дар кишвар Маркази пиряхшиносӣ ташкил гардидааст. Маркази мазкур, ки дар баробари пешбурди тадқиқот, мониторинги захираҳои обиро мегузаронад, инчунин, харитаи пиряхҳои Тоҷикистонро омода менамояд. Дар факултаҳои ҷуғрофиёи макотиби олии таълими ихтисоси омӯзиши пиряхҳо ба роҳ монда шуда, мутахассисони соҳаи мазкур тайёр карда мешаванд, то ки дар ин самт пажуҳишҳои фарогир анҷом дода шавад.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

**МУҲАММАД ҲАЙДАРЗОДА ВА ДОДХУДО ШАРИФЗОДА - БЕҲТАРИН ДОНИШҶӮЁНИ ИДМ**

Магистранти курси якуми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муҳаммад Ҳайдарзода ва магистранти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Додхудо Шарифзода дар озмуни «Беҳтарин донишҷӯи ИДМ-2023» ғолиб омада, бо дипломи дараҷаи I, шаҳодатнома ва медали сарисинагии «Беҳтарин донишҷӯи ИДМ-2023» мукофотонида шуданд. Озмуни мазкур дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо ташаббуси Ассотсиатсияи байналмилалии донишҷӯён ва дастгирии Иттиҳодияи шахсони ҳуқуқии «Ҳаракати умумимиллии Бобек»-и Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Китобхонаи илмии электронии «eLIBRARY.RU»-и Федератсияи Россия баргузор гардид. Тоҷикистон, Узбекистон аз рӯйи бахшҳои илм, варзиш ва санъат баргузор гардида, дар китоби V байналмилалии «Беҳтарин донишҷӯи ИДМ-2023» нашр гардид.

**БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ҶАВОНОН**



*Илҳомҷон ҲАМИДИЁН,*
*номзади илми филология,*
*дотсенти факултаи журналистикаи*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ЗӮРИ МУШТ ДАР ВАҲДАТИ ПАНҶ АНГУШТ



Аз соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 май ҳамчун “Рӯзи ҷавонон” таҷлил мегардад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” (дар таҳрири нав 23 декабри соли 2021, №1830) ба тасвиб расид, ки аз 5 боб ва 33 модда иборат аст ва асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ташаккулу камолоти ҷавононро бо мақсади амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон пешбинӣ карда, истифодаи самараноки неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳоро ба манфиати ҷомеа муайян менамояд. Амалӣ намудани ин қонун муносибатҳои гуногуни меҳнатиро ба вуҷуд оварда, талаб менамояд, ки дар қонунгузории соҳа тағйирот ба амал оварда, мавриди амал қарор додани он талаби замон аст ва имкон медиҳад, ки давлат кафолати дар соҳаи ҷавонон ба зиммаи худ гирифтаро сари вақт ва пурра таъмин намояд.

Арҷгузорӣ ва таваҷҷуҳ ба ҷавонон танҳо хоси як рӯз набуда, дар сиёсати ҷавонпарварона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи муҳим ва барҷаста дорад.

Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ, кафолати аз ҷониби ҷавонон интихоб гардидани роҳи зиндагӣ, худтатбиқнамоии шахсии онҳо, рушд ва дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятии наврасону ҷавонон ба ҳаракат ва ташаббусҳо нигаронида шудааст. Дар баромадҳои пурмуҳтавои Роҳбари давлат дуруст қайд мешавад, ки ба ҷавонон дар баробари эҳсоси худшиносии милливу ғурури ватандорӣ омӯхтани таҳаммулгароӣ, инсондӯстӣ, арзишҳои башарию эҳтироми фарҳанги миллӣ дар шароити кунунии ҷаҳони зудтағйирёбанда шарт ва зарур аст.

Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир ва шиддат гирифтани рақобатҳои геополитикӣ собит месозанд, ки ҷавононро неруҳои мухталиф мехоҳанд ба манфиати худ истифода намоянд. Тавре медонем, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар шаҳрванд озодии дин ва виҷдонро кафолат медиҳад. Дар баробари ин, давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон омӯзиши илмҳои диниву мазҳабиро инкор накарда, тибқи ниёзи ҷомеа ва ба тариқи расмӣ танзиму ташкил кардани онро аз вазифаҳои муҳимми хеш медонад.

Фаъолияти пинҳонкоронаву радикалии ҳизбҳои экстремистӣ ба афкори ҷомеа, пеш аз ҳама, ҷавонон таъсири манфӣ расонида, аъзои он муқобили сохти конститутсионӣ, Истиқлоли давлатӣ, арзишҳои демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ баромад мекунанд, ки ин бар хилофи меъёрҳои ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, фарҳанги миллӣ ва эҳтироми забони модарӣ аст. Афкори экстремистии мазҳабҳои дигар ва равияҳои навбаромадро ҷавонон дар мизони ақли худ баркашида, дурустӣ ва нодурустияшро санҷида хулосаи зарурӣ баровaрданд. Маълум аст, ки аксари ин ҳизбу ҳаракатҳо ҳадафи нопок доранд, барои ба даст овардани ҳокимият қодиранд, падару модар ва бародари худро низ қурбон кунанд.

Аз нигоҳи амалӣ масъалаи сиёсати давлатии ҷавононро аз се паҳлу баррасӣ намудан мумкин аст:

1. Дарҷи масоили ҷавонон дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ
2. Масъулияти давлат назди ҷавонон
3. Мушкилоти ҳаёту фаъолияти ҷавонон

Ба ниёзҳои муосири ҷавонон мутобиқ шудани сиёсати Ҳукумати мамлакат раванди мудовим ва муттасил мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар ин самт вобаста ба раванду тамоюл ва падидаҳои гуногун тағйир ёфта, мукаммал гардидааст. Пажуҳишҳое, ки нисбат ба ҳаёти ҷавонон дар кишвар дар партави тасмимҳои Ҳукумати кишвар дар солҳои соҳибистиқлолӣ сурат гирифтааст, нишон медиҳад, ки давлат ба сифати дастгоҳи идоракунанда талош дорад, вобаста ба талаботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии насли ҷавон ташаббусҳои марбутаро амалӣ созад. Дар меҳвари ташаббусу тасмимҳои сиёсати давлатии ҷавонон – чи дар тартибу муқаррар кардани санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва чи дар чорабиниҳои амалӣ зарур аст, ки манфиатҳои миллӣ дар фаъолияти ҷавонон ҳифз ва гиромӣ дошта шавад. Ин нукта дар таҳқиқоти илмию публитсистӣ ишора шуда, чун хулосаи бебаҳс қабул гардидааст.

Ҷавонони Тоҷикистони имрӯз моҳияти Истиқлоли давлатиро ба хубӣ дарк карда, ба рамзҳои давлатӣ ва забони модарӣ ҳамчун муқаддасоти миллӣ эҳтиром мегузоранд. Тарбия намудани эҳсоси ватандӯстӣ дар ҷавонон ва омода будан барои ҳимояи нангу номус ва марзу буми кишвар аз авлавиятҳое махсуб меёбад, ки механизмҳои он дар шароити феълӣ бояд ҳатман бознигарӣ гардад.

Бояд гуфт, ки дар шароити муосир масъалаи тарбияи насли ҷавон нисбат ба таълими онҳо бартарият пайдо кардааст. Роҳ ёфтани амалҳои ғайриахлоқӣ дар мактабҳои миёна ва расонаӣ шудани онҳо тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, парастиши ноогоҳона ва тақлидкоронаи фарҳанги барои миллати мо бегона, зӯроварӣ ва наворгирию ба интернет роҳ ёфтани онҳо, таҳқиру дағалгуфторӣ, хусусан, унсурҳои ноҷои паст задани шарафи инсон ва коҳидани ахлоқи ҳамидаву ҷаҳони поки маънавӣ аз ҷумлаи масъалаҳое ҳастанд, ки нигаронкунанда мебошад. Шинохти мероси пурғановати гузаштагон ва шахсиятҳои баруманди илмӣ, динӣ, адабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии халқи хеш аз манфиат холӣ нест, аммо муҷаҳҳаз шудани ҷавонон бо донишҳои замонавӣ ва технологияи муосир низ нақши бағоят бузург дорад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст мегӯянд, ки яке аз роҳҳои асосии пешгирии амалҳои ношоиста ва қонуншиканиҳо, инчунин, аз ҷониби ҷавонон ба таври зарурӣ ҳифз гардидани ҳуқуқҳои конститутсиониашон баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии онҳо мебошад. Дар шароити муосири Тоҷикистон бе тарбияи насли ҷавони дорои ахлоқи ҳамида, донишҳои касбии замонавӣ ва забондон эъмори ҷомеаи мутамаддин ва давлати пешрафта умуман имконнопазир аст.

Дар доираи фаъолияти худ ва татбиқи сиёсати идеологӣ ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ ва зисту зиндагонии ҷавонон, паст намудани сатҳи бекорӣ, пешгирии зуҳуроти номатлуб дар байни онҳо ва вайроншавии оилаҳои ҷавон мо бояд тадбирҳои мушаххасро рӯйи

кор оварда, бо ҷалби мустақими буҷети давлатӣ ва маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ барои ҷавонон шароити мусоид фароҳам орем.

Фаъолияти ваколатдори давлатии соҳа – Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати мамлакат собит намуд, ки интизориҳо аз ин сохтор қисман бароварда шуда, кор дар ин самт ҳанӯз идома дорад.

Дарвоқеъ, ҷавонон аз муҳимтарин қишрҳои иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа мебошанд. Фарогирии сохтории сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ аз муҳимтарин омилҳое мебошанд, ки мавқеи иҷтимоӣ-сиёсии ҷавонони мо тавассути онҳо муқаррар мешавад. Дар кишвар ҳадафи шароити мусоид барои вусъати ҳамаҷонибаи неруи ҷавонон фароҳам оварда шудааст ва вазифаю мақсад ва принсипҳои он ҳамаҷониба дастгирӣ меёбад, чунки онҳо объекти манфиатҳои миллию давлатӣ буда, яке аз омилҳои асосии рушди давлат ва ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Асосҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти комплексӣ дошта, фароҳам сохтани заминаи кору фаъолияти ҷавононро дар ҳама самту соҳаҳо ифода мекунад. Такмил ёфтани ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон боиси боло рафтани нақши онҳо дар ҷомеа мегардад. Падидаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар нишон медиҳад, ки асосҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан мукаммал шуда, ба ниёзҳои ҷавонон мутобиқ мегардад.

Инкишофи тамоюлҳои мусбати иҷтимоӣ дар байни ҷавонон ва ҳалли масъалаҳои умдаи иҷтимоию иқтисодии онҳо дар марҳалаи муосир танҳо вазифаи давлату Ҳукумат нест. Дар ҷомеаи демократӣ ин мушкилотро созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ низ ҳаллу фасл менамоянд.

Зарур аст, ки заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ, ҳарбии мудофиавӣ, идеологӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон такмил дода шуда, ҷиҳати рушди фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷавонон заминаҳои боз ҳам мусоид фароҳам оварда шаванд.

Аз контексти сиёсати давлатии ҷавонон бармеояд, ки мавқеи давлат ба ҳаёти ҷавонон ва неруи ҷисмониву ақлонии онҳо дар асоси принсипҳои волои башарӣ ва шаҳрвандӣ муайян шудааст. Татбиқи барномаҳои давлатӣ дар заминаи сиёсати ҷавонон далели онанд, ки сиёсати давлатӣ дар ин соҳа муваффақ аст.

Моҳият ва мазмуни «Сиёсати давлатии ҷавонон» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба стандартҳои пазируфташудаи байналмилалӣ сурат гирифта, заминаҳои рушду такомули сиёсати давлатии он дар мисоли Тоҷикистон ба шакли дурусту ҷавобгӯ ба талаботи замон фароҳам омадааст. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон хислати инсондӯстӣ дошта, тибқи принсипҳои пазируфтаи кишвари мо дар назди созмонҳои байналмилалӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд амалӣ мешавад.

Инкишофи сиёсиву иҷтимоии ҷавонон ва неруи созандаи онҳо барои давлату миллат омили муҳим аст. Ҳимояи ҷавонон, ки аз сиёсати давлатии ҷавонон маншаъ мегирад, дар оянда натиҷаи нек медиҳад ва барои ба даст омадани дастовардҳои нави илмӣ барои имрӯз ва фардои Тоҷикистон заминаи мусоид хоҳад гузошт.

Аз ин рӯ, мо бояд кӯшиш намоем, ки ҷавононро ҳамчун неруи воқеии роҳбарикунанда муаррифӣ намуда, саҳми назарраси онҳоро дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқ таъмин намоем. Ҷоннок намудани фаъолияти созмонҳои кор бо ҷавонон дар шароити мураккаби муосир, густариш бахшидани принсипи “аз ҳамсол ба ҳамсол”, вокуниши саривақтӣ ба маводи муғризона дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, таъмини иҷтимоии ҷавонон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, мусоидат дар иштироки фаъолонаи ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа вазифаи мо мебошад.

**ЗАБОНШИНОСӢ**

***Садриддин АЙНӢ***

# ДАР АТРОФИ ЗАБОНИ ФОРСӢ ВА ТОҶИКӢ



Баъзе касоне, ки ба забони тоҷикӣ дуруст ошно нестанд, «забони тоҷикӣ аз форсӣ чӣ қадар фарқ дорад?» гуфта мепурсанд, аммо касе, ки ба адабиёти кухна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ шиносоӣ дорад, ба хубӣ медонад, ки дар миёни инҳо фарқи асосӣ нест. Дуруст, агар мо лаҳҷаҳои маҳаллиро дар назар гирем ва ба ҳамон нигоҳ карда забонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунем, на ин ки дар байни Эрон ва Осиёи Миёна, балки дар байни худи аҳолии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳам хеле лаҳҷаҳои ҷудогона ёфт мешавад. Лекин дар дунё ҳеҷ қавме нест, ки ҷудогонагии ҷузъии лаҳҷаҳои маҳаллиро дар назар гирифта, барои ҳар лаҳҷа як забони ҷудогона сохта баровcovarда бошад. Як тоҷик ё ки як эронӣ асарҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Низомӣ ва монанди инҳоро чи қадар фаҳмида ва дӯст дошта хонад, ҳамон қадар ҳам асарҳои Рӯдакӣ, Камоли Хӯҷандӣ, Исмати Бухорӣ, Сайфи Исфарангӣ ва монанди инҳоро фаҳмида ва дӯст дошта мехонад. Як тоҷик барои фаҳмидани баъзе луғатҳои аз фурси қадим гирифташудаи Фирдавсӣ ба чӣ андоза ба душворӣ афтад, як эронӣ ҳам барои фаҳмидани онҳо ҳамон қадар душворӣ мекашад.

Инҳо, ки гуфта шуд, нисбат ба адабиёти кухна, адабиёти манзуми имрӯзаи эрониён ва тоҷикон ва забони авоми Эрон ва тоҷикон аст. Аммо агар ба сари забони нашри матбуоти имрӯзаи Эрон биёем, масъала ранги дигар мегирад. Зеро забони нашри матбуоти имрӯзаи Эрон 60-70 фоиз ба арабиҳои мушкил омезиш ёфтааст, ки гумон намекунам онҳоро ҳар эронии саводнок ҳам бифаҳмад, чи ҷои тоҷикон. Ман шахсан ба кор фармудани баъзе суханҳои арабӣ, ки имрӯз дар забони форсу тоҷикӣ ҳазм шудааст, муқобил нестам. Ва инчунин кор фармудани истилоҳҳои илмӣ – арабиро, ки аз имрӯза форсӣ ё тоҷикӣ ба ҷои онҳо сухани қобиле ёфт намешавад, лозим медонам. Лекин на ба он дараҷа, ки аз забони форсӣ танҳо адот боқӣ монад, ё баъзе суханҳои дар форсӣ ҳазм шудаи арабиро ба қоидаи араб ҷамъ карда хонандагонро ба кофтукови луғат ва сарфу наҳви арабӣ маҷбур кунанд.

Мо бар ин бора мисолҳо ва намунаҳо аз матбуоти имрӯзаи Эрон оварда метавонистем, фақат аз дароз шудани мақола тарсида аз ин кор чашм пӯшидем ва ҷустуҷӯ карданро ба худи хонандагони ҳаваскор ҳавола намудем.

Лекин як мактуби чопаеро, ки аз Кирмоншоҳ ба идораи «Раҳбари дониш» омада акси он дар ин шумора чоп шудааст, ба пеши тамошои хонандагон мегузорем. Ин мактуби 15 сатра ҳамагӣ тахминан 150 калима буда, аз онҳо танҳо 33 калимааш форсӣ аст, ки бештари инҳо ҳам монанди «чун, ки, аст» адот ва робита аст. Ин аст сурати он мактуб:

Идораи ҷаридаи шарифа…

Чун биҳамдилло ва-л-минна Ширкати Саодати Кирмоншоҳ, ки яке аз муассисоти тиҷоратӣ ва маорифӣ ва омм-ул-манфиа аст, то кунун ба таъсиси муассисоти хайрия аз қабили матбаа ва

китобхона ва ғайра, ки ҳар як омили муҳимми тараққӣ ва басти маориф ва нашри танвири афкору тавсиаи доираи илм ва иттилоот аст, муваффақ шудааст ва инак дар таъқиби назариёти хайрхоҳонаи ҳайати омила ва мудираи ин ширкат ва бар асари мусоии ҷумлаи эшон (қироатхонаи Ширкати Саодат) низ, ки ифтитоҳ ва таъсиси он манут ва мутаваққиф ва иҷозаи расмӣ аз мақоми манеъи вазорати ҷалилаи дохила буд, бо доштани иҷоза ва имтиёзи расмии он вазорати ҷалила расман мафтуҳ ва бинобар муқаддамоти фавқ, ки барои муаррифии Ширкати Саодат ва муассисоти хайрияи ширкати мазбура буд ва назар ба ин ки китобхона ва қироатхона барои басти доираи илм ва иттилоот таъсис шуда, лизо аз коркунони он идораи муҳтарам мутаммманӣ аст барои мусоадат бо ин муассасаи ому-ул-манфиа ва кумак ба нашри иттилоот ва хидмат ба маориф минбаъд як шумора аз ҷаридаи шарифаро ба унвони ин қироатхона ирсол намуда ва аз ин иқдоми маорифпарварона аъзои ин Ширкат ва коркунони муассасоти онро қарини имтинон фармоед.

Мудири китобхона ва қироатхона:
*С. Муҳаммадсаид Ҳасании Ғайратзода*

Сабаби аслӣ барои навиштани ин ҷизҳо як-ду мактуби хусусӣ буд, ки аз Эрон ба номи мудири «Раҳбари дониш» омада буд. Нависандаи яке аз ин мактубҳо (аз баски мактуби хусусӣ буд, бе иҷозат изҳор кардани номи нависандаи мухтарам муносиб дида нашуд) дар бораи забони «Раҳбари дониш» чунин менигорад ки: «...чун муҳити Шумо мутамаддинтар ва озодтар аз Эрон аст, тараққиёти шумо сареътар хоҳад буд, фақат, ба ақидаи ман, боистӣ қадаре форсии маҷаллаи худатонро мутобиқи маҷаллот ва рӯзномаҳои Эрон бинависед. Порае фироз ва каламот дар маҷаллаи шумо дидем, ки имрӯза миёни мо эрониён маъмул нест ва албатта тадриҷан ислоҳ хоҳед намуд...»

Табиӣ, дар ҷавоби ин мактуб бо далелҳои лузуми сода кардани забон, мактубе аз ҷониби мудир навишта шуд.

Дар ҷавоби ин мактуб боз худи ҳамон нигорандаи муҳтарам дар мактуби дуввум менависад:

«Далоили мазкураи роҷеъ ба тарзи таҳрири маҷаллаи «Раҳбари дониш» мутобиқ бо ақл ва мантиқ аст... Ба тавре ки марқум намудаед, ҷароиди Эрон мавриди истифодаи умумӣ намебошад ва муҳимтарин рӯзномаи ин мамлакат шояд мутаҷовиз аз ҳазор хонанда дар байни даҳ миллион нуфус надошта бошад»...

Ин ду мактубро агарчи як шахс навиштааст, ба мо бисёр чизҳоро мефаҳмонад: 1) Забони матбуоти Эрон на танҳо ба тоҷикон, балки ба худи эрониён ҳам душворӣ мекардааст, ки ин ҷиҳатро нависанда дар мактуби дуввум иқрор мекунад. 2) Забони матбуоти Эронро бо он ҳама иборатҳои пуртантанаи касдону касмадон пур кардан ба ҳеҷ асоси маъқулӣ вобаста набудааст, чунончи касе, ки он иборатҳои тантанадорро бар «Раҳбари дониш» пешкаш мекард, дар мактуби дуввум «далоили сода кардани забонро мутобиқ бо ақлу мантиқ» мешуморад. 3) Модом ки ин амрҳои воқеъ» дар майдон аст, модом ки «далоили содда кардани забон мутобиқи ақл ва мантиқ» аст, забони матбуоти Эрон ҳам дер аст ё зуд содда хоҳад шуд.

Баъзе касон ҳастанд, ки ба сабаби ошно набуданашон забони тоҷикиро, яъне забони авоми тоҷикро забони форсии вайроншуда мепиндоранд. «Лекин агар аз баъзе таъсирҳои ҷузъии забони ӯзбекӣ чашм пӯшем (масалан, кор фармудани «мӣ» дар мавриди истифҳом), содатарин ва софтарини лаҳҷаҳои форсӣ - забони тоҷик аст.

Ин даъвои моро мусташриқи маҷорӣ Ҳерман Вамбери, ки чанде дар Эрон ва Осиёи Миёна забонро тафтиш кардааст, қувват медиҳад. Ин мусташриқ дар ҷилди аввали «Таърихи Бухоро ё худ Мовароуннаҳр» ном асари худ дар як ҷои фасле, ки «Давраи пеш аз ислом» гуфта сар мекунад, дар бораи забони тоҷикӣ - форсии Осиёи Миёна менависад:

«Шеваи ҳозираи форсии Осиёи Миёна аз ҷиҳати луғат ва эъроб ба ҳамаи шеваҳои дигар дида хосиятҳои форсии қадимро бештар нигоҳ доштааст. Агарчи форсиёни Осиёи Миёна аз бисёр асрҳо боз ҳамеша дар миёнаи унсурони тӯрон бошанд ҳам, содагии забонро нигоҳдорӣ кардаанд.

Шеваҳои дигари форсӣ, хусусан, шеваҳои ҷанубӣ, агарчи бо ҳамсоягонии ғарбии худ – сомиҳо кам омехта бошанд ҳам, ба таъсири онҳо (сомиҳо) бисёртар дода шудаанд...»

Ин даъвои мусташрикро бо як мисол қувват диҳем: агар ба китобҳои луғати форсӣ мурочиат кунем, суханҳоеро, ки дар миёни онҳо «و» ё «ی»-и *мамдуд* аст, *«вов»-и маълум, «вов»-и маҷҳул,* ва *«ё»-и маълум* ва *«ё»-и маҷҳул* гуфта таъин мекунанд. Ин ҷудогонагии *«вов»* ва *«ё»-ҳо* то имрӯз дар забони тоҷикӣ маҳфуз мондааст, ҳар тоҷик شیر шер (ҳайвони дарранда)-ро бо «ё»-и маҷҳул ва шири (нӯшиданӣ)-ро бо «*ё*»-и *маълум* мегӯяд ва инчунин ин ҷудогонагии овозро дар *«вов»-ҳои «рӯз-суз-ҷӯй-мӯй»* (бо вови маҷҳул) *ва «дур-буд-суд ва зуд»* (бо вови маълум) равшан карда мебарорад. Аммо эрониёне, ки мо дидаем, ҳамаро маълум карда мегӯянд, албатта, ин аз таъсири забони араб омадааст, ки дар вай ҳама *«вов»* ва «*ё*»-ҳои мамдуда маълуманд.

Мусташриқи мазкур дар гуфтаҳои болои худ боз як ҳошия баста мегӯяд:

«Лаҳҷаи форсии Осиёи Миёна, ки бо вай тоҷикон гап мезананд, то имрӯз аз тарафи донишмандони забони форсӣ тафтиш нашудааст. Дар ин лаҳҷа аз ҷиҳати луғат ва аз ҷиҳати эъроб бисёр хосиятҳо ҳастанд, ки услуби Фирдавсиро ба ёд меоранд, дар ин лаҳҷа замирҳо ва феълҳо назар ба лаҳҷаи ҳозираи Эрон ба таъсири забони бегона камтар дода шудаанд...»

Азбаски мусташриқи мазкур 65 сол пештар аз замони ҳозира (1863) Эрон ва Осиёи Миёнаро сайр ва тафтиш кардааст, бояд қуввати дарёфти вай то имрӯз боқӣ бошад ва дар ин муддати андак дигаргуниҳои бисёре ба забон рӯй дода забони авоми тоҷикро аз забони авоми эронӣ вайронтар накарда бошад.

Аз ҳамаи ин навиштаҳо ба гумони ман як масъалаи дигар ҳам ҷавоб ёфт: баъзи касон «рафта-рафта забони матбуоти тоҷикӣ ба забони форсии умумӣ як хоҳад шуд, ё ин ки як лаҳҷаи ҷудогона шуда хоҳад монд?» гуфта аз нависандагони тоҷикзабон мепурсанд.

Агар муроди ин пурсандагон аз забони форсии умумӣ забони форсии содатар бошад, забони тоҷикӣ худи ҳамон аст, ки қисман ба майдони матбуот ва адабиёти нави тоҷикӣ қадам мондааст. Ба гузаштани замон ва зиёдатии таҷрибаи нависандагон боз содатар ва авомфаҳмтар хоҳад шуд. Азбаски забони оммаи тоҷик ҳанӯз дуруст тафтиш нашудааст, нависандагони мо дар деҳаҳо ва кӯҳсорҳо кам гаштаанд, ба кор фармудани баъзе таъбироти душвор, ки аз китобҳо ёд гирифтаанд ва баъзе калимаҳо, ки аз ҳамсоягон ба мо гузаштааст, маҷбур мешаванд, ин душвориҳо, ба андозае ки нависандагони мо ба авом наздик мешаванд ва авомро мешиносанд, кам ва бартараф хоҳад шуд. Яъне забони матбуоти тоҷик рафта-рафта аз ҳозирааш ҳам содатар хоҳад гардид, ки ин мешавад забони форсии сода.

Аммо агар муроди пурсанда аз забони форсии умумӣ забони матбуоти имрӯзаи Эрон бошад, на ин ки забони матбуоти тоҷик рафта-рафта ба вай наздик хоҳад шуд, балки дер аст ё зуд забони матбуоти имрӯзаи Эрон, ба сода кардани худ ва наздик шудан ба авоми худ маҷбур хоҳад шуд, ки ин мешавад забони форсии сода, забони тоҷикӣ – забони зинда дар байни авоми имрӯза!

*«Раҳбари дониш», шумораи 4-5 соли 1928.*

**АЗ ИДОРА:** Чанде пеш омӯзгори собиқадори гимназияи №1-и шаҳри Конибодом Шарофат Шаҳобитдинова бо ирсоли як мактуб ба идораи маҷалла дархости чопи мақолаҳои устод Садриддин Айниро намуд, ки дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ таълиф шудаанд. Бинобар ин, дар ҳар шумораи маҷалла нигоштаҳои устод Айнӣ, ки ба масоили забону адабиёт бахшида шудаанд ва барои омӯзгорону устодон омӯзишу мутолиаи онҳо судманд аст, пешниҳод мегардад.

Аҳли қалами маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» аз ҳамкории густурдаи омӯзгорону устодон изҳори сипос намуда, ҳамзамон, хоҳиш менамоянд, ки ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидани фаъолияти маҷалла фикру мулоҳиза ва андешаҳои хешро ба суроғаи m.omuzgor@maorif.tj ирсол кунанд.

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

***Ҳумайро СОДИҚОВА,***
***мудири кӯдакистони №128-и***
***ноҳияи Фирдавсӣ***

# МАСЪУЛИЯТ ДАР ТАРБИЯИ КӮДАК



Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мураббӣ дар ҳамдастӣ бо волидон, муаллимони синфҳои ибтидоӣ тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстиро чун сифати волои шахсӣ ва ҳисси арзишманди ахлоқию ичтимоӣ дар меҳвари машғулиятҳояш мегузорад.

Давраи томактабӣ дар ҳаёти инсон давраи муҳим дар тарбия ва ташаккулдиҳии сифатҳои ахлоқӣ, аз ҷумла, тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Мураббиён бояд ба ин масъалаи таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошта бошанд. Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳӣ, ватандорию ватанпарварӣ дар давраи томактабӣ хеле мухим аст. Таҳлили адабиёти илмию методӣ ва таҷрибаи оилавӣ нишон медиҳад, ки ҳисси ватандӯстӣ дар муҳаббат ба Ватан, ба зодгоҳ, талош баҳри ҳифзи манфиатҳои миллат ва доимо омода будан баҳри дифоъ аз душман ифода мегардад. Ватандӯстӣ барои ҳар як фард маънои махсус дошта, он фарҳанг, ҷаҳонбинӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва муносибат ба арзишҳои моддию маънавии халқи хешро ифода менамояд.

Вазифаи асосии тарбияи ҳиссиёти ватандӯстиро барои кӯдакони синни томактабӣ чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

-тарбия намудан ва ташаккулдиҳии муносибати хайрхоҳона ва мусбат ба одамони атроф, аҳли хонавода, кӯдакистон, деҳа, шаҳр, ки дар он кӯдак зиндагӣ мекунад ва ба воя мерасад;

-парваридани ҳисси дӯстдории табиат, мероси фарҳангии халқу миллати худ;

-тарбия намудани ҳисси муҳаббату эҳтиром нисбат ба халқу миллати хеш, донистагирии хусусиятҳои миллӣ, ифтихор аз дирӯзу имрӯз ва фардои Ватан;

-ташаккулдиҳии таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҳамсолон, фарзандони миллатҳои дигар, ки якҷоя дар кӯдакистон, ҳамсоягӣ, деҳаю шаҳр кору зиндагӣ кунад.

Дар чараёни машғулиятҳои махсус ташкилшуда (инкишофи нутқ, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ, шиносоӣ бо муҳити зист, фаъолияти мусаввирӣ, мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайраҳо) саёҳат, сайругашт, махсусан, бозиҳо бояд таъмин карда шаванд. Дар ин ҷабҳа бозиҳое, ки дар онҳо забони модарӣ, одату анъанаҳои миллӣ, маросиму ҷашнвораҳои халқию умумибашарӣ ифода мегарданд, дар тарбияи ҳисси ватандӯстии кӯдакон нақши муҳим пайдо мекунанд.

Калонсолон, волидайн ва мураббиёни кӯдакистонҳо, рафтор, кирдору гуфтори ҳаррӯзаи кӯдакро наззора менамоянд, фаъолияти гуногуни ӯро ташкилу роҳнамоӣ карда, чун шахс ташаккул медиҳанд. Махсусан, ба тарбияи сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили ростгӯӣ, поквиҷдонӣ,

ҳурмату эҳтироми калонсолон, меҳру муҳаббат ба наздикон, аҳли оила, зодгоҳ, пойтахти кишвар ва ғайра диққати махсус медиҳанд. Дар тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ, ифтихор аз забону миллати худ шинос намудани бачаҳо бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рамзҳои давлатӣ, ба онҳо маълумот ироа кардан дар хусуси Артиши миллӣ, ғамхории давлат дар ҳаққи модарону кӯдакон, мазмуну мундариҷаи Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, идҳои миллӣ, санадҳои таърихӣ ва ғайра аҳамияти калон дорад. Маҳз дар ҳамин давра кӯдак на танҳо сиру асрори муҳитро барои донистан кӯшиш мекунад, инчунин, ӯро ҳодисаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фаъолияти Сарвари кишвар, меҳнати бунёдкоронаи одамон, дигаргунии табиат ва фаслҳои сол, идҳо, маъракаҳои фарҳангию маърифатӣ ва ғайра ба худ ҷалб мекунанд. Дар зер ҳамчун замима ба ин нигоштаҳо таъсири фишурдаи машғулиятеро бо кӯдакон дар мавзуи “Давлати Тоҷикистон” меоварем.

**Мавзуъ: «Давлати Тоҷикистон»**

**Мақсади машғулият:**

1.Такмили дониши кӯдакон дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Маълумот дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.Тавзеҳи мафҳумҳои шаҳодатномаву шиноснома (кай, ба кӣ ва дар куҷо додани чунин ҳуҷҷатҳо).

4.Бо нишон додани либоси миллӣ диққати кӯдаконро ба нақшу нигори хоси миллӣ ҷалб кардан.

**Рафти машғулият:**

**Мураббӣ:** -Бачаҳо, Тоҷикистон давлати мост. Давлати мо чӣ гуна давлат аст?

**Кӯдакон:** -Давлати мустақил.

**Мураббӣ:** -Кадом давлатро мо давлати мустақил меномем?

**Кӯдакон:** -Давлате, ки дорои рамзҳои давлатӣ, сарҳад, артиш мебошад.

**Мураббӣ:** -Дар баробари ҳамаи ин, ҳар як давлат Конститутсия дорад.

Конститутсия қонуни асосии кишвар аст.

Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як сокини мамлакат бояд маълумот дошта бошад.

Дар он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ сабт шудааст. Ҳар як сокини ҷумҳурӣ бояд Конститутсияро эҳтиром карда, дар доираи арзишҳои он зиндагӣ ва фаъолият намояд.

Бачаҳо, шумо низ сокини Ҷумҳурии Тоҷикистонед. Вақте ки таваллуд шудед, ба шумо шаҳодатнома додаанд. Дар хона аз модаратон пурсед, онро нишон медиҳад. Ин ҳуҷҷат сокини ҷумҳурӣ будани шуморо тасдиқ мекунад ва шумо ҳамчун сокини комилҳуқуқи кишвар бояд ҳуқуқ ва вазифаҳои худро донед.

Бачаҳо, биёед акнун ҳамроҳи шумо бозии «Меҳмон аз куҷо?»-ро иҷро мекунем.

Мураббӣ якчанд лухтаки либосҳои гуногун пӯшидаро як-як ба кӯдакон нишон дода, ба кадом миллат дахл доштани онҳоро пурсон мешавад.

Ба кӯдакон имкон медиҳад, ки онҳо ба лухтак наздик шуда, либосҳои онҳоро бо дасташон ламс карда бинанд. Аз рӯйи либос меҳмон аз куҷо буданашро кӯдак бояд гуфта тавонад.

Дар қисми дуюми рӯз доир ба либосҳои миллии халқҳои гуногун кашидани расм машғулият баргузор карда мешавад.

Тавасути чунин суҳбатҳо дар кӯдакон нисбат ба миллат ва халқҳои дигар тасаввурот пайдо мешавад, ҷаҳонбиниашон васеъ мегардад.

Мураббӣ машғулиятро ҷамъбаст намуда, кӯдакони фаъолро номбар ва рӯҳбаланд мекунад, ба ҳамаи кӯдакон ширинӣ медиҳад.

**ТАҲЛИЛ**



***Шаҳлои Абдуализодаи ТОҲИРИЁН,***
***сардори раёсати ташхис ва тақризи***
***адабиёти таълимии ПРМ АТТ,***
***номзади илми филология***

# МАВҚЕИ СУҲБАТ ДАР ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН

Ташкил намудани таълими фанҳои дорои аҳамияти маънавӣ-ахлоқӣ ҳамчун раванди фаъолгардонӣ ва пешравии таълими пурмазмун, инкишофи самтҳои лаёқатмандии хонандагон яке аз вазифаҳои афзалиятноки таълим ба шумор меравад. Барои ҳар як хонанда иштирок дар дарсҳои адабиёти тоҷики муҳтавои маънавӣ-ахлоқидошта бояд шавқовар бошад. Дар машғулиятҳои характери маънавӣ-ахлоқидошта моделҳои муташаккилонаро истифода бурдан мумкин аст, ки дар он хонанда бо вазъияти интихоб рӯ ба рӯ мегардад. Интихобе, ки дар он на танҳо қобилияти интеллектуалӣ, балки шаклҳои истеъдодҳои табиӣ низ ташаккул меёбад.

Дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҳам ҳолатҳои вербалӣ ва ҳам воқеӣ истифода шуданд. Масалан, ҷиҳати муайян намудани афкори маънавиётро азхудкунии хонандагони синфи 6 дар МТМУ №1 ноҳияи Рӯдакӣ вазъияти реалии ҳикоят аз «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ «Султон Санҷар ва пиразан» синфро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, савол додем, ки «Оё Султон Санҷар аз ҳоли раият хабар дорад?», «Ба фикри шумо пиразан ба подшоҳ насиҳати дуруст кард ё не?». Аз 120 хонандаи дар озмоиш иштироқнамуда 80 нафар ҷавоби дуруст ва 36 нафар ҷавоби нодуруст доданд. Боқимонда 4 нафар мавқеи бетарафиро ихтиёр намуданд. Дар охири соли хониш пас аз гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ ва амалигардонии усулҳои педагогӣ ин таҷриба чунин натиҷа дод: 95 нафар ҷавоби мусбат, 21 нафар ҷавоби манфӣ ва 3 нафар бетараф . Натиҷаи таҷрибаи гузаронидашуда дар диаграмма пешниҳод мешавад:



Натиҷаҳои озмоишро муқоиса намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки динамикаи болоравии сатҳу сифати тарбияи маънавӣ – ахлоқии хонандагон дар давраи охири озмоиш ба 95% расидааст ва ин нишондод далели имконпазир будани таъсиррасонии таълиму тарбия, хусусан, зимни таълими фанни адабиёти тоҷик мебошад. Дараҷаи ивазшавии нишондоди тарбияи маънавӣ – ахлоқии хонандагон нишон медиҳад, ки барои онҳо, пеш аз ҳама, муҳаббат ба атрофиён, инсондӯстӣ ва раҳму шафқат ба ниёзмандон муҳим аст. Барои ноил гаштан ба ин мақсад омӯзгор метавонад чунин методҳоро низ дар дарс истифода барад:

**Супориш:** Такрор накарда тамоми калимаҳои «Ҳикояти бозаргон ва тӯтӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро номбар кунед. Шахсе, ки дар муддати як дақиқа аз дигарон дида калимаҳои бештар мегӯяд, ғолиб мегардад.

**Кластер.** Кластер – ин дар шакли график сохтани мавод аст, ки маъноҳои ин ё он мафҳумро фаро гирифтааст. Сохтани кластер ба хонанда имконият медиҳад, ки дар бораи мавзуи муайян амиқ ва мушаххас андеша намоянд. Хонанда дар мобайни варақ калимаи калидиеро менависад, аз он ба ҳар тараф ба шакли тирҳо хат мебарад. Ин хатҳо калимаҳои дигари ба мавзуъ алоқамандро ба якдигар пайваст мекунанд ва аз он калимаҳо низ мешавад, ки тирҳо кашида шаванд.

**«Дарахти пешгӯйӣ»**

Ин усул имконият медиҳад, ки оид ба хати сюжети ҳикоя ё ин ки повест фарзияҳо созем. Қоидаи кор бо усул чунин аст: Кундаи дарахт – мавзуъ, шохаҳояш – фарзияҳое, ки ба ду самти асосӣ «мумкин» ё «имкон дорад» (шумораи шохаҳо чӣ қадаре ки бошанд мумкин аст) бурда мерасонанд. Баргҳо асоси ин фарзияҳо, далели ин ё он андешаҳо мебошад.

**Варианти 1** Минбаъд чӣ мешавад?

**Варианти 2** Ҳикоят бо чӣ тамом мешавад?

**Варианти 3** Пас аз анҷом ёфтани воқеа ҳодисаҳо чӣ тавр сурат мегиранд?

Дар давраи амалигардонии донишҳо усулҳои гуногуни саволгузорӣ ва омода намудани супоришҳое, ки дар азхудкунии мавзуи нав заруранд, аҳамияти зиёд доранд. Масалан, дар шакли машқи интеллектуалӣ саволгузорӣ зимни такрор намудан ва мустаҳкамкунии маводи гузашташуда бисёр шавқовар аст.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини омӯзгорон ва устодони забон ва адабиёти тоҷик фароҳам овардани муҳити тарбиявӣ мебошад, ки ба зуҳуроти амалҳои маънавию ахлоқӣ, худшиносии хонандагон, ошкор намудани шахсияти онҳо мусоидат менамояд. Дар ҳалли ин масъала мо аз принсипҳои инсондӯстӣ, ростқавлӣ, меҳрубонӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, беғаразӣ, мақсаднокӣ истифода кардем. Принсипҳои мазкур афзалият доранд, вале барои натиҷаҳои фарогир дар фаъолияти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синнфҳои 5-9 ҳангоми риояи баъзе анъанаҳои маънавию ахлоқие, ки дар ҷомеаи синфӣ қабул шудаанд, ба даст овардани самараи дилхоҳ зарур мебошад. Дар давраи аввали озмоиш ба мо лозим омада буд, ки усули ҳавасмандкуниро истифода намоем, дар давраи охири озмоиш бошад, иштироки бошууронаи бачаҳоро дар ҳама гуна фаъолият, рафтор, майлу хоҳиши беҳтар шудан ва хубтар кор карданро мушоҳида намудем. Пас аз гузаронидани фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷиҳати ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 5-9 дар раванди таълими дарсҳои адабиёти тоҷик ба хулосае омадем, ки фанни адабиёти тоҷик ба мавқеи фаъоли ҳаётии хонандагони ин синну сол таъсиргузор аст.

Арзиши эмпирикии бадастомада нисбат ба нишондиҳандаҳои пешина баландтар мебошад ва имкон медиҳад, ки чунин натиҷагирӣ намоем: фарзия дуруст аст ва таъсири баланд бардоштани дараҷаи тарбияи маънавию ахлоқӣ дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ баландтар аст; гипотезаи нопурра рад карда мешавад.

Дар рафти таҳқиқ ба хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда оид ба рафтори маънавӣ - ахлоқӣ доштан ё надоштан, дараҷаи ҳассосият, қобилияти тамос бо ҳамсолон аҳамият дода, ба назар гирифта шуд. Ҳамин тариқ, истифодаи усулҳои махсуси интихобшудаи тарбияи маънавӣ –

ахлоқӣ дар заминаи таълими фанни адабиёти тоҷик барои ҳар як синф ва дар алоҳидагӣ барои ҳар як хонанда хусусияти сифатии рафтори онҳоро дар охири синфи 9-ум тағйир дод ва ба муносибатҳои онҳо таъсири мусбат расонд. Муносибати хонандагони синфҳои 5 ва 9 ба падару модар, бобою бибӣ, омӯзгорон, калонсолон хеле беҳтар шуд ва хонандагон ба моликияти ҷамъиятӣ, ашёи хониш, табиат дилсӯзона муносибат мекарданд. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон на танҳо ба дониши маъмулӣ, балки инкишофи анъана ва расму оинҳои миллӣ мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Асозода, Х., Кӯчаров, А. Адабиёти тоҷик (Давраи нав). / Х.Асозода, А. Кӯчаров - Душанбе, - 2006. – 263 с.
2. Бездухов, В. П., Жирнова, Т. В. Нравственно-ценностная сфера сознания студента: диагностика и формирование / В.П. Бездухова, Т.В. Жирнова. - М.: МПСИ, 2008. - 202 с.
3. Васильева, З. И. Нравственное воспитание учащихся в учебной деятельности (5 - 8 классы). / З. И. Васильева - Л., -1973. -135 с.
4. Гулмадов, Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов / Ф. Гулмадов: дисс. докт. пед. наук.- Душанбе, 2016. – 342 с.
5. Коменский, Я. А. Великая дидактика / Я. А. Коменский. Избранные педагогические сочинения: В 2-х т. М.: Педагогика, 1982. – 384 с.

**Сарчашмаҳо аз интернет**

6. http://puzzlemaker.discoveryeducation.com/CrissCrossSetupForm.asp
7. http://tools.atozteacherstuff.com/free-printable-crossword-puzzle-maker


***МАОРИФИ ҶАҲОН***

## НИЗОМИ НАВИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР РОССИЯ АЗ СОЛИ 2025 ҶОРӢ МЕШАВАД

Гузариш ба низоми нави таҳсилоти олӣ дар Россия аз 1 сентябри соли 2025 ба нақша гирифта шудааст, – гуфт Валерий Фалков, вазири маориф ва илми он кишвар. Низоми нав даст кашидан аз барномаҳои бакалаврӣ ва магистриро ба манфиати низоми семарҳила пешбинӣ мекунад: 1) таҳсилоти олии асосӣ 2) таҳсилоти олии махсус (магистратура) 3) аспирантура. Дар баробари ин, магистратура, чунон ки Фалков гуфт, на дар ҳама донишгоҳҳо мавҷуд аст.

Тағйирот амалан ба тартиби қабул ба донишгоҳҳо таъсир намерасонад, ИМД низ бетағйир боқӣ мемонад.

Лоиҳаи озмоишии гузариш ба низоми нав дар соли таҳсили 2023/2024 дар шаш донишгоҳи Федератсияи Россия оғоз мешавад.

**МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ**



*Озодамоҳ ХОЛОВА,*
*мутахассиси пешбари Маркази*
*ҷумҳуриявии таълимию методӣ*

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ТАБИАТШИНОСӢ



Бо эълон гардидани маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани сифати таҳсилот тадбирҳои зиёд амалӣ гардида истодааст. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии типи нав, ба мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим диққати махсус равона карда шудааст.

Самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки хонандагони дорои салоҳиятҳои зарурӣ ва ҳамқадами замон ба камол расанд. Дар амал истифода бурдани донишу малака ва маҳорат яке аз унсурҳои асосии муваффақиятҳо ба шумор меравад. Табиист, ки ин талабот аз истифодаи технологияи таълими фаъол дар фаъолияти педагогии омӯзгорон вобастагии амиқ дорад. Пеш аз ҳама, фаъолияти омӯзгорон мебояд ҷанбаҳои зеринро дар бар гирад:

- ба роҳ мондани ҷараёни таълим дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим;
- муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳайати ҳамкорон ва умуман, омӯзгорон;
- муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбон;
- истифодаи маводи иловагӣ, аз қабили аёнияту овезаҳо, наворҳо ва дигар маводи методӣ дар ҷараёни таълим.

Таҳияи дастурҳои гуногуни методӣ метавонанд дар рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ва ба ин васила, бевосита раванди таълиму сифати таҳсилот нақши бориз дошта бошанд.

Таълим дар синфҳои ибтидоӣ таҳкурсии асосӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз шахсияти хонанда аз ҳамин давра ташаккул меёбад. Хонандагон дар ин давра на танҳо хондан, навиштан, ҳисоб карданро аз худ мекунанд, балки онҳо доир ба муҳити атроф ва ҳодисаҳои дар он ба амаломада тасаввурот пайдо мекунанд. Хонандагон аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, ба ҳодисаву воқеаҳои олами атрофи худ маълумоти аввалинро азхуд намуда, барои омӯзиш дар зинаҳои дигари таҳсилот заминаи худро мегузоранд.

Методикаи таълими табиатшиносӣ ба гурӯҳи илмҳои педагогӣ мансуб аст. Мавзуи асосии омӯзиши он дар раванди таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ шиносоӣ бо табиати маҳал ва муҳити атроф, тарбия ва ташаккули онҳо ба шумор меравад. Методикаи таълими фанни табиатшиносӣ-илм дар бораи системаи раванди таълим, тарбия ва инкишофи хонандагони хурдсол мебошад. Дар муносибати босалоҳият дар таълим методикаи таълими табиатшиносӣ, пеш аз ҳама, ба чунин савол ҷавоб медиҳад: Чаро хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд олами атрофро омӯзанд? Омӯзиши олами атроф дар синфҳои ибтидоӣ барои ташаккул додани

мафҳумҳои ибтидоӣ дар бораи табиати гирду атроф ба хонандагон дар асоси ягонагӣ дар робитаи унсурҳои таркибии он (муҳити атроф, олами набототу ҳайвонот) барои ҳалли масъалаҳои инкишофи ҳамаҷонибаи табиат пешбинӣ шудааст. Методикаи таълими табиатшиносӣ низ ба чунин савол ҷавоб медиҳад: Чиро бояд таълим дод? Мазмуни маводи таълими табиатшиносиро дар мактаб ақидаҳои олимон, асосҳои интихоби далелҳо ва чӣ гуна ба роҳ мондани таълим муайян мекунад. Дар баробари ин, методикаи таълими табиат ба саволҳои зерин ҷавоб медиҳад: Чӣ тавр таълим бояд дод? Воситаҳои фанни таълимиро чӣ гуна истифода кард? Кадом усулҳо, таҷҳизотро истифода кардан лозим аст? Кадом шаклҳои таълиму тарбия дар раванди таълим бо назардошти хусусиятҳои ин фан қобили қабуланд?

Илми табиатшиносӣ раванди таълимро дар ягонагии ҷудонашаванда ва робитаи мутақобилаи мазмун, усул, шакл ва воситаҳои таълим таҳқиқ мекунад; шуури биологӣ ва равонӣ, иҷтимоию маънавӣ ва худшиносии фаъолияти омӯзгору хонанда, ки ба ягонагии объективии мақсадҳо асос ёфтааст. Табиатшиносӣ бо фанҳои биология, география, астрономия, санъати тасвирӣ, экология ва қисман бо физика, химия, тиб ва дигар илмҳои табиатшиносӣ зич алоқаманд аст.

Ба таври назаррас васеъ намудани маълумоти хонандагон дар бораи табиат, ҳаёти иҷтимоӣ ва саломатии одамон, ғанӣ гардонидани эҳсосоти онҳо, ба дарки олами атроф аз ҷониби хонандагони хурдсол мусоидат мекунад. Алоқаи байни фанҳо на танҳо аз ҷиҳати дониш, балки маҳорат, пеш аз ҳама, дар навбати аввал маҳорати таълимии умумӣ, аз ҷумла, маҳорати фаъолияти зеҳнӣ низ ба амал меояд.

Методикаи фанни табиатшиносӣ бояд маълумоти равонии (зеҳнии) кӯдаконро ба назар гирад. Методикаи фанни табиатшиносӣ бо физиология ва гигиенаи синну солӣ алоқамандӣ дошта, илми рушдёбанда аст ва бо истифода аз усулҳои тадқиқоти таҷрибавӣ ва назариявӣ муқаррароти аллакай маълумро меомӯзад, таҳия мекунад ва такмил меёбад.

Инсон ба табиат таъсири бевоситаи худро расонда метавонад. Барои ободнамудани як гӯшаи табиат метавонад саҳми худро гузорад, боғу гулгаштҳоро бунёд кунад, манзили зист, маҳалли худро тозаю озода нигоҳ дорад. Инчунин, инсон метавонад, ки ба табиат таъсири манфӣ низ расонад, дарахтонро решакан кунад, растаниҳои шифобахш, паранда ва ҳайвонҳои нодирро несту нобуд созад.

Фанни «Табиатшиносӣ» ҳанӯз аз зинаи якуми таҳсил дар гурӯҳи синфҳои 1- 4 омӯзонида мешавад. Дар раванди таълими минбаъда дар зинаи асосӣ, ақидаҳо ва мафҳумҳо дар бораи табиат, ҷомеа, инсон мутобиқи мантиқи инкишофи самтҳои таълими фаннӣ амиқтар шуда, ба зинаи сифатан нав мегузаранд.

Ташаккули мафҳумҳои экологӣ ҳангоми таълими фанни «Табиатшиносӣ» барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи омӯхтани андешаҳои экологӣ, мушаххасгардонии онҳо ва овардани мисолҳои равшану дастрас ба амал меояд.

Аз дарсҳои аввалини фанни «Табиатшиносӣ» инсон, табиат ва ҷамъият дар ягонагии ҷудонашавандаи органикӣ ба назар гирифта мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки аллакай дар марҳилаи ибтидоии таҳсил дар кӯдакон тасаввуроти ҳамаҷонибаи ахлоқӣ ва экологӣ дар бораи муҳити атроф ва мавқеи шахс дар он ташаккул ёбад. Дар дарсҳои шиносоӣ бо олами атроф дар синфҳои ибтидоӣ, хонандагон дар бораи тағйиротҳои табиат, ки дар зери таъсири инсон ба амал меоянд, оид ба зарурати ҳифзи табиат тасаввуроти аввалини худро пайдо мекунанд, ба фаъолиятҳои имконпазири экологӣ ҷалб карда мешаванд, тадриҷан ташаккул додани дониши худро дар бораи ашё ва ҳодисаҳои табиат давом медиҳанд. Хонандагон дар бораи набототу ҳайвоноти олами атрофи худ дониши мушаххас мегиранд. Ҳангоми омӯзиши табиат хонандагон мафҳумҳои зеринро ташаккул медиҳанд: табиат, занҷирҳои экологӣ (муносибатҳои ғизоии байни организмҳо), мушкилоти олами атроф, офатҳои табиӣ.

Дар сатҳе, ки барои хонандагон дастрас аст, робитаҳои табиати зинда ва ғайризинда, байни ҷузъҳои гуногуни олами набототу ҳайвонот, байни табиат ва инсон баррасӣ карда мешаванд. Тавассути ин хонандагон олами атрофро меомӯзанд ва робитаҳои экологӣ низ дар ин мавзуъ ба онҳо кумак мекунанд. Омӯзиши онҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба инкишофи тафаккури

мантиқӣ, хотира, тасаввурот ва нутқ мусоидат кунанд. Омӯзиши робитаҳои экологӣ ба баланд бардоштани фарҳанги экологии хонандагон, тарбияи муносибати масъулиятшиносӣ нисбат ба табиат мусоидат мекунад.

Омӯзгор дар рафти таълими хонандагон барои азхуд кардани қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор дар табиат кумак мекунад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки хонандагон дар бораи муҳити атроф, табиати зинда ва ғайризинда, ҳифзи саломатӣ, бехатарии ҳаёт маълумоти зарурӣ пайдо кунанд. Инчунин, хонандагон дар дарсҳои «Табиатшиносӣ» меъёру қоидаҳои рафтори ахлоқию экологиро дар табиат низ омӯхта метавонанд, зеро тавассути тарбияи экологӣ муносибати масъулиятнок ба табиат тарбия карда мешавад. Аммо агар шароити тарбияи экологӣ ба назар гирифта нашавад, меъёр ва қоидаҳои рафтор дуруст ба роҳ монда намешавад. Муҳим он аст, ки тарбияи экологии хонандагон бояд дар сатҳи хуб ба роҳ монда шавад. Инчунин, бояд хонандагони хурдсол барои ҳифзи сарватҳои табиии маҳалли худ ва муҳити зист фаъолона ҷалб карда шаванд. Бояд хонандагон дар бораи набототу растаниҳои нодири кишварамон ва чӣ гуна муҳофизат ва зиёд кардани онҳо маълумот пайдо ва роҳҳои эмин нигоҳ доштанашонро омӯзанд.

Мафҳумҳои экологӣ дар хонандагони хурдсол дар асоси эҳсоси эмотсионалии ба онҳо хос, кунҷковӣ ва дар айни замон қобилияти азхуд кардани донишҳои муайяни назариявӣ ташаккул меёбанд.

Шахси аз ҷиҳати экологӣ бомаърифат бо донистани он ки вақти иҷрои амали муайян ба табиат чӣ зарар меорад, муносибати худро ба ин амалҳо ташаккул медиҳад ва назари худро оид ба ин рафтор дигаргун месозад.

Дар раванди таълим се вазифа ҳал карда мешавад: таълимӣ, тарбиявӣ ва ташаккулдиҳанда. Аз ин рӯ, бояд таълим барои тарбияи хонандагони хурдсол дар асоси муносибати хуб ба табиат, инсонпарварӣ, имкониятҳои бештар фароҳам орад.

Хонандагони синфҳои 1-4 заминаи асосии донишомӯзиашонро оид ба табиат, муҳити атрофи худ, ҳифз ва нигоҳубини растаниҳо, набототу ҳайвонот, организмҳои зинда ва ғайризинда ҳанӯз дар зинаи якуми таҳсил мегузоранд.

**Воситаҳои таълим барои омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ»:** Нутқи шифоҳӣ, китоби дарсӣ, асбобҳои аёнӣ, воситаҳои аудиоӣ, видеоӣ самаранок истифода бурда шаванд. Истифодаи ҳар як воситаи таълимӣ дар дарс бояд саривақтӣ ва ба маврид бошад. Омӯзгор ҳангоми таълими фанни мазкур бо истифодаи васоити аёнӣ ва маводи иловагии хониш метавонад ба хонандагон мавзуи таълимиро расонад. Худи омӯзгор бояд хуб донад, ки барои инкишофи мушоҳида, омӯхтани сабабу оқибатҳои ҳодисаҳо дар китоби дарсӣ матнҳои асосӣ, иловагӣ ва ҷузъҳои ғайриматнӣ низ мавҷуданд: барои азхудкунӣ (саволҳо, супоришҳо барои кӯдакон), муайян кардани ҷои ист (аломатҳои муқаррарӣ), қисмати тасвирӣ (расм, диаграмма, акс) истифода бурда шавад. Ба омӯзгор лозим аст, ки маводи таълимиро на ин ки ба таври умумӣ, балки мушаххас ба хонандагон фаҳмонида тавонанд.

Ҳангоми таълими фанни «Табиатшиносӣ» омӯзгор бояд истифодаи **китоби дарси**ро вобаста ба муносибати босалоҳият дар таълим дуруст ба роҳ монад. Хониши матн ё иҷрои супориш аз ҷониби омӯзгор ва ё хонанда, бо овози баланд ё хомӯшона, вобаста ба супориши додашуда китоби дарсӣ истифода бурда шавад. Масалан, интихоби хондани порчаҳо; ҷустуҷӯи ҷавоб ба савол; пора ё тасвиреро пайдо кунед; таъкид кардани ғояи асосӣ, таъриф; омодагӣ барои такрори матн ё қисми матн, тартиб додани нақша ва ҳикоя, кор бо тасвирҳо, диаграммаҳо, расм.

Тамоми маводи китоби дарсӣ ба дарсҳои алоҳида ҷудо карда шудааст, ки ҳам барои хонандагон, ҳам барои омӯзгор возеҳу равшананд. Китоби дарсӣ ба омӯзгор дар ҳалли яке аз вазифаҳои асосии таълим-дар хонандагон ташаккул додани ҳисси ватандӯстӣ, муносибат ба табиат, ҳифзи табиат, гирифтани дониши ибтидоӣ дар бораи ҳодисаҳои табиат нақши муҳим дорад.

Корҳои эҷодии хонандагон бо истифода аз маводи китоби дарсӣ тасвирҳои ҳамвор: ҷадвалҳо, расмҳо, харитаҳо, бо усули тасвир: тасвирӣ, ҷадвалӣ, шифоҳӣ, рақамӣ ва омехта гузаронида мешавад.

**Харита** як воситаи ҳамвории рамзӣ мебошад, ки тасвири фазоии ҷойгиршавии объектҳои табииро ташкил медиҳад, маълумот бо рамзҳо ва рангҳо пешниҳод карда мешавад. Барои муайян кардани ҷойгиршавии мавқеи маҳалли худ, дарёҳо ва кӯҳҳо истифода бурда мешавад.

**Ҷамъоварӣ** (гербарий) - ба хонандагон имкон медиҳад, ки объектҳои гуногуни табииро мушоҳида карда, намунаҳои онҳоро ҷамъоварӣ намоянд (баргҳо, растаниҳо, хокҳо, ҳашарот). Хонандагон метавонанд мустақилона ё бо ёрии омӯзгор ҷамъовариро ба роҳ монанд.

Дар раванди таълими муносибати босалоҳият усули омӯзиши **бозиҳои дидактикӣ** мавқеи хоса дорад. Хонандагон ҳангоми иҷрои бозиҳои дидактикӣ дар бораи омӯхтан ҳатто фикр намекунанд, аммо дар натиҷаи гузаронидани он маводи навро азхуд мекунанд. Чунин таълим ба таври ногаҳонӣ ба амал меояд. Бозиҳои дидактикӣ барои самаранок гардидани раванди таълим истифода шуда, бояд ба таври мақсаднок дар лаҳзаҳои гуногуни дарс ба роҳ монда шаванд. Инчунин, дар раванди таълим кроссворворд, сканворд, муаммоҳо, викторинаҳо корбаст мешаванд.

Усули интиқоли дониш аз тарафи омӯзгор ва азхудкунии хонандагон он вақт натиҷаи хуб дода метавонад, агар омӯзгор ҷараёни таълимро хуб ба роҳ монда, қобилияти зеҳнии хонандагонро ҳангоми банақшагирии дарс ба инобат гирад. Истифодаи усулҳои гуногун дар дарс барои самарабахш гаштани таълим нақши муҳим мебозад.

Омӯзгор табиати гирду атрофро ба хонандагон омӯзонида, дар дили онҳо меҳру муҳаббат ба табиат ва ҳифзи онро ба вуҷуд меорад. Хонандагон табиати маҳалли худро бо табиати маҳалли минтақаҳои дигари Тоҷикистон омӯхта, дар баробари ин, муқоиса карда, сабабҳои фарқияти онҳоро муайян мекунанд. Дар вақти таълими ин фан дар хонандагон тарбияи эстетикӣ низ рушд мeёбад. Онҳо зебоии маҳалли худ, ғуруби офтоб, хониши парандагонро дарк карда, муносибаташонро ба табиат ва зебоии он дигаргун мегардонанд.

Одатан дар кори таълиму тарбияи экологии хонандагон аз чунин шаклу усулҳо, ба монанди **саёҳат (экскурсия),** мушоҳидаи объектҳои табиат ва дар синфхона суҳбатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои экологӣ, таҳлили вазъияти экологӣ, бозиҳо истифода мешаванд. Аҳамияти саёҳатҳои таълимӣ аз он иборат аст, ки онҳо маводи таълимиро бо ҳодисаҳои маҳаллии табиию иҷтимоӣ, ки бевосита хонандагон мушоҳида мекунанд, алоқаманд мекунанд. Хонандагон дар раванди таълим доимо ба китоби дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва шарҳу тавзеҳи омӯзгор диққат медиҳанд.

Бачаҳо дар табиат сайру гашт карда, ҳодисаҳои табииро дар шароити табиӣ мушоҳида мекунанд, меомӯзанд.

Саёҳат дар синфҳои ибтидоӣ низ бо мақсади дуруст ва беҳтар дарк намудани мавзуъҳои алоҳидаи таълимӣ гузаронида мешавад. Масалан, омӯзгор ҳангоми омӯхтани паҳлуҳои уфуқ ва инкишоф додани қобилияти ба воситаи кутбнамо муайян кардани мавқеи ист, ба нақша гирифтани саёҳатҳо бо хонандагон ба мақсад мувофиқ аст. Баъзан хонандагон дар синф дақиқу хуб фаҳмонда метавонанд, ки масалан, барои муайян кардани самти ҷануб ба воситаи қутбнамо чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, вале дар шароити табиӣ чӣ тавр истифода бурдани қутбнаморо намедонанд. Масалан, дар яке аз мактабҳои деҳа омӯзгори синфи 4 ба нақша гирифт, ки бо мақсади муайян кардани самти ҳаракати одам ба воситаи қутбнамо саёҳат гузаронад. Хонандагон аз қутбнамо истифода бурда, аввал ба Шарқ рафтанд, нишонае ёфтанд ва ба Шимол гардиш карданд. Аз дара гузашта, боз як нуқтаи дигарро ёфта, самти Ғарб, баъд ба тарафи Ҷанубро муайян карда, худро дар ибтидои ҳаракати худ диданд. Ҳоло дар синф хонандагон чӣ тавр бо ёрии қутбнамо муайян кардани ҷои исти худро дақиқ фаҳмонда метавонанд.

**Викторина** ҳамчун усули эҷодии лоиҳа барои пешравии хонандагони хурдсол кумак мерасонад. Викторинае, ки дар синфхона гузаронида мешавад, синтези усули эҷодӣ, тадқиқотӣ ва иттилоотии лоиҳаҳо мебошад. Бомуваффақият гузаронидани викторина ҳам аз омӯзгор ва ҳам аз хонандагон тайёрии пухтаро талаб мекунад. Викторина ҳамчун усули лоиҳаи тадқиқотӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар ҷустуҷӯи тадқиқот иштирок кунанд. Тайёрӣ ба викторина на танҳо барои муайян кардани фаъолон, балки барои инкишоф додан ва ҷамъбаст намудани майлу хоҳиши табиии ҳар кадоми онҳо ёрӣ мерасонад, гурӯҳро ташкил мекунад, онро ба ҳар як вазифаи эҷодӣ мувофиқ мегардонад.

Мусаллам аст, ки таҳияи нақшаи дарс, саҳеҳу мушаххас гузоштани мақсадҳо, муайян кардани натиҷаҳои интизоршаванда ва интихоб намудани маводи мувофиқи таълимӣ яке аз омилҳои асосии самаранокии раванди таълим ба шумор меравад. Ба омӯзгорон равшан аст, ки банақшагирии дарсҳо ва таҳияи мақсадҳои таълим бевосита кори ҳар омӯзгор буда, аз сатҳи босалоҳиятӣ ва то кадом андоза ихтироъкори касби худ будани онҳо иборат аст. Бо вуҷуди ин, ҳамчун намуна пешниҳоди як нақша аз манфиат холӣ буда наметавонад.

**Мавзуъ: Фасли баҳор (1 соат)**

**Салоҳият:** Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса кардан.

**Мақсадҳои таълим:** Бо омӯзиши мавзуъ хонандагон бояд баҳорро ҳамчун фасли сол номбар кунанд:

- ҳолати табиати зинда ва ғайризиндаро дар фасли баҳор фаҳмонанд;
- аз рӯйи расм сифатҳои ин фасли солро шарҳ диҳанд;
- оид ба шуғли одамон дар фасли баҳор маълумот диҳанд;
- аз рӯйи маҳорати хаёлбофии худ оид ба фасли баҳор иншои хурд нависанд.

**Методикаи таълим:**

1) Дарсро аз масъалагузорӣ доир ба фасли баҳор оғоз кунед:
- фасли баҳор кадом моҳҳоро дар бар мегирад?
- нишонаҳои фасли баҳорро номбар кунед.
- шумо баҳорро аз кадом ҷиҳат дӯст медоред?

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нишонаҳои баҳорро шарҳ диҳанд. Фикрҳои ҷолиби онҳоро дар тахтаи синф нависед.

2) Шиносоӣ бо хусусиятҳои фасли баҳор. Шиносоиро бо тариқи суҳбат ба роҳ монед. Маълумоти нақшаи зеринро ба хонандагон пешниҳод кунед ва мазмуни онҳоро якҷоя дида бароед.




3) Кори гурӯҳӣ. Мувофиқи хоҳиши худ хонандагонро ба се ё чор гурӯҳ ҷудо кунед. Ба ҳамаи гурӯҳҳо супориш диҳед:

Гурӯҳи 1. Шуғли дӯстдоштаи калонсолон ва хурдсолонро дар ин фасл муайян кунед.

Гурӯҳи 2. Баҳор аз дигар фаслҳои сол аз рӯйи кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?

Гурӯҳи 3. Зарбулмасали “Як рӯзи баҳор, пур кунад анбор”-ро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 4. Аз рӯйи расм манзараҳои фасли баҳорро шарҳ диҳед.

Хонандагон корашонро ба дигарон муаррифӣ кунанд. Дар вақти кори гурӯҳҳо ба назди онҳо рафта, барои пешравии корашон кумак кунед. Баъд аз тамом шудани вақти муайяншуда муаррифии корҳоро аз гурӯҳи хоҳишманд оғоз кунед (агар хоҳишмандон набошанд, аз гурӯҳи 1-ум оғоз кунед). Дар вақти муаррифӣ гурӯҳҳои дигар бодиққат гӯш мекунанд ва ҷойҳои нафаҳмидаашонро мепурсанд ё иловаҳои худро ворид мекунанд. Агар аз тарафи ягон гурӯҳ ҷашн гирифтани иди Наврӯз қайд нашавад, худатон дар ҷамъбасти фаъолияти гурӯҳӣ онро фаҳмонед.

4) Лаҳзаи дамгирӣ.

5) Мустаҳкамкунии дарс. Дониши азхудкардаи хонандагонро ба тариқи саволу ҷавоб мустаҳкам кунед:

- рангинкамон чӣ хел пайдо мешавад?
- дар фасли баҳор кадом идҳо ҷашн гирифта мешаванд?
- обу ҳавои фасли баҳор чӣ гуна аст?
- фасли баҳор кадом моҳҳоро дар бар мегирад?

Дар раванди мустаҳкамкунӣ аз расму тасвирҳои гуногун истифода баред ва аз рӯйи онҳо ба хонандагон супориш диҳед.

6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзуъро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд ва дар хотир гиранд.

**Мафҳумҳо:** Баҳор- арӯси сол. Сабзу хуррамии табиат дар фасли баҳор. Шуғли дӯстдоштаи ман дар фасли баҳор. Ҷашни “Наврӯз” дар фасли баҳор.

7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед.

Супориш барои хона:

Оид ба фасли баҳор дар ҳаҷми на кам аз 4-5 ҷумла иншои хурд нависед.

**Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед.

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

## МУАЛЛИМОНРО КАДОМ ОМИЛ БА МЕҲНАТ ДИЛГАРМ МЕКУНАД?

Ҳар як муаллими дуюм дар Федератсияи Россия (54%) ин касбро интихоб кардааст, зеро онҳо кор бо кӯдаконро дӯст медоранд, гуфта мешавад дар як назарсанҷии хадамоти Uchi.ru (натиҷаҳо дар ихтиёри Шурои педагогӣ мебошанд).

Ҳар сеюмин пурсидашуда (34%) гуфтааст, ки кор дар мактаб орзуи кӯдакии ӯ буд. Ҳар чорумин гуфтааст, ки вай аз фаъолияти муаллими хеш илҳом гирифтааст.

Муаллимон, инчунин, гуфтанд, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо чӣ илҳом мебахшад. Ҷавобҳои маъмултарин – муваффақияти донишҷӯён (42%) ва таваҷҷуҳи онҳо ба омӯзиш (40%) мебошад. Фикру мулоҳизаҳои кӯдакон ва татбиқи дониш дар дарс 23% пурсидашудагонро рӯҳбаланд мекунад. Танҳо 2% муаллимон гуфтанд, ки онҳо аз баҳои хуби донишҷӯён илҳом мегиранд.

**МЕТОДИКА**



***Азизбек ЗУМРАТОВ,***
***омӯзгори химияи литсейи №3 барои***
***хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***

# ИСТИФОДАИ САҲНАЧАҲОИ ТАЪЛИМИИ ХИМИЯВӢ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ




Бо мақсади ҷалб кардани хонандагон ба фанҳои табиию риёзӣ роҳҳои гуногуни фаҳмонда додани мавзуъҳо, аз қабили гузаронидани таҷрибаҳо, ҳалли дурусти масъалаҳо, экскурсия ба муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ, сохтмонҳои аҳамияти илмидошта, истифодаи ҳикояҳо, қиссаҳо, афсонаҳо, саҳначаҳои шавқовар мавҷуданд, ки айни ҳол бамаврид ва мақсаднок омӯзонидани онҳо аз аҳамият холӣ нестанд.

Аз ин лиҳоз мақсад гузоштем, ки намунаи якчанд саҳнача, афсона ва қиссаҳоеро доир ба омӯзиши хосиятҳои фтор, оксиген, тилло, оксиди алюминий, об ва мавзуъҳои “Электроманфиати элементҳои химиявӣ”, “Галогенҳо”, “Ҷадвали даврии элементҳои химиявии Д. И. Менделеев”, “Металлҳои ишқорӣ” барои он хонандагоне, ки нав ба омӯзиши химия шуруъ намудаанд, пешкаш гардонем. Ҳамзамон, он барои истифодаи омӯзгороне, ки таҷрибаи кофӣ надоранд ё омӯзгорони ҷавон хеле фоидабахш мебошад. Гузаронидани машғулиятҳои берунасинфӣ малака ва салоҳиятҳои накшофарӣ ва мустақилиятро дар замири хонандагон ташаккул медиҳад.

**Саҳначаи “Баҳси дӯстона”:** Дар гузаронидани ин саҳнача 5 нафар хонанда: 4 писар (тилло, оҳан, оксиди алюминий, об) ва 1 духтар (нуқра) иштирок мекунанд:

*Тилло (Au)*: – Салом бародарони азиз, ин манам, ки дар ҷадвали даврии элементҳо таҳти рақами 79 ҷойгираму исми шарифам Тилло мебошад. Оё шумо медонед, ки ман ҷавони қавииродаам ва бисёр боғурур ҳастам, зеро фарзанди асилзодаам.

*Оксиди алюминий ($Al_2O_3$)*: – Эй дӯстон, бародарамро бинед-а, ҳамеша танҳосту боз мефахрад аз танҳоиаш. Ман бошам, фарзанди 13-уми ин оилааму исми шарифам Алюминий аст, ки дар оила яке аз фарзандони рангаи волидон ба шумор меравам. Аммо танҳо нестам, аксар вақт Оксиген ҳамроҳи ман аст.

*Тилло (Au)*: – Эй бародар, ту ку аз танҳоӣ ва танҳо гаштан ҳарос дорӣ, боз худро аз ман боло гирифтан мехоҳӣ. Вале ҳар ҷое, ки набошам, қимматам аз ту болост. Ба ин нигоҳ накарда, маро баъзе аз мардум бар ивази дандонҳои сап-сафеди худ мақбули хеш донистаанд.

*Оксиди алюминий ($Al_2O_3$):* – Эҳ бародар, аз ҳамин қиммати гарони туро истифода кардан мардум камбизоат гашту ҷайби мардум бепул.

*Оҳан (Fe)*: – Дӯстони азиз, шояд шумо аллакай маро шинохтед. Исми ман Оҳан асту… хӯлаҳои маро дар зиндагӣ васеъ истифода мебаранд. Ҳарчанд худтаърифкуниро намеписандам,

аммо шоҳидед, ки дар баъзе оилаҳо фарзандони эшон Таваралӣ, Пӯлодбой, Тешабой ва Тоштемир номгузорӣ шудаанд. Ин ҳам бошад, аз бузургии ман сарчашма мегирад.

*Нуқра (Ag)*: – Бародарон, ин манам Нуқра, ман аз шумо, бародарон, кам нестам. Маро низ аксари мардум дӯст медоранду бо худ мегиранд.

*Об ($H_2O$)*: – Бародарони азизам, чаро шумо ин қадар баҳсу хархаша карданро дӯст медоред-а. Охир ман низ аз танҳо гаштан ҳарос дораму танҳоиро низ намеписандам. Ва ҳар куҷое, ки Оксигенро дидам, бо худ мегирам.

Акнун ин ҷо мехоҳем, барои пурратар фаҳмонда додани мавзуи “Электроманфиати элементҳои химиявӣ” ба таври кушоду равшан афсонаи “Фтор-паҳлавон”-ро, ки эҷоди омӯзгорони ватанист, пешниҳод намоем:

**Афсонаи “Фтор-паҳлавон”:** Дар қабати ҳафтуми Осмони элементҳои химиявӣ оилаи Галогенҳо, яъне, Фтор, Хлор, Бром, Йод ва Астат бовиқорона ва нотарсона зиндагӣ мекарданд. Фтор яке аз узви фаъол ва аввалини ин оила буда, хеле ҳам шӯх, фаъол ва нотарс буд. Он на танҳо бо бародарони худ, балки бо ҳамсояҳо ва ҳатто тамоми элементҳои олами пурасрор баҳс карда, бо онҳо қувваозмоӣ мекард. Фтор панду насиҳати ҳеҷ касро гӯш намекард. Барои омӯхтани характеру хусусиятҳои он чандин олимони ҷаҳон саъю кӯшиш намуда, ҳатто баъзеи онҳо дар ин роҳ ҳалок гардиданд. Фтор аз раъйи худ нагашта, мудом “бо бачаҳои ҳамсоя” ва дуртар аз манзили онҳо воқеъбуда ҷанг эълон мекард. Аҷибаш ҳамин буд, ки дар ин набардҳо ҳамеша дастболо мешуд.

Рӯз аз рӯз нуфуз ва обрӯйи Фтор меафзуд ва сарвату бойигариҳои зиёде низ ба даст меовард. Одамон низ маҳсулотҳои ӯро ба манфиати худ истифода мебурданд ва бо арзи сипосгузорӣ минбаъд Фтор - паҳлавон гӯён Фторро таърифу тавсиф менамуданд.

Рӯзе аз рӯзҳо Фтор - паҳлавон шунид, ки писари ҳамсояашон, ки Оксиген ном дошт, худро дар ҳама ҷой таъриф карда, элементи аҳамиятноктарин, фаровонтарин, дӯсти беҳамтои инсонҳо ва аламовараш ин, ки ӯ худро аз Фтор боло шумурдааст. Оксиген таъриф кардааст, ки бо тамоми элементҳои химиявӣ ҷангидаву онҳоро ҳамчун Оксид мутеи худ кардааст. Инчунин, лоф задааст, ки ҳатто ҷони Фторро, ки аз электронҳои тоқаш мебошад, кашида мегирад ва онро низ тобеи худ мегардонад. Баъди шунидани ин суханҳо Фтор дар қаҳру ғазаб шуда, ба ҷанги зидди оксиген бармехезад.

Рӯзе аз рӯзҳои гарми тобистон Оксиген дар ҷангалзоре озодона ва хушҳолона истироҳат мекард. Аз мавҷудияти он тамоми ҳайвоноту инсонҳо нафаси озод мекашиданд. Оксиген ва кулли бошандагони ҷангал ногоҳ диданд, ки Фтор доду фиғонкунон ба сӯйи онҳо меояд. Оксиген дар ҳол Фторро, ки писари бобои Галоген мебошад, шинохт ва бародарони худ - Сулфур ва Селенро супориш дод, ки Фтор - паҳлавонро наздаш бихонанд.

–Хуб-гӯён Сулфур ва Селен ларзидаю тарсида, Фторро назди Оксиген оварданд.

–Хуш омадед! Нури дида тоҷи сар! -чизеро пай бурдагӣ барин Оксиген Фтор - паҳлавонро хуб пазирой кард ва аз ӯ хоҳиш кард, ки сабаби омаданашро шарҳ диҳад. Фтор - паҳлавон муомилаи хуби Оксигенро дида, қаҳру ғазабаш паст шуд ва бо мулоимӣ ба сухангӯӣ оғоз намуд.

–Додарам Оксиген, бигӯед, ки шумо чаро дар ҳама гӯшаю канорҳо лоф зада, худро элементи зӯртарини дунёи элементҳои химиявӣ эълон кардед? -гуфта якбора ба ғазаб омада, Оксигенро ба ҷанги тан ба тан даъват кард. – Ҳоло мебинем, ки кӣ зӯртар аст? Фтор ё Оксиген?

Оксиген низ аз таҳқиру ғазаби Фтор наҳаросида, яроқҳои худ, яъне, электронҳояшро ба ҷанги зидди Фтор - паҳлавон равона намуд. Муҳорибаи шадиде дар майдони химиявӣ ба вуқӯъ омад. Ҳар ду ҳам аз тактикаи реаксияҳои химиявӣ, бо усули “Балванси электронӣ” муддате мубориза бурданд. Баъди қувваозмоиҳои зиёд электронҳои Оксиген беҳолу бемадор гашта, ба Фтор - паҳлавон тобеъ шуданд. Фтор - паҳлавон аз музаффарияти бадастовардаи шербачаҳои худ шод гардида, қоҳ - қоҳзанон назди Оксигени беяроқ омада, бовиқор гуфт, ки акнун донистӣ, кӣ зӯр будааст? Ана аз ҳамин лаҳза Оксиген фаҳмид, ки дарвоқеъ Фтор бини Галоген элементи фаъолтарин ва зӯртарини олами элементҳои химиявист ва ба ӯ баҳс кардан кори хатост.

Назариячиёни элементҳои химиявӣ - Менделеев, Лавуазе, Шеврел, Шееле, Бекетов ва дигарон ба зӯроварии Фтор қоил шуда, ба ӯ унвони “Оксидкунандаи зӯртарин” доданд.

Ин ҷо барои мустаҳкамкунии мавзуи “Ҷадвали даврии элементҳои химиявии Д.И.Менделеев” қиссаи “Бинои элементҳо ва баҳси баъзе бошандагони он”-ро пешкаш менамоем:

**Қиссаи “Бинои элементҳо ва баҳси баъзе бошандагони он”:** Дар давоми асри XIX бисёр олимони химиядони дунё кӯшиши зиёде намуданд, то биное бунёд кунанд, ки дар онҳо ҳамаи элементҳои химиявӣ хушу хурсандона мувофиқи “рафтору одоб ва феълу атвор” - ашон зиндагӣ намоянд. Вале бунёди чунин бино ба онҳо муяссар намегардид, зеро пойдевори сохтаи онҳо ноустувор буд.

Фақат дар нимаи дуюми асри XIX ба олими бузурги рус Д. И. Менделеев муяссар гардид, ки ин биноро бо пойдевори аз ҷиҳати илмӣ устувор бунёд намояд.

“Бино” ҳуҷраҳои зиёде дошт. Он вақт дар онҳо 63 элемент зиндагӣ мекард. Ҳуҷраҳои холии бино соҳибони худро интизор буданд. Бунёдгари бино чунон шахси бузурге буд, ки ҳатто соҳибони се ҳуҷраи холиро бо феълу атвори онҳо муайян намуда, номи онҳоро шартан экабор, экаалюминий ва экасилитсий номид.

Бинои бунёднамудаи олим бисёрошёна аст. Ин бино хусусиятҳои худро дорад. Агар рақамгузории ошёнаҳо ва ҳуҷраҳо дар биноҳои бисёрошёнаи истиқоматии одамон аз поён ба боло оғоз ёбад, дар бинои элементҳо баръакс, аз боло ба поён аст.

Ошёнаи якуми бино ҳамагӣ ду ҳуҷра дошта, дар онҳо ду элемент зиндагӣ доранд. Дар дигар ошёнаҳо бошад, элементҳои зиёдтар зиндагӣ мекунанд.

Аҷиб он аст, ки дар ҳуҷраҳои канори чапи ҳар як ошёна, ғайр аз ошёнаи якум, элементҳое зиндагӣ мекунанд, ки худро аз обу ҳаво бо “пӯстин” муҳофизат менамоянд, вале дар канори рости ҳар як ошёна бошад, элементҳое зиндагӣ мекунанд, ки бо вуҷуди “пӯстин”-и муҳофизӣ надоштан аз обу ҳаво тарсу ҳарос надоранд. Боз аҷибтар он аст, ки “феълу рафтор”-и бошандагони бино дар ошёнаҳо аз боло ба поён дигаргун мешаванд.

Ана дар яке аз ошёнаҳои ҳамин бино се элементи ҳамсоя “зиндагӣ доранд”. Дар яке аз рӯзҳои офтобӣ ҳамсояи мобайнӣ, ки аз сайругашт ба хонааш бармегашт, ногаҳон суҳбати ҳамсоягони худро мешунавад. Ҳамсояи тарафи чапаш лофзанон мегуфт:

-Ман сафедам, барқгузару гармигузар ҳастам. Маро дар яке аз шаҳрҳои мамлакати Юнон аввалин маротиба ёфта буданд. Ман қисмати асосии хӯлаи электрон мебошам, ки онро дар сохтани мушакҳо ва мошинҳо васеъ ба кор мебаранд. Ман яке аз биоэлементҳое мебошам, ки дар мубодилаи моддаҳо дар организм фаъолона иштирок мекунам. Оксиди маро бошад, дар тайёр намудани хиштҳо ва қубурҳои оташбардор истифода мебаранд. Яке аз пайвастаҳои маро, инчунин, “намаки англисӣ” ҳам мегӯянд. Дигар пайвастаҳои ман дар тиб, металлугия ва сохтмони биноҳо васеъ ба кор бурда мешаванд.

-Қудрати маро бинед ҳамсоя, худ сафед бошам ҳам, ба баргу буттаҳои растаниҳо ранги сабз мебахшам. Муҳим он аст, ки оксид ва гидроксиди ман ба кислотаҳо таъсир намуда, намаку об тавлид менамоянд.

-Ман ҳам аз дигарон ҳеҷ камие надорам, - ба гап ҳамроҳ шуд ҳамсояи тарафи рост, -қишри замин аз чоряк ҳиссаи пайвастаҳои ман иборат аст. Маҳз хизмати пайвастаҳои мананд, ки наю қамишҳо рост меистанду устухони одамон суфтаву мустаҳкаманд, пулакчаҳои моҳӣ ва қаноти шабпаракҳо сахтанд.

Химиядонон маро “асоси табиати мурда” гӯянд ҳам, ман қудрате дорам, ки аз равшании офтоб ба баъзе батареяҳо ҷон мебахшам.

Гӯш кун ҳамсояҷон, олими бузурги маъданшинос А. Е. Ферсман дар бораи як пайвастагии ман чиҳо гуфтааст: “Курраи шаффофи зебои бо оби зулоли дар нури офтоб ҷилодиҳанда, рангорангии нақши ақиқи яманӣ, дурахши бозии санги рангоранги айну шамс, ҷилои реги тозаи сатҳи баҳр, риштаи борики чун абрешими кварси гудохташуда, зебогии кристалли кӯҳии суфташуда, нақши махфии яшмаи афсонавӣ, дарахти бо мурури замон сангшуда – ҳамаи ин

предметҳо ба шарофати як пайвастагӣ мебошанд”. Агар оксид ва гидроксиди ту ба кислотаҳо таъсир намуда, намаку об тавлид намоянд, ин пайвастаҳои ман ба ишқорҳо таъсир менамоянд ва намаку об тавлид мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳамсоягон лофзанон наздик шудани ҳамсояи мобайнии худро нафаҳмида монданд. Ҳамсояи мобайнӣ, ки ҳамаи гапҳоро шунида буд, хитоб намуд:

-Шумо ҳарду ин қадар лоф зада худатону пайвастаҳоятонро таърифу тавсиф доред? Дониста бошед, ки ҳардуи шумо дар назди ман ҳечед, чунки аз ману хӯлаҳоям самолёту вертолёт, трактор, симҳои ноқилӣ ва асбобу анҷоми рӯзгорро тайёр мекунанд. Оксид ва гидроксиди ман бошад, хосиятҳои ҳардуи ин пайвастаҳои Шуморо якҷоя дорост. Ин хосиятҳои ману пайвастаҳоямро шумо ҳеҷ гоҳ надоштед ва надоред. Ана, ҳамин тавр, ҳамсояҳои азиз!

Ҳамсояи мобайнӣ ба ҳуҷраи худаш даромада рафт. Ҳарду ҳамсоя моту мабҳут шуда, ба якдигар нигоҳ карда, чӣ гуфтанашонро надониста монданд.

Хонандагони азиз! Акнун ба саволҳои зерин ҷавоб гӯед:

1. Бунёдгари бинои элементҳо кӣ буд ва кадом сол онро бунёд намудааст?
2. Элементҳое, ки олими бузург ҳуҷраи онҳо ва хосиятҳои онҳоро пешакӣ гуфта дода буд, кадомҳоянд?
3. Элементҳои “пӯстин”- и муҳофизӣ доштаро чӣ меноманд?
4. Элементҳое, ки “пӯстин”-и муҳофизӣ надоранду аз обу ҳаво наметарсанд, кадомҳоянд?
5. Ҳамсояҳои тарафи чапу рост ва мобайнӣ кадом элементҳо мебошанд?
6. А. Е. Ферсман дар бораи кадом пайвастагӣ сухан рондааст?
7. Дар ин қисса, умуман, кадом мафҳумҳои химиявӣ ба тарзи бадеӣ тавсиф шудаанд?

Чунин мавзуъҳои мураккабро, ки дарки онҳо барои хонандагон мушкилӣ пеш меорад, танҳо бо ёрии асбобҳои аёнӣ, гузаронидани бозиҳои шавқовари дидактикӣ дастрас кунонидан мумкин аст. Бо пешниҳоди ин гуна саҳначаҳо метавон гуфт, ки хонандагон бо мафҳумҳои мураккаби химиявӣ ва хосиятҳои физикавию химиявии моддаҳо хубтар шинос шуда, дониш ва малакаҳои мустаҳкам ҳосил менамоянд.

**Қиссаи “Шуҳратёр шудани кислотаи нитрат”:** Вай дар мамлакати аҷоибу ғароиби пурасрор - дар лабораторияи химиявӣ таваллуд шуд. Падари ӯ Оксиди нитроген (4), марди бадхашму бадфеъл буда, бо лақаби “думи рӯбоҳ” маълум буд. “Думи рӯбоҳ”-ро аввалин маротиба олими тоҷик Абубакри Розӣ ҳосил карда буд. Модараш бошад, зани орому ботамкин буду Об ном дошт. Вақте ки ба фарзанди навзоди онҳо лакмусро илова карданд, дар натиҷа ранги сурх пайдо шуд. Аз ин фаҳмиданд, ки духтар ба дунё омадааст ва ба ӯ Кислотаи нитрат ном ниҳоданд.

Кислота аз падараш баъзе хусусиятҳоро мерос гирифта буд. Агар дар маҳлул ҳиссаи массааш ба як наздик шавад, ӯ дуд мекард.

Кислотаи нитрат бо аксарияти металҳо дӯстӣ дошт. Дӯстии ӯ ҳамеша хосияти оксиду барқароркунандагиро дошта, дӯстҳои қарини ӯ металлҳои симобу нуқра буданд. Баъзе металҳо, аз қабили тилло ва платина бо Кислотаи нитрат дӯстӣ надоштанд. Ин ҳолат Кислотаро ба ташвиш меовард ва хеле маҳзун мекард, зеро ӯ худро асилу болаёқат меҳисобид.

Кислота мушоҳида намуд, ки ҳангоми ба аррамайда ва матоъҳо расиданаш оташ мегираду матоъҳои пашмину шоҳӣ вайрон мешаванд. Дар пӯсти одамон бошад, доғҳои зард боқӣ мемонанд. Ҳамаи ин кислотаро маълуму машҳур нагардониданд, баръакс бисёриҳо аз ӯ меҳаросидагӣ шуданд.

Бинобар ин, кислота қарор дод, ки ба ширкати “Оксидҳои асосӣ ва асосҳо” ба кор дарояд. Дар ин ҷо, кислота намакҳое ҳосил мекард, ки онҳоро селитраҳо меномиданд. Ин маҳсулот ба соҳаи кишоварзӣ фиристода мешуданд. Кислота бо тамоми ҳастӣ, шабу рӯз монда нашуда, меҳнат мекард. Ҳангоми раъду барқ бо оби борон якҷоя шуда, ба замин мерехту ба нитратҳо мубаддал мегашт. Меваю сабзавоти беақл аз ин шод гашта, нитратҳоро истеъмол кардан гирифтанд. Дере нагузашта, миқдори нитратҳо дар таркиби меваю сабзавот чунон зиёд шуданд,

ки акнун масъалаи аз нитратҳои зиёдатӣ халос шудани онҳо ба миён омад. Кислотаи нитрат бошад, шуҳрат ёфту машҳур гашт.

**Қиссаи “Кислотаи сулфат”:** Дар яке аз шоҳигариҳои химиявӣ ҷодугарзани ҷавоне зиндагӣ мекард. Ӯро Кислотаи сулфат меномиданд. Намуди зоҳирии ӯ чандон бад набуд. Вай моеи беранг, равғанмонанди часпак буд ва бӯй надошт.

Кислотаи сулфат орзу дошт, ки дар ҷаҳон машҳур гардад, бинобар ин, қарор дод, ки ба саёҳат барояд. Рӯзи ба саёҳат баромадан фаро расид. Дар рӯзи аввал ҳаво хеле гарм буд. Кислотаи сулфат дар ин рӯз беист 5 соат ҳаракат намуда, хеле хаста шуда, ташна монд ва хост, ки ташнагиашро шиканад. Дар ин асно, ӯ чоҳеро дида, хеле хушҳол гашт ва “об” гӯён фарёд намуд. Ӯ ба чоҳ наздик шуд ва хост, ки об нӯшад, аммо ҳангоми расиши кислота ба об ҳодисаи ғайричашмдошт рӯй дод. Об фашшосзанон ба хурӯш омад. Кислотаи ҷавон аз ин ҳодиса сахт тарсида, зуд аз чоҳ дур шуд. Ташнагӣ кислотаро азоб медод. Дар ҳоли ташнагӣ нохост дарахти соядори баргҳояш паҳнро дида, хушҳол шуд ва хост, ки дар сояи дарахт истироҳат карда, ташнагиашро ба қадри ҳол шиканад. Вақте ки Кислота ба танаи дарахт такя намуд, дар ин маврид танаи дарахт сӯхта, сиёҳ шуд. Аз ин ҳодиса низ кислотаи ҷавон тарсида, худро ба канор гирифт ва ночор сафарашро давом дод.

Кислотаи сулфат пас аз сафари дуру дароз вориди шаҳр гашт. Ӯ қарор дод, ки ҳатман ба мағозаи аввалини дар рӯ ба рӯяш дучоромада ворид мешавад. Нахустин мағозаи дучоромада, мағозаи ҷавоҳирот буд. Ӯ ба ҷевони намоиши ҷавоҳирот наздик шуда, онро бо диққат тамошо кард. Диққати Кислотаи сулфатро ангуштарини зебои тиллогине ба худ ҷалб намуд. Ӯ аз фурӯшанда хоҳиш намуд, ки ҳамон ангуштарини зебои тиллогини маъқулшударо нишон диҳад. Кислота ангуштаринро ба ангуштони дарози зебои худ чен карда, сипас онро харид. Ӯ аз харидаш хеле хурсанд буд, зеро вай акнун метавонист дар назди рафиқонаш харидашро таърифу тавсиф намояд. Кислота аз шаҳр баромада, ба хонааш раҳсипор шуд. Дар роҳ ӯро фикру хаёлҳои зиёде азоб медоданд, чунончи: чаро ҳангоми расиши ман ба обу дарахт ҳодисаҳои ғайричашмдошт рӯй дода, аммо бо ангуштарини тиллоӣ ягон ҳодиса ба амал наомад?

Хонандагони азиз! Шумо доир ба ин ҳодисаҳои бо Кислотаи сулфат рӯйдода чӣ андеша доред?

Хулоса, таълими ҳар як фан роҳу усулҳои мухталифро доро аст ва ба хотири рангин гузаронидани дарсҳо истифода бурда мешаванд. Гузашта аз ин, метавон гуфт, ки барои баъзе ашхос омӯзиши фанҳои дақиқ мушкилиҳо эҷод мекунад, агар онро якранг ва анъанавӣ баргузор намоем. Дар ин сурат, омӯзгор, ки педагогу психолог аст, бояд дар вақтҳои зарурӣ чараёни дарсҳоро рангин гардонад, то ин ки хастагию камфаъолиятии шогирдон рафъ гардад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки маводи омӯхташавандаро агар дар сенарияи ягон бозӣ, саҳнача ё шеъру суруд нақшофарӣ кунем, нигоҳи хонандагон нисбат ба омӯзиш шавқовартар гардида, дарсро ҳамчун як бахши ҳазлу шухӣ қабул карда, бо диққати хос интизор мешаванд. Масалан, дар бисёр ҳолатҳо шоҳид гаштем, ки як лаҳза навори кӯтоҳи тарбиявӣ назар ба як соати дарси тарбиявии омӯзгорон бештар манфиатбораст, чун дар навор нақшҳои рангин, қаҳрамонҳои гуногун ва маълумотҳои соддаю оммафаҳмро дарк мекунанд ва дар дарси тарбиявӣ як қаҳрамон, омӯзгор-роҳбари синфро мебинад.

## АДАБИЁТ


1. Тошев, Ҳ. И., Тошев, Қ. Ҳ. Маводҳои дидактикӣ аз химия. – Қӯрғонтеппа, 2007.
2. Бандаев, С. Г., Қиматов, Р. С. Вазъи тадриси илми химия ва салоҳиятҳои фаннии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ // Таҳқиқи таълими тафриқа / Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2019.
3. Касиров, А.Н. Муносибати босалоҳият ҳангоми дарси химия дар мавзуи “Аминокислотаҳо”// Таҳқиқи таълими тафриқа / Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2019.

**ТАҲҚИҚ**

***Асадулло ШАРИФЗОДА,***
***Бахтиёр РАҲИМЗОДА,***
***Шерафган ФАЙЗОВ,***
***омӯзгорони литсейи равияи табиию риёзии***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

# ҶАВОНИИ САЙЁРА ВА АҚИДАИ «ШИНО КАРДАН»-И МАТЕРИКҲО



Пас аз пайдо шудани ҳаёти органикӣ (тақрибан 3,5 млрд сол пеш) таърихи геологии сайёраи мо шартан ба панҷ давраи калони табиии инкишоф: 1) архей, 2) протерозой, 3) палеозой, 4) мезозой, 5) кайназой ҷудо карда мешавад. Аз ҷониби олимон се давраи охир дар навбати хеш ба давраҳои геологии хурд ва ба асрҳо ҷудо карда шудааст. Ҳамаи фосилаҳои табиии геологии таърихи замин шкалаи геохронологиро ташкил медиҳанд.

Асоси чунин шкалаҳоро ҳанӯз дар арафаи асрҳои XVII-XIX заминсози англис У. Смит пешниҳод карда буд. Ӯ садафчаҳои моҳиҳои мурдашударо, ки дар қабатҳои ҷинсҳои кӯҳӣ мавҷуданд, ҷамъ оварда, пай бурд, ки ба ҳар як қабати ҷинсҳо шумораи мувофиқи садафчаҳо мувофиқ меояд. Ба ибораи дигар, қабатҳое, ки шумораи якхелаи садафҳоро дар бар гирифтаанд, синну соли баробар доранд. Ҳамин тарз, синни нисбии ҷинсҳои кӯҳӣ муайян карда мешавад.

Давраҳои таърихии дар боло овардашуда, пайдоиш ва инкишофи ҳаётро дар Замин муайян мекунанд: архей (давраи қадимтарин), протерозой (ҳаёти ибтидоӣ), полеозой (ҳаёти қадим), мезозой (ҳаёти миёна), кайнозой (ҳаёти нав). Агар онро ба эътибор гирем, ки дар давраи архей ва протерозой ҳаёти органикӣ шакли одӣ гирифта, дар укёнусҳо ҷойгир шуда буд, ин ду давраро ҳамчун давраи криптозой (ҳаёти пинҳонӣ) номидан мумкин аст. Се давраи минбаъда полеозой, мезозой ва кайназой ҳамчун давраҳои ҳаёти ошкоро муаррифӣ мешаванд.

Барои ёфтани синни нисбии ҷинсҳо на танҳо боқимондаи организмҳои ҳайвонҳои мурда, балки растаниҳоро низ истифода мебаранд.

Методи палеонтологӣ танҳо ба қабатҳои таҳшин тааллуқ дорад, вале ин метод имкон намедиҳад, ки давомнокии давраҳо дар кӯҳпораҳо муайян карда шавад.

Пас аз сад соли кашфи У. Смит олимон Ж. Кюве ва А. Броняр имкон пайдо карданд, ки синни ҷинсҳои кӯҳиро бо солҳо ифода намоянд. Барои ин онҳо методи таҷзияи радиофаъол, яъне, методи таҷзияи радиоактивиро истифода бурданд. Дар ин маврид фарз карда мешавад, ки суръати таҷзия дар тамоми давраи фаъолияти Замин доимӣ мемонад.

Ҳангоми муайян кардани синни изотропии ҷинсҳо методҳои сурбӣ (қурғошимӣ), стронсигӣ, калий-аргонӣ истифода бурда мешаванд. Махсусан, методи калий-аргонӣ дар замони муосир воситаи боварибахши муайян кардани синни ҷинсҳо ва боқимондаҳо (таҳшинҳо) мебошанд.

Чунин методҳо ба физикҳо ва геологҳо имкон фароҳам меоварданд, ки дарозии эраҳо, давраҳои геологӣ, асрҳо дақиқ карда шаванд. Дар асоси таҳқиқоти геологӣ маълум шуд, ки давраҳои дарозтаринро архей (1млрд сол) ва протерозой (қариб 2 млрд сол) дарбар гирифтааст. Ин даврҳо то саҳеҳии ± сад млн. сол аниқ карда шудааст.

Эраи полеозой 350-330 млн сол, мезозой 170-175 млн сол, кайназой (ҳоло идома дорад) тақрибан 70 млн сол давом кардаанд.

Зинаи инкишофи геологии Замин давраи аз 3,5 млрд то 1,8 млрд солро фаро гирифтааст. Ин давра ба архей ва иротерозои барвақт мувофиқ меояд, ки онро физикшиносону геологҳо давраи геосинклиналӣ меноманд.

Агар дар давраи архей гармии қаъри Замин дар гирду атрофи он бемонеа паҳн мешуд, минбаъд паҳн шудани онро пӯстлохи шахшудаи Замин нигоҳ медошт. Ҳамин буд, ки гармӣ дар қаъри сайёраи мо зиёд гашта, барои дар шакли моеъи гудохта боқӣ мондани ҷинсҳои мантия мусоидат кард. Ин боиси зиёд шудани ҳаҷми Замин гардид. Ба ин пӯстлохи Замин муқобилият нишон дод. Ин муқобилият боиси он гардид, ки пӯстлохи Замин дар баъзе ҷойҳояш кафида, барои ба берун баромадани моддаҳои тафсон сабаб гардид. Оқибат силсилаи вулқонҳо ба вуҷуд омаданд ва аз ҷойҳои таркишёфтаи пӯстлохи Замин укёнусҳо пайдо шуданд. Онҳо низ ҳамчун ҳамаи пӯстлохи Замин роҳи тулонӣ ва дуру дарози эволютсияро аз сар гузарониданд.

Тахмин меравад, ки 2,5 млрд сол пеш ҳаҷми гидросфера 55%-и ҳаҷми муосирашро ташкил медодааст. Равандҳои фаъоли тектоникии давраи архей ва протерозой боиси аз қаъри Замин ба берун баромадани миқдори ниҳоят зиёди модда ва энергия гардидааст. Пайваста ҳаракатҳои вулқонӣ низ шиддат гирифтанд ва ба ҳалокатҳои мудҳиши глобалӣ сабаб гардиданд. Дар охири давраи архей ҷойивазкунии горизонталӣ ва вертикалии пӯстлохи Замин ба амал омад. Ин амал боиси ба рӯйи Замин ва пӯстлохи он ҷой иваз кардани таҳшинҳо гардид, ки онҳо болои ҳам ниҳоят зич ҷой гирифта, қабатҳоро ҳосил карданд.

Ҳамин тавр, ҳодисаҳои глобалӣ баъзан нақши созандаи тарҳи литосфераи Заминро иҷро кардаанд. Қабатҳои такягоҳӣ ва иметаҳою платформаҳои тарҳи Замин низ натиҷаи ҳамин фалокатҳо буда, то замони мо боқӣ мондаанд. Баъзе аз платформаҳо дар натиҷаи ҳаракатҳои тектоникӣ сабабгори ба «тахтасангҳои азим» ҷудо шудани қабатҳои саёра гардидаанд. Аслан платформаҳои қадимтарин, бе дигаргунӣ боқӣ монда, асоси қитъаҳои муосирро ташкил додаанд.

Шояд нахустин нафаре, ки монандии тарҳи сарҳадҳои наздисоҳилии ғарбии Африкаро бо сарҳадҳои наздисоҳилии шарқии Америкаи Ҷанубӣ муқоиса кардааст, файласуфи англис Ф. Бекон бошад. Соли 1620 ӯ идеяҳои худро бе ягон шарҳу эзоҳ чоп кард. Баъдан (соли 1658) намояндаи пири католикҳои Франсия Ф. Пласей гуфтореро пешниҳод кард, ки мувофиқи он Ҷаҳони кӯҳна ва Ҷаҳони нав пас аз Тӯфони ҷаҳонӣ аз ҳам ҷудо шудаанд. Дар давоми асрҳои XVII-XVIII ин нуқтаи назар эътироф гардид.

Мушоҳидаи аввалини геологӣ бо ҳам монанд будани материкҳои аз ду тарафи Атлантика ҷой гирифтаро соли 1858 олими итолиёвӣ Антонио Снидер (Пеллегрини) пешниҳод карда буд. Ӯ ҳатто тарҳи пештараи вазъи ҷойгиршавии қитъаҳоро низ сохта буд. Варианти ниҳоиро дар бораи ҷой иваз кардани қитъаҳо дар гипотезаи илмии олими немис Алфред Вегенер дар ибтидои асри XX дарёфт кардан мумкин аст. Вегенер аз рӯйи ихтисос метеоролог буд. Дар кори хеш бо масъалаи географӣ дучор гашта, ӯ ба монандии тааҷҷубоварӣ тарҳи соҳилҳои ду укёнуси Атлантик аҳамияти хосса додааст. Дар давоми панҷ сол А. Вегенер доир ба алоқаи байни Америкаи Ҷанубӣ ва Африка маълумоти зиёди геологӣ, географӣ, палеонтологиро ҷамъ овардааст. Дар натиҷаи ин пажуҳишҳо соли 1915 асареро бо номи «Пайдоиши материкҳо ва укёнусҳо» чоп кардааст. Дар ин асар ӯ гипотезаи ҷойивазкунии материкҳоро ба аҳли илми ҷаҳон

маълум намудааст. Ин ақида дар байни геологҳо ва геофизикҳо реаксияи бузургро ба амал овардааст. Баъзеҳо онро тарафдорӣ карда бошанд, гурӯҳи дигар бо қатъият онро рад кардаанд.

А. Вегенер исбот мекард, ки як замоне материки ягонаи Пангеа (Замини умумӣ) вуҷуд дошт ва он ҳамаи қитъаҳои бароямон маълумро муттаҳид месохт. Ин материки ибтидоӣ бо уқёнуси бесоҳил маҳдуд гашта буд, ки онро низ Панталасс (Уқёнуси умумӣ) ном кардааст. Мувофиқи ақидаи Вегенер Пангеяи бо пӯстлохи гранитӣ сохташуда дар зери таъсири қувваи гардиши Замин дар арафаи давраи палеозой ва мезозой (250-200 млн. сол пеш) ба қисмҳои алоҳида – материкҳои ҳозира ҷудо шудааст. Қувваҳои гардишдиҳанда гӯиё ин материкҳоро аз болои қабатҳои нисбатан зичтари мантия тела додаанд ва ба «шино» кардан маҷбур сохта бошанд, ки ҳоло ҳам ҳаракатҳояшонро идома медиҳанд.

Дар ин гипотеза бисёр чизҳо бе исбот қабул шуда буданд: сабабҳои шинокунӣ, қувваҳои теладиҳанда ва бисёр бузургиҳои дигар пинҳон монда буданд.

Соли 1930 А. Вегенер бори сеюм ба Гренландия бо умеди пайдо кардани исботи гипотезаи хеш сафар мекунад. Мақсади ӯ такроран чен кардани координатаҳои ҷазираҳо буд. Агар онҳо тағйир ёфта бошанд, идеяи ӯ ҳақ аст. Мутаассифона, ин экспедитсияи охирини А. Вегенер будааст. Якуми ноябри соли 1930 Вегенер дар 50-солагиаш ҳангоми ченкунии навбатӣ ба қаъри ях афтида ҳалок шудааст. Бо баробари фавти Вегенер гипотезаи ӯ низ аз хотир фаромӯш гашт.

Вале пас аз 40 сол дар Ассамблеяи муттаҳидаи Токиёгӣ бештари геологҳо ва геофизикҳо аз нав ба тарафдории гипотезаи Вегенер «ҷойивазкунии материкҳо» бархостанд.

Акнун, исботи ҷой иваз кардани материкҳо ба далелҳои зерин асоснок карда шудаанд:

1. Тарҳи тааҷҷубовари бо ҳам мувофиқ омадани тарҳи соҳилҳои Атлантикии Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Аврупо, Африқо. Олими англис, геофизик Е. Буллард бо ҳамкоронаш дар ин бора соли 1965 лоиҳаи ҷолиберо пешниҳод кардааст: дар МЭҲ ҳисобҳои беҳтаринеро ба анҷом расонид, ки онҳо бо ҳам мувофиқ омадани тарҳи соҳилҳои бо ҳам муқобили уқёнуси Атлантикаро исбот мекарданд. Муқаррар карда шуд, ки аз ҳама ҳамҷояшавии дақикро дар мавриде ҳосил кардан мумкин аст, ки агар ба сифати сарҳади материкҳо изобараи 2000 м. қабул карда шавад.

2. Монандии ҳайвоноту наботот ва таҳшинҳои уқёнусии дар замони палеозоӣ ва мезозоӣ боқимондаи материкҳо, ки онҳоро уқёнуси ҳозираи Атлантика аз ҳам ҷудо сохтааст.

3. Монандии маъданҳои кӯҳӣ ва таркибҳои тектонии соҳилҳои Атлантикии материкҳо.

4. Шароити муштараки палеогеографии Америкаи Ҷанубӣ, Африқо, Ҳиндустон, Австралия, Антарктида дар давраи палеозой ва аввали мезозой.

5. Аз рӯйи вақт ҷой дигар кардани қутбҳои магнитии Замин (азбаски қутбҳои магнитӣ ҷой иваз накардаанд, хулоса мебарояд, ки материкҳо ҷойҳояшонро дигар кардаанд).

6. Бо ёрии дастгоҳҳои муосир ҳосил кардани он далелҳо, ки материкҳо нисбат ба якдигарашон ҷойҳояшонро иваз мекунанд ва кардаанд.

Дар асоси ин далелҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳақиқат, дар аввал кураи Замин як материки бутунро ташкил медод. Атрофи онро уқёнус иҳота карда будааст. Тахмин меравад, ки уқёнуси ҳозира Ором он вақт мавҷуд буд, вале бо тарҳи дигар. Дар байни нимкураи шимолӣ ва ҷанубӣ уқёнуси дигаре (бо номи Тетис) вуҷуд дошт. Аввал тарҳи сайёра ба ду қисм-суперматерикҳои Лавразия ва Гондвана ҷудо шудан гирифт. Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ ба баҳри дохилиматерикӣ монанд буд. Уқёнусҳои Атлантика ва Ҳинд ҳоло вуҷуд надоштанд.

Ҷавонии сайёраи мо на фақат бо фаъолияти хосаи тектоникии худ олимонро ба ваҷҳ овардааст, балки бо тағйироти азими геологӣ низ ҳамаро дар ҳайрат гузоштааст.

Тасаввур кунед, ки тақрибан 3,5-3 млрд. сол пеш ба назар фазои уқёнусии фарох ба чашм мерасид, ки аҳён-аҳён галаҷазираҳоро дар бар мегирифт. Дар баъзе ҷазираҳо қуллаҳои конусҳои вулқонҳо аз уқёнус сар боло карда будааст.

Қитъаҳои бароямон маълум дар он вақт зери об пинҳон гардидааст, танҳо дар охири архей ва ибтидои протерозой пайдо шудааст.

Тавре олими австралиягӣ Б.Хант таъкид месозад, дар асоси омӯзиши скелетҳои оҳакини полипҳои кораллӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки якчанд млн. сол пеш суръати чархзании Замин дар гирди тири меҳвараш назар ба ҳозира хеле зиёд будааст. Мувофиқи ин давомнокии шабу рӯз то 9 соат кӯтоҳтар буда, соли заминӣ 900 шабу рӯзро дар бар мегирифтааст. Сустшавии гардиши кураи Замин натиҷаи таъсири қувваи мадду ҷазри укёнусҳо мебошад. Дар архей Моҳ ба сайёраи мо хеле наздик ҷойгир будааст ва қувваи ҷозибаи вай ба Замин таъсири ниҳоят калон расонида метавонистааст. Дар соатҳои кӯтоҳи он замон Моҳи азим қариб нисфи осмонро ишғол мекард ва бо шуоъҳои нуқрагини хеш хушкӣ ва оби сайёраи беҳаётро равшан мекардааст.

Обҳои укёнусҳои давраи архей хеле камнамак будааст. Мувофиқи ақидаи академик Н.М.Сорахова дараҷаи ғилзати намак дар онҳо ба 2,5% баробар будааст. Ҳол он ки ғилзати намаки укёнуси муосир 3,5% аст. Атмосфера низ ғайриодӣ буд. Дар архей ва нимаи аввали протерозой вай беоксиген мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқот олимон ба хулоса омаданд, ки аз архей то замони мо дар гидросфера ва атмосфера ҳиссаи оксиген зиёд шуда, миқдори гази ангидриди карбон кам шудан гирифтааст.

Доир ба температураи обҳои укёнусҳо низ далелҳои аҷиб ҳосил карда шудааст. Исбот карда шудааст, ки тақрибан 3,8 млрд сол пеш температураи обҳои укёнусҳо то $100^0$ С мерасид. 3 млрд сол қабл температураи гидросфера ва атмосфера дар Замин ба ҳисоби миёна аллакай $70^0$ С-ро ташкил медод. Барои он ки ин температура то $30^0$ С расад, тақрибан 2 млрд. сол сипарӣ гаштааст.

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

## ТО СОЛИ 2035 КӮДАКОНИ ФАРБЕҲ 70% БЕШТАР ХОҲАНД ШУД

Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар Аврупо пешгӯӣ мекунад, ки байни солҳои 2020 ва 2035 шумораи кӯдакони фарбеҳ дар Аврупо тақрибан 70% афзоиш хоҳад ёфт. 61% писарон бо ин мушкилот ва 75% духтарон бештар хоҳанд буд.

Бюро баъд аз омӯзиши вазъи 53 кишвари Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар соли 2022 ба чунин хулоса омадааст. Тибқи ин маълумот, ҳоло ҳар як кӯдаки сеюми синни томактабӣ аз фарбеҳӣ азият мекашад. Ва то соли 2035, дар маҷмуъ, 17 миллион писар ва 11 миллион духтари аз 5 то 19-сола вазни зиёдатӣ хоҳанд дошт.

– Фарзандони мо торафт бештар дар шароите ба воя мерасанд, ки дар он ғизои дуруст ва нигоҳ доштани тарзи ҳаёти фаъол барои онҳо хеле душвор аст. Ин сабаби асосии эпидемияи фарбеҳӣ аст, – гуфт Ҳанс Клуге, роҳбари Созмони ҷаҳонии тандурустӣ/Европа.

Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ чунин мешуморад, ки воситаи асосии мубориза бо фарбеҳӣ ташкили ғизои дуруст ва тарғиби фаъолияти ҷисмонӣ дар оилаҳо, мактабҳо ва умуман, ҷомеа мебошад.

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**



***Эраҷ ҶОНМИРЗОЕВ,***
***омӯзгори ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ,***
***номзади илмҳои педагогӣ***

# МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ ТАҚСИМИ БИСЁРАЪЗОГӢ БА БИСЁРАЪЗОГӢ ДАР ҲАЛЛИ МУОДИЛАҲОИ КУБӢ



Бисёраъзогиҳои зеринро дида мебароем:
$5x^2 - 6x - 2$; $-4x^3 + 2x^2 - 3x$; $x^4 + 4$.

Ин бисёраъзогиҳо фақат якто ҳарфи $x$ доранд, ки дар намуди стандартӣ дода шудаанд ва ба тариқи камшавӣ аз дараҷаи калонтарин бо як тартиби муайян навишта шудаанд. Дар ин ҳолат аъзои якуми бисёраъзогиҳо дараҷаи калонтарини бисёраъзогиро ифода менамоянд. Масалан: $x^2$ дараҷаи калонтарини бисёраъзогии якум, - $x^3$ дараҷаи калонтарини бисёраъзогии дуюм ва $x^4$ дараҷаи калонтарини бисёраъзогии сеюм мебошанд.

***Машқи 1.*** Бисёраъзогии $8x^2 + 10x - 3$-ро ба бисёраъзогии $2x + 3$ тақсим мекунем. Ин ҷо қоидаи тақсими хаттии ададҳои бисёррақама ба бисёррақамаро истифода намуда, амалиётро дар намуди нақшаи зерин иҷро кардан мумкин аст:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Тақсимшаванда | $8x^2 + 10x - 3$ | $2x + 3$ | Тақсимкунанда |
| | $8x^2 + 12x$ | $4x - 1$ | Ҳосили тақсим |
| | $-2x - 3$ | | |
| | $-2x - 3$ | | |
| | $0$ | | |

Бақия ба сифр баробар аст, бинобар ин, бисёраъзогии $8x^2 + 10x - 3$ ба дуаъзогии $2x + 3$ тақсими пурра шуд. Пас маълум шуд, ки дар натиҷаи ҳосили тақсим бисёраъзогӣ ҳосил мешавад: $(8x^2 + 10x - 3) : (2x + 3) = 4x - 1$

***Машқи 2.*** Бисёраъзогии $x^4 + 4$-ро ба бисёраъзогии $x^2 + 2x + 2$ тақсим мекунем. Тақсими бисёраъзогиро хаттӣ иҷро мекунем:

| | |
|---|---|
| $x^4 + 4$ | $x^2 + 2x + 2$ |
| $x^4 + 2x^3 + 12x$ | $x^2 - 2x + 2$ |
| $-\ 2x^3 + 2x^2 + 4$ | |
| $-\ 2x^3 - 4x^2 - 4x$ | |
| $2x^2 + 4x + 4$ | |
| $2x^2 + 4x + 4$ | |

***Санҷиш:*** $(x^2 + 2x + 2)(x^2 - 2x + 2) = x^4 - 2x^3 + 2x^2 + 2x^3 - 4x^2 + + 4x + 2x^2 - 4x + 4 = x^4 + 4$

***Машқи 3.*** Бисёраъзогии $x^5 + 2x^3 - x^2 - 2$-ро ба бисёраъзогии $x^3 - 1$ тақсим мекунем. Тақсими бисёраъзогиро хаттӣ ичро мекунем:

$$\begin{array}{l|l} x^5 + 2x^3 - x^2 - 2 & x^3 - 1 \\ \cline{2-2} x^5 - x^2 & x^2 + 2 \\ \cline{1-1} 2x^3 - 2 & \\ 2x^3 - 2 & \\ \cline{1-1} \quad 0 & \end{array}$$

***Машқи 4.*** Бисёраъзогии $3x^3 + x^2 - 9x - 3$ -ро ба дуаъзогии $3x + 1$ тақсим мекунем. Тақсими бисёраъзогиро хаттӣ ичро мекунем:

$$\begin{array}{l|l} 3x^3 + x^2 - 9x - 3 & 3x + 1 \\ \cline{2-2} 3x^3 + x^2 & x^2 - 3 \\ \cline{1-1} -9x - 3 & \\ -9x - 3 & \\ \cline{1-1} \quad 0 & \end{array}$$

Акнун муодилаҳои алгебравиеро дида мебароем, ки ҳалли онҳо бо воситаи тақсими бисёраъзогиҳо ичро карда мешаванд.

***Машқи 5.*** Муодиларо ҳал мекунем: $x^3 - 7x + 6 = 0$;

Маълум аст, ки муодилаи кубӣ 3-то реша дорад. Барои ёфтани решаи якуми он санҷиш гузаронида мешавад, яъне, мо бояд кадом ададро ба ҷойи номаълум гузорем, то тарафи чапи муодила ба сифр баробар шавад. Масалан, дар муодилаи кубӣ ба ҷойи номаълум адади 1-ро гузошта чунин ҳосил мекунем: $1 - 7 + 6 = 0$. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки решаи якуми муодила $x_1 = 1$ мебошад. Барои ёфтани решаҳои дигари муодилаи кубӣ формулаи тақсими бисёраъзогиҳоро тартиб дода, бисёраъзогии якум, яъне, тарафи чапи муодилаи $x^3 - 7x + 6$-ро ба бисёраъзогии дуюм, яъне, бо истифода аз решаи якум $x - 1$ тақсим мекунем:

$$\begin{array}{l|l} x^3 - 7x + 6 & x - 1 \\ \cline{2-2} x^3 - x^2 & x^2 + x - 6 \\ \cline{1-1} x^2 - 7x + 6 & \\ x^2 - x & \\ \cline{1-1} -6x + 6 & \\ -6x + 6 & \\ \cline{1-1} \quad 0 & \end{array}$$

Аз ин ҷо, тарафи чапи муодиларо ба намуди ҳосили зарби бисёраъзогиҳо чунин навиштан мумкин аст: $(x - 1)(x^2 + x - 6) = 0$; $x - 1 = 0$; $x^2 + x - 6 = 0$

Муодилаҳоро ҳал карда, решаи онҳоро меёбем: $x_1 = 1$; $x_2 = 2$; $x_3 = -3$.

***Машқи 6.*** Муодиларо ҳал мекунем: $6x^3 + 11x^2 - 3x - 2 = 0$. Барои ёфтани решаи якуми муодилаи кубӣ санҷиш гузаронида мешавад. Агар дар муодилаи кубӣ ба ҷойи номаълум адади -2-ро гузорем чунин ҳосил мекунем: $-48 + 44 + 6 - 2 = 0$. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки решаи якуми муодила, яъне, $x_1 = -2$ мебошад. Барои ёфтани решаҳои дигари муодилаи кубӣ формулаи тақсими бисёраъзогиҳоро тартиб дода, бисёраъзогии якум, яъне, тарафи чапи муодилаи $6x^3 + 11x^2 - 3x - 2$-ро ба бисёраъзогии дуюм, яъне, бо истифода аз решаи якум $x + 2$ тақсим мекунем:

$$\begin{array}{l|l} 6x^3 + 11x^2 - 3x - 2 & x + 2 \\ \cline{2-2} 6x^3 + 12x^2 & 6x^2 - x - 1 \\ \cline{1-1} -x^2 - 3x & \\ -x^2 - 2x & \\ \cline{1-1} -x - 2 & \\ -x - 2 & \\ \cline{1-1} \quad 0 & \end{array}$$

Аз ин ҷо, тарафи чапи муодиларо ба намуди ҳосили зарби бисёраъзогиҳо чунин навиштан мумкин аст: $(x+2)(6x^2-x-1)=0$; $x+2=0$; $6x^2-x-1=0$

Муодилаҳоро ҳал карда, решаи онҳоро меёбем: $x_1=-2$; $x_2=\frac{1}{2}$; $x_3=-\frac{1}{3}$.

***Машқи 7.*** Муодиларо ҳал мекунем: $9x^3+12x^2-10x+4=0$. Барои ёфтани решаи якуми муодилаи кубӣ санҷиш гузаронида мешавад. Агар дар муодилаи кубӣ ба ҷойи номаълум адади $-2$-ро гузорем, чунин ҳосил мекунем: $-72+48+20+4=0$. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки решаи якуми муодила $x_1=-2$ мебошад. Барои ёфтани решаҳои дигари муодилаи кубӣ формулаи тақсими бисёраъзогиҳоро тартиб дода, бисёраъзогии якум, яъне, тарафи чапи муодилаи $9x^3+12x^2-10x+4$-ро ба бисёраъзогии дуюм, яъне, дуаъзогии $x+2$ тақсим мекунем:

| | |
|---|---|
| $9x^3+12x^2-10x+4$ | $x+2$ |
| $9x^3+18x^2$ | $9x^2-6x+2$ |
| $-6x^2-10x$ | |
| $-6x^2-12x$ | |
| $2x+4$ | |
| $2x+2$ | |
| $0$ | |

Аз ин ҷо, тарафи чапи муодиларо ба намуди ҳосили зарби бисёраъзогиҳо чунин навиштан мумкин аст: $(x+2)(9x^2-6x+2)=0$ $x+2=0$; $9x^2-6x+2=0$

Муодилаи якумро ҳал карда, решаҳои онро меёбем: $x_1=-2$; Дискриминанти муодилаи квадратӣ хурд аз сифр аст, он гоҳ муодилаи квадратӣ ҳал надорад. Бо ин усули кор мо метавонем дилхоҳ муодилаҳои дараҷаи чорум, панҷум ва ғайраро ҳал карда решаҳои онҳоро ёбем.

***Машқи 8.*** $x^4+3x^3-13x^2-9x+30=0$.

1) Агар тарафи чапи муодилаи дараҷаи чорумро ҳангоми $x=2$ будан санҷиш гузаронем, ба сифр баробар мешавад. Пас маълум аст, ки решаи якуми муодила ба 2 баробар аст, яъне $x_1=2$;

2) Барои ёфтани решаҳои дигари муодилаи дараҷаи чорум, бисёраъзогии якум, яъне, тарафи чапи муодилаи $x^4+3x^3-13x^2-9x+30$-ро ба бисёраъзогии дуюм, яъне, ба дуаъзогии $x-2$ тақсим карда ҳосил мекунем. Он гоҳ муодила чунин навишта мешавад:

$(x^3+5x^2-3x-15)(x-2)=0$.

Аз ин ҷо муодилаи дараҷаи чорум ба ҳалли муодилаи кубӣ оварда шуд:

$x^3+5x^2-3x-15=0$.

3) Агар тарафи чапи муодилаи кубиро ҳангоми $x=-5$ будан санҷиш кунем, ба сифр баробар мешавад, пас маълум аст, ки решаи якуми муодилаи кубӣ ба $-5$ баробар аст, яъне, $x_1=-5$;

4) Барои ёфтани решаҳои дигари муодилаи кубӣ, бисёраъзогии якум, яъне тарафи чапи муодилаи кубӣ $x^3+5x^2-3x-15$-ро ба бисёраъзогии дуюм, яъне, ба дуаъзогии $x+5$ тақсим карда, ҳосил мекунем. Он гоҳ муодила чунин навишта мешавад: $(x^2-3)(x+5)=0$.

Дар натиҷа муодилаи дараҷаи чорум чунин шакл мегирад:

$$(x^2-3)(x+5)(x-2)=0.$$

$$x^2-3=0;\ x+5=0;\ x-2=0.$$

$$x_{3\,4}=\pm\sqrt{3};\ x_2=-5;\ x_1=2$$

Ҷавоб: $x_1=2$, $x_2=-5$; $x_{3\,4}=\pm\sqrt{3}$.

***Машқи 9.*** Муодиларо ҳал мекунем: $4x^5+4x^4-13x^3-6x^2+9x+2=0$

1) Агар тарафи чапи муодилаи дараҷаи панҷумро ҳангоми $x=\pm1$ будан санҷиш гузаронем, ба сифр баробар мешавад. Пас маълум аст, ки ду решаи муодила ба $\pm1$ баробаранд, яъне $x_1=-1$; $x_2=1$;

2) Барои ёфтани решаҳои дигари муодилаи дараҷаи панҷум, бисёраъзогии якум, яъне тарафи чапи муодилаи $4x^5+4x^4-13x^3-6x^2+9x+2$-ро ба бисёраъзогии дуюм, яъне, ба ҳосили зарби

дуаъзогиҳои $(x – 1)$* $(x + 1)$ ё $x^2 - 1$ тақсим карда, ҳосил мекунем. Он гоҳ муодилаи дараҷаи панҷум чунин навишта мешавад: $(4x^3 + 4x^2 - 9x - 2)(x^2 – 1) = 0$.

Аз ин ҷо муодилаи дараҷаи панҷум ба намуди ҳосили зарби ҳалли муодилаи кубӣ ва квадратӣ оварда шуд: $4x^3 + 4x^2 - 9x - 2 = 0$; 3)

Агар тарафи чапи муодилаи кубиро ҳангоми $x = -2$ будан санҷиш гузаронем, ба сифр баробар мешавад, пас маълум аст, ки решаи якуми муодилаи кубӣ ба $-2$ баробар аст, яъне, $x_1 = -2$;

4) Барои ёфтани решаҳои дигари муодилаи кубӣ, бисёраъзогии якум, яъне, тарафи чапи муодилаи кубии $4x^3 + 4x^2 - 9x - 2$-ро ба бисёраъзогии дуюм, яъне, дуаъзогии $x + 2$ тақсим карда, ҳосил мекунем. Он гоҳ муодила чунин навишта мешавад: $(4x^2 - 4x - 1)(x + 2) = 0$.

Дар натиҷа муодилаи дараҷаи панҷум чунин навишта мешавад:

$(4x^2 - 4x - 1)(x + 2) = 0$ $D = 16 + 16 = 32$; $D > 0$; $x + 2 = 0$.

$x_{4,5} = \frac{1}{2}(1 \pm \sqrt{2})$; $x_3 = -2$

Ҷавоб: $x_{1,2} = \pm 1$; $x_3 = -2$; $x_{4,5} = \frac{1}{2}(1 \pm \sqrt{2})$.

***Машқи 10.*** Намунаи ҳалли муодилаеро дида мебароем, ки бо истифодаи қоидаи зарб ва тақсими бисёраъзогиҳо ба бисёраъзогиҳо ҳалли онҳо осон мебошад. Масалан, бигзор ҳал кардани муодилаи зерин талаб карда шавад:

$(x + 1)(x^3 + 1) = 2x(1 - x^2) + 4$.

Менависем: $(x + 1)(x^3 + 1) - 2x(1 - x^2) - 4 = 0$,

Аз ин ҷо $x^4 + x^3 + x + 1 - 2x + 2x^3 - 4 = 0$, ё ки $x^4 + 3x^3 - x - 3 = 0$ мешавад.

$x^4 + 3x^3 - x - 3 = (x^4 + 3x^3) - (x + 3) = x^3(x + 3) - (x + 3) = (x + 3)(x^3 - 1) =$
$= (x + 3)(x - 1)(x^2 + x + 1)$.

$(x + 3)(x - 1)(x^2 + x + 1) = 0$,

Аз ин ҷо $x_1 = -3$, $x_2 = 1$ ва муодилаи $x^2 + x + 1 = 0$ реша надорад.

Ҷавоб: $x_1 = -3$, $x_2 = 1$.

***Машқи 11.*** Касрро ихтисор мекунем: Барои ин бисёраъзогиҳои сурат ва махраҷи касрро ба ҳосили зарби бисёраъзогиҳо табдил дода, ҳосил мекунем:

$$\frac{x^3 - x^2 - 4}{x^3 - 2x^2 + 3x - 4} = \frac{(x-2)(x^2 + x + 2)}{(x+1)(x^2 + x + 2)} = \frac{(x-2)}{(x+1)}$$

### ***Машқҳо барои такрор:***

1. Тақсимро иҷро кунед:

1) $(6x^4 + x^3 - 6x^2 + 1) : (2x^2 + x - 1)$;
2) $(9x^4 - 7x^2 + 6x - 2) : (3x^2 - 2x + 1)$;
3) $(5x^5 + 6x^4 - 20x^2 - 8x) : (3x^3 - 4)$;
4) $(12x^5 - 9x^4 + 8x^2 - 6x) : (4x^2 - 3x)$.
5) $(x^5 + 1) : (x + 1)$;
6) $(x^6 - 1) : (x - 1)$;
7) $(3x^5 - 10x^3 - 7) : (3x^2 + 2)$;
8) $(6x^6 + x^4 + x) : (2x^4 - 3x^2)$.

2. Муодилаҳоро ҳал кунед:

1) $x^3 - 5x^2 + 8x - 6 = 0$;
2) $9x^3 + 12x^2 - 10x + 4 = 0$;
3) $x^4 + x^3 - 5x^2 + x - 6 = 0$;
4) $2x^4 - 2x^3 - 11x^2 - x - 6 = 0$.
5) $x^6 - x^4 - 7x^3 + 7x^2 + 12x - 12 = 0$;
6) $2x^5 - 3x^4 - 7x^3 + 8x^2 + 6x - 4 = 0$;
7) $x^6 + x^5 - 7x^4 - 5x^3 + 16x^2 + 6x - 12 = 0$;
8) $9x^6 + 6x^5 - 17x^4 - 12x^3 + 7x^2 + 6x + 1 = 0$.

**МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД**



***Дилбар ИСОЗОДА,***
***омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ –риёзии ДҶТИБКСМ***

# ИНТИХОБИ КАСБ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА



Интихоби дурусти касб барои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти муҳим дорад. Масъалаи интихоби дурусти касб дар шуури хонанда ба бедории фаҳмиши вай бисёр муҳим мебошад. Методикаи дурусти таълими математика ба таври фарогир дар шуури хонандагон дар касбинтихобкунӣ мусоидат мекунад. Ба кори касбинтихобкунӣ ҷалб намудани хонандагон ин доштани иттилоот дар бораи касбҳои гуногун мебошад.

Барномаи нави таълими математика бо гузориши масъалаи интихоби касб дар таълими математика мусоидат мекунад. Яке аз қадамҳои аввалин дар ин самт дохил кардани масъалаҳои зиёди ба касбомӯзии ёридиҳанда мебошад. Масъалаи барномасозии хаттӣ хонандагонро ба яке аз бахшҳои математикаи муосир шинос менамояд. Дар барномаи нави синфи 8-11 дар курси алгебра ва информатика мавзуи нави “Ҳисобкунӣ бо ёрии техникаи ҳисоббарор” дохил карда шудааст. Омӯзиши он ба хонандагон доир ба имкониятҳои техникаи муосир донишҳои навро пешниҳод менамояд. Ҳалли масъалаҳои амалӣ дар компютерҳо (МЭҲ) ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мекунанд, фаҳмиши техникиашонро такмил мебахшанд ва доир ба иҷрои амалҳои арифметикӣ дар сохти МЭҲ маълумоти бештар ба даст меоранд.

Самти дуюм, дохил намудани машғулиятҳои факултативӣ дар интихоби касби хонандагон аз математика барои синфҳои 6-11 ба ҳисоб меравад. Мақсад аз он иборат аст, ки дар хонандагон тамоюл ба математика бештар гардад ва дар ҷодаи интихоби касб ба мазмуни курси факултативӣ алоқаманд мебошад. Курсҳои махсуси факултативии “Математикаи ҳисоббарор” ва “Барномасозӣ” ба интихоби касб таконбахшанд. Мазмуни ин факултативҳо васеъ буда, математикаи муосирро, махсусан, самти амалии онро хубтар меомӯзанд. Зарур аст, ки дар факултативҳо хонандагон нақши муҳимми математикаи ҳисоббарор ва машинаҳои электронии ҳисоббарорро дар инкишофи хоҷагии халқ фаҳмида тавонанд. Дар машғулиятҳои факултативӣ ба хонандагон имконият пайдо мешавад, ки дониши риёзии хешро дар амал татбиқ карданро омӯзанд. Курсҳои махсуси факултативӣ дар хонандагон малакаҳои донишандӯзиро тақвият мебахшад.

Самтҳои асоси интихоби касбии хонандагонро дар курсҳои факултативӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Курси факултативии “Барномасозӣ” ба хонандагон маълумоти умумии муҳимро медиҳад, ки дар бораи имкониятҳои машинаҳои электронии ҳисоббарорӣ дар барномасозӣ ошно мегарданд. Машғулиятҳои факултативӣ доир ба барномасозӣ дар фаъолияти амалии хонандагон баҳои

баландро медиҳад. Масъалаҳоро ба иҷрои пайдарпайи элементарии амалҳои арифметикӣ ва мантиқӣ оварда мерасонад. Дар ин ҳолат омӯзиши барномасозӣ алогоритмҳои гуногунро дар хонандагон инкишоф, дарки мантиқ ва эҷодкориро такмил медиҳад. Курси мзкур хонандагонро водор менамояд, ки мустақилона ҷустуҷӯ намоянд ва супоришҳои додашударо дуруст иҷро кунанд. Машғулияти факултативӣ доир ба “Барномасозӣ” имкон медиҳад, ки дар интихоби касб дуруст ва ҷиддӣ муносибат намояд. Дар машғулиятҳои факултативӣ хонандагон бо истифода аз методҳои ҳисоббарорӣ ҳалли масъалаҳои асоси синфҳои 8-11 (аз математикаи элементарӣ ва дигар қисмҳои таҳлилии математика)-ро меомӯзанд.

Дар ин ҷо мушкилоти оптималӣ хондани лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ ба миён меояд. Агар вазифаҳои хонагӣ ба андозаи муайян пешниҳод шуда, мустаҳкамкунии дарсҳо дар синфхона сурат гирад, алаботи нав ба низоми мисолу машқҳо пайдо мешавад. Робитаи байнифаннӣ бо сикли фанҳои табиатшиносӣ-математикӣ пурзӯр ва машғулиятҳои факултативӣ ба хонандагон бо методҳои математикӣ дар амал татбиқ мегардад.

Намуди сеюми қобилияти математикӣ “санъатӣ пай дар пай ва дуруст иҷро карданӣ фикрронихои мантиқӣ мебошад”. Фаҳмидан ва дуруст татбиқ карда тавонистани принсипи индуксияи математикӣ, ки критерияи (аломатӣ) хуби фаҳмиши мантиқӣ аст, барои математикон ниҳоят зарур аст.

Сатҳи сеюм дар синфҳо 9-11 кори касбинтихобкуниро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври фарогир таълими математикаро ба роҳ мондан аст.

Интихоби касб дар ин мактабҳо дар раванди тадриси курси математикаи умумӣ, қисмҳои махсуси он ва курсҳои пурраи математикаи амалӣ МЭҲ омӯзонида мешавад. Хонандагони болаёқат дар касбинтихобкунӣ ба мушкилӣ рӯбарӯ намегарданд ва зуд иҷрои масъалаҳоро дармеёбанд.

Агар мо касберо интихоб намоем, ки дар доираи он битавонем ба рушду пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ саҳм гузорем, ҳамеша дар ҷомеа ҷойгоҳи сазовор пайдо хоҳем кард.

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

## ТАНҲО 16% ВОЛИДОН ДАР РОССИЯ БАРОИ ТАҲСИЛИ ФАРЗАНДИ ХУД КОЛЛЕҶРО МУВОФИҚ МЕДОНАНД

Аксарияти волидайн дар Федаратсияи Россия (80%) мехоҳанд, ки фарзандонашон маълумоти олӣ гиранд, гуфта мешавад дар шумораи нави нашрияи HSE Monitoring the Economics of Education.

Аксари онҳо (40%) бар ин боваранд, ки дараҷаи бакалавр ё мутахассис барои фарзандонашон муҳим хоҳад буд. 25% мехоҳанд, ки фарзандашон магистратура, 4% аспирантура ва 8% ду маълумоти олӣ гиранд.

Танҳо 16% волидон омодаанд, ки фарзандонашон танҳо бо гирифтани маълумоти миёнаи касбӣ маҳдуд шаванд. 4% сатҳи мактабро кофӣ мешуморанд, 3% ба ин аҳамият намедиҳанд.

Дар пажуҳиш гуфта мешавад, ки мафҳуми он, ки таҳсилоти олӣ бояд барои мардум дастрас бошад, дар зеҳни мардум боқӣ мондааст.

**АСРОРИ ТАБИАТ**



*Шоира НАРЗИҚУЛОВА,*
*омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент*

# ХУСУСИЯТҲОИ ДАВОИИ РАСТАНИҲОИ ВОДИИ ЗАРАФШОН



Диёри мо табиати зебову дилпазир дошта, аз захираҳои табиӣ бой аст. Табиат ба чашми инсон дорухонаи нахустинро боз намудааст. Азбаски таркиби хӯроки одамони қадим асосан аз реша, тухмҳои растанӣ, меваҳо иборат буд, бо мурури замон одамон оҳиста-оҳиста аз таҷрибаи амалии худ бо ёрии растаниҳои гуногун шифо ёфтанро аз бемориҳо омӯхтаанд. Растаниро бо ганҷинае ташбеҳ додан мумкин аст, ки дорои моддаҳои гуногуни фаъоли биологӣ мебошанд. Растаниҳои болооби водии Зарафшон барои муолиҷаи бемориҳои гуногун хусусиятҳои табобатӣ доранд. Водии Зарафшонро хазинаи гиёҳҳои дармонбахш номидан мумкин аст. Омӯхтани растаниҳои доруворӣ, парвариш кардан дар қитъаҳои таҷрибавӣ, ҳифз намудани онҳо, тарзи ҷамъоварӣ ва усули истифодабарии растаниҳо дар табиат ва ҳам дар фаъолияти инсон аҳамияти калон дорад. Мардуми тоҷик китоби «Канзи шифо»-ро ҳамчун бойгонӣ, ки дар он гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистон шарҳ дода шудааст, истифода мебаранд. Растаниҳое, ки гули зебо дошта, аввали баҳор мешукуфанд, аз ҷумла, намудҳои зиёди гули лола, сичак (сич), ҳолмон, сияҳгӯш, наврӯзӣ, бойчечак ва ғайра дар ҳолати нестшавӣ қарор дошта, ба «Китоби сурхи Тоҷикистон» дохил шудаанд.

Дар болооби водии Зарафшон садҳо намуд гиёҳҳои шифобахш мавҷуд аст, ки дар байни онҳо зира, қоқу, барги зуф, испанд, гули хайрӣ, настаран, газанг ва ғайра хусусиятҳои зиёди шифоӣ доранд.

Зикри хусусиятҳои шифоии баъзе аз растаниҳоро бамаврид меҳисобем.

Зира растании бисёрсолаи маъмулу хушбӯй аст ва ҳамчун растании доруӣ барои хуштаъм кардани таом истифода менамоянд. Ҷамъоварии зира бо роҳи дарав кардани қисми рӯизаминии он дар давраи пеш аз пухтани тухмаш сурат мегирад.

Қоқу растании бисёрсола буда, дар тиб решаи онро васеъ истифода мебаранд. Онро тирамоҳ ё аввали баҳор ҷамъоварӣ карда, дар халтаҳои коғазӣ нигоҳ медоранд. Хусусиятҳои шифобахшии қоқу ҳанӯз аз замонҳои қадим маълум будааст. Абуалӣ ибни Сино шираи қоқуро барои муолиҷаи гули чашм, обхӯра ва бемориҳои ҷигар тавсия намудааст. Муҳаммад Ҳусайн дар «Маҳзан-ул-адвия» қоқуро барои табобати бемориҳои меъда ва чун доруи хунбанд фармудааст. Дар тибби мардумӣ қоқу чун василаи иштиҳоовар, талхарон, пешоброн ва бодрон маълум аст. Қоқу қабзи шикамро бартараф карда, хосияти табшиканӣ ва зиёд кардани шири модарро дорад. Мардум хокаи аз решаи он тайёркардаро ҳамчун подзаҳр истифода мебаранд, ки он хосияти арақоварӣ ва пешобронӣ дорад, чунки бо арақ ва пешоб қисми зиёди захр аз бадан баромада,

хавфи заҳрро кам мекунад. Дар тибби муосир доруҳое, ки аз растании қоқу тайёр карда мешавад, чи алоҳида ва чи дар омехта бо дигар растаниҳои шифобахш, фаровон истифода мешавад.

Дар тиб баргҳои барги зуф ва тухмаш истифода бурда мешавад. Мевааш қуттичаи духонагӣ буда, дар ҳар як қуттичаи хӯша аз 8 то 13 тухм дида мешавад. Абуалӣ ибни Сино бо барги зуф бисёр бемориҳо: ҷойҳои сӯхташуда, захмҳои чуқур, варамҳо, бемории чашм, дарди дандон ва дигар бемориҳоро табобат мекард. Шираи барги зуф ҷигар, гурда, меъдаву рӯдаҳоро боқувват карда, дар онҳо ҷойҳои маҳкамшуда (закупоркаҳо)-ро мекушояд. Инчунин, барги зуфро дар тибби муосир барои табобати бемориҳои шикамрав, ҷигар, гурда, саратони шуш, диққи нафас, хунравӣ ва ғайра истифода мебаранд. Хусусиятҳои табобатӣ дар барг ва тухми он ниҳон аст. Барги зуф дорои витамини К, кислотаи аскарбин, полисахаридҳо ва моддаҳои гуногун мебошад. Барги зуфро дар об ҷӯшонида даҳонро обгардон мекунанд, ки ин дарди дандон ва варами гӯштҳои дандонро табобат мекунад.

Испанд растании бисёрсолаи алафӣ буда, дар ҷойҳои хушк ва заминҳои бекор ҳамчун гиёҳи бегона мерӯяд. Ин гиёҳ аз давраи қадим ҳамчун растании дорувории машҳур маълум буд. Абуалӣ ибни Сино дар китоби худ «Ал-Қонун» испандро ҳамчун доруворӣ барои табобати дарди узвҳо ва буғумҳо пешниҳод кардааст. Олими Юнони Қадим Диоскорид испандро ҳамчун доруворӣ барои табобати сустбинии чашмҳо истифода кардааст. Дар тиб асосан баргу поя, қисман тухми ин растанӣ истифода мешавад. Узвҳои алоҳидаи растаниро барои табобати бемориҳои сирояткунанда (зуком, сил), диққи нафас, сифилис, дарди сар, тарбод, шамолхӯрии торҳои асаб ва ғайра истифода мекунанд.

Гули хайрӣ растании алафии бисёрсола буда, асосан реша ва барги онро истифода меанамоянд. Решаи растанӣ ғафс буда, хокистарранг мебошад. Асосан решаи растанӣ ҳамчун воситаи давоӣ васеъ истифода шуда, барои бемориҳои газаки меъда, рӯда, шамолхӯрӣ, истихроҷи балғам, роҳҳои нафаскашӣ, роҳи пешоб, пӯст, дарди чашму гулӯ, рагу гиреҳҳои системаи асаб ва ғайра корбаст мегардад. Дар таркиби решаи растанӣ оҳар, қанд, равған, витаминҳо ва дар барги гул бошад, равғани эфир мавҷуд аст.

Настаран яке аз растаниҳои паҳншудаи водии Зарафшон ба ҳисоб меравад. Ҳоло намудҳои зиёди настаран дар илм маълум мебошад, ки онҳо аҳамияти табобатӣ доранд. Меваи настаран чормағзакҳои дар даруни гулбанд ҷойгиршуда ба ҳисоб меравад. Дар таркиби меваи настаран витамини С хеле зиёд буда, инчунин, витаминҳои $A_{12}$-18мг, К, $B_2$, қанд, кислотаҳо, намакҳои менералӣ, равғани эфир ва ғайра дида мешавад. Меваи растаниро дар тирамоҳ ҷамъоварӣ карда, баъд мехушконанд. Онро барои табобати бемориҳои камхунӣ, авитаминоз, ҷигар, роҳи пешоб, диққи нафас, бемориҳои пӯст истифода мебаранд. Аз настаран доруҳои обакӣ, донагӣ, қиём, олосас, аз равғани он бошад, чой тайёр мекунанд.

Газанг растании духонагии бисёрсолаи алафӣ мебошад. Дар поя ва барги растанӣ хорҳои махсуси «газанда» дида мешавад. Дар таркиби вай асосан моддаи фаъоли гистамин, кислотаи формиат дида шуда, сабаби сӯзиши онҳо мегардад. Хусусияти давоӣ дар барги растаниҳо ниҳон буда, онро бо якҷоягии поя ҷамъоварӣ карда, мехушконанд. Дар барги растанӣ олимон намудҳои зиёди витаминҳоро дарёфт кардаанд. Инчунин, дар барги газанг кислотаи аскарбин, каротин, витаминҳои С, К, $B_{12}$, $B_2$, хлорофил, кислотаи аскорбин, кислотаи органикӣ, фитостерон, қанд, намак, оҳан ва ғайра дидан мункин аст. Барги растанӣ барои табобати бемориҳои диққи нафас, дарди қафаси сина, табларза, авитаминоз, буғумдард, хунравӣ, бемориҳои занона, системаи ҳозима ва ғайра муфид мебошад.

Хусусияти табобатӣ доштани растаниҳои гуногун, қабл аз ҳама, ба таркиби онҳо вобастагии зич дорад. Гиёҳҳои дармониро дар ҳама ҷойҳои болооби водии Зарафшон дарёфт намудан мункин аст. Растаниҳои шифобахшро барои табобати бемориҳои дилу рагҳои хун, системаи асабу ҳозима, ҷигар, гурда, роҳҳои пешобгузар васеъ истифода мебаранд.

**ТАҚРИЗ**

***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***номзади илми филология***

# ТАСВИРИ РӮЗГОР ВА СИРАТИ ИНСОНҲО

## *Барои дарёфти Ҷоизаи адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*



Адабиёт тарбиятбахши ҷомеа буда, бо омӯзишу мутолиа инсон ба дунёи рангини маънавият ворид мегардад. Нақши адабиёт дар тафаккуру ташаккули афкори ҷомеа муҳим буда, донишу ҷаҳонбинии инсонро васеъ мегардонад ва ба дарку маърифати воқеоти замон мусоидат мекунад. Аз ин ҷост, ки мардуми тоҷик аз қадим ба омӯзишу мутолиа машғуланд ва китобро “аниси кунҷи танҳоӣ” ва “фурӯғи субҳи доноӣ” донистаанд. Дар ин замина, нақши нависандагону шоирон бузург аст ва маҳз ба василаи таълифи асарҳои мондагор номи онҳо дар саҳифаҳои таърихи адаби тоҷик ва ҷаҳон то абад поянда мемонад. Дар адабиёти тоҷик адибони соҳибистеъдоду заҳматкаш ба эҷоди асарҳои пурмуҳтавою баландғоя машғул гардида, бо асарҳои худ дар рушду пешрафти ҷомеа ва донишу ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон нақши муассир мегузоранд. Дар замони соҳибистиқлолӣ имкони мусоид фароҳам омад ва адибони тозагӯю ҷӯянда, ки бо сабку шеваи хоси худ ба арсаи адабиёти ворид гардидаанд, бо инъикоси мавзуъҳои муҳим ва паҳлуҳои гуногуни зиндагии мардум асарҳои ҷолибу хонданӣ таълиф намудаанд. Нависандаи хушсалиқа Шодӣ Раҷабзод аз ҷумлаи ҳамин гуна адибонест, ки асосан дар жанри ҳикоя қаламфарсоӣ мекунад ва то ин дам се китоби ӯ дастраси хонандагон шудааст. Асарҳояш бевосита аз шебу фарози ҳаёт қисса мекунанд ва бо тасвирҳои ҷолиби худ аз истеъдоди баланди адиб шаҳодат медиҳад. Нависанда қаҳрамонҳояшро хуб мешиносад, воқеоти замонро амиқан дарк мекунад, мушкилоти рӯзгори мардумро мушоҳида менамояд ва он ҳамаро ба риштаи тасвир мекашад.




Китоби нави нависанда бо номи “Дасти боло” (Душанбе: Ирфон, 2022. – 264 с.) фарогири ҳикояҳо мебошад. Бояд гуфт, ки рисолати адабиёт бузург аст, он масъулияти зиёдро тақозо мекунад ва аз адиб омӯзиши фарогиру доманадор талаб менамояд. Дар адабиёти муосири тоҷик Шодӣ Раҷабзод ҳамчун ҳикоянавис шинохта шудааст ва аз ҳикоя то ҳикоя нивиштаҳояш такмил меёбад, доираи баррасии мавзуъҳояш васеъ гардида, андешаву тафаккури пешрафтааш гувоҳи он аст, ки адиб омӯзишу мутолиаи фарох дорад, адабиёти ҷаҳонро ба таври фарогир меомӯзад ва ин таъсир дар навиштаҳояш амиқ ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин, кӯшиш менамояд, ки ҷаҳони мураккаби ботини инсонҳо ворид гардад, сурату сирати онҳоро бармало созад. Дар ҳикояҳои нависанда лаҳзаву ҳодисоти ҷолиб ба тасвир омада, зиндагиро бо тамоми мураккабию

мушкилоташ бозгӯ мекунад ва инсони созандаю муборизро ситоиш мекунад. Дар ҳикояҳояш андешаву тафаккур, тасвиру тахайюл омезиш ёфта, вай кӯшиш мекунад, ки аз мушкилоти ҷомеа сухан ба миён гузорад, дарди мардумро бозтоб намояд ва роҳҳои ҳалли онро нишон диҳад, ки ин ҳама рисолати азалии адабиёт мебошад. Адабиёт аз як тараф, зебоипарастиро талқину тарғиб кунад, аз ҷониби дигар, такмилу таҳаввул бахшидан ба афкору ҷаҳонбинии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Он бевосита ба воқеият иртибот мегирад ва нависанда ҳамчун мушоҳидакор ҷузъиёти ҳар як ҳодисаву воқеаро муфассал ва аз нигоҳи бардошти худ тасвир мекунад, ки хоси авомили адибиёти асил мебошад.

Аксари ҳикояҳои китоби мавриди назар тасвири воқеаҳои ҷанги шаҳрвандиро дар бар мегирад. Муаллиф бевосита шоҳиди ҷанги шаҳрвандӣ гардидааст, ҳодисаҳои гуногунро ҳамеша дар хотир дорад, ки дар натиҷа мардуми зиёде сарсону овора ва зиндагии онон мушкилу тоқатфарсо гардида буд. Вай ҳамчун адиби пешқадам ба қадри сулҳу ваҳдат расиданро талқин менамояд, ки заминаи асосии пешрафти ҳар ҷомеа мебошад. Бояд гуфт, ки ҳанӯз ҳам дар адабиёти тоҷик ба таври бояду шояд ҷанги дохилӣ тасвиру таҳлили муфассал ва ҳамаҷониба нашудааст ва аз ин рӯ, таваҷҷуҳи адибон ба ин мавзуъ муҳиму саривақтӣ мебошад. Шодӣ Раҷабзод дар ин самт аз адибонест, ки бевосита тавассути жанри ҳикоя масоили мухталифи ҷанги шаҳрвандиро баррасӣ ва мавриди тасвири муассир қарор додааст. Дар пешгуфтори китоб барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, нависандаи номвар Юнус Юсуфӣ зикр намудааст: “...падидаи муҳим дар навиштаҳои Шодӣ Раҷабзод хушбинии ӯ ба зиндагӣ аст. Дар мавридҳое ҳатто, ки хонанда бовар мекунад, саранҷоми кор чандон хуб нест, муаллиф қаҳрамонашро дар ниҳоят бо роҳе аз нобудӣ мераҳонад ё воқеаро ба хубӣ меанҷомонад. Пессимизм дар офаридаҳои Шодӣ Раҷабзод кам ба назар мерасад. Дар пайванд ба ин гуфта бештари ҳикояҳои ҳамин маҷмуаро шоҳид меорам, ки хонанда инак дар даст дорад”.

Дар ҳикояҳо дарду ранҷ, мушкилоти рӯзгор, беинсофии бархе аз одамон, некиву накукорӣ ва амсоли ин масъалаҳои рӯзамарраи зиндагӣ дар тасвири адиб ҷойгоҳи вижаро доро мебошад. Масъалаи муҳоҷират низ дар навиштаҳои адиб мавқеи намоён дорад. Таври мисол, дар ҳикояи “Интизорӣ” вазъи сангин ва азобу машаққати муҳоҷиронеро тасвир намудааст, ки барои дарёфти як луқмаи нон дар Россия азоби ғарибиро пушти сар мекунанд. Дар ҳикоя аз мушкилоти муҳоҷират гуфтааст, ки бевосита худи адиб аз сар гузаронидааст, ки ин омил аз як сӯ, воқеият бошад, аз ҷониби дигар, бо тасвиру тахайюли ҷолиб муассир мебошанд. Дар ин ҳикоя ҳангоми ба Россия сафар кардани як гурӯҳ, ки яке аз онҳо худи муаллиф мебошад ва бевосита шоҳиди воқеаҳо мегардад. Дар дилхоҳ асари бадеӣ “ман”-и муаллиф ба таври барҷаста ҳувайдо мегардад, ки нависанда симо ва зиндагии хешро дар нигоштаҳояш нақл менамояд. Ба гунаи мисол дар ҳикояи зикршуда “ман”-и муаллиф ба таври чашмрас ҷилвагар мешавад:

“Ман низ ба дастам нигаристам: 14:35 дақиқа. Эҳа, ҳоло то вақти ҳаракати қатораи мо чӣ қадар лаҳзаҳоро пушти сар мебояд кард. Тадриҷан сарам гиҷу вазнин, хаёли хоб ба марзи чашмонам зӯр оварда, ба иродаю ихтиёри ман тасаллут ёфта, дигар ёд надорам, чӣ дидаму надидам дар хобам. Хобҳоям парешону пароканда, гоҳе аранге ба ёдам меояд, ки раҳматӣ модарам дар деҳа аз дарвозаи хонаам даромада, нигоҳаш малолатманд ба вусъати ҳавлиям нигариста, остинҳои васеи куртаи чити гулдорашро бод дода, чизе мегӯяд, аммо ман ҳар қадар талош мекунам, ба маъниву моҳияти суханҳояш сарфаҳм равам, наметавонам. Гоҳ падарам чун дар вақти зинда буданаш аз кадом гӯшаи ҳаёт пайдо шуда, назди ягона дарахти тановари чормағз рост истода, як он ба ман ва пас-он ба модарам нигариста, бо дасташ ишорат мекунад:

– Ана, дар ҳамин ҷойи чормағз хона созӣ, мешавад. Ман ба акаат Беҳзод гуфта будам. Ин суханҳо ба ман тааллуқ доранд, аммо ҳеҷ фаҳмида наметавонам, ки акаам Беҳзод маслиҳати падарамро чаро пинҳон доштааст аз ман? Охир, чормағз ҳоло дар ҷояш сабзу панҷаву шоха зада, сар ба гардун кашида истодааст? Пас... Яке бедор мешавам. Аҷиб тафси ҳаво коҳида, офтоб аз чашми тирезаи дарозрӯяи толор хеле дур, ҷониби мағриб хиромидааст. Анвори гарму нармаш дигар чун пешин муассиру тансӯз нест. Даро-баро ҳамчунон давом ёфта, мусофирони навомада дар харакҳо ҷо мегирифтанд”.

Дар ҳикояи мазкур факту рақам дақиқ аст ва ҳатто соати ба вуқуъ омадани ҳодисаҳо зикр мешавад. Корбасти далелу рақам дар ҳикоя маъмул нест, вале нависанда бо маҳорати баланд ва тасвирҳои баҷо истифода кардааст, ки ҳикояҳояшро муассир гардондааст.

Қаҳрамони ҳикояи “Дасти боло” муаллим аст, ки ҳангоми раҳсипор гардидан ба мактаб ҳодисаеро мешунавад ва он боиси мисли навори кино ба ёд омадани хотироти талхи гузаштааш мегардад. Воқеаҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандиро ба хотир меорад, ки мардум зиндагии мушкил ва нони хурдан надошт, вале нафароне буданд, сарвати зиёд доштанд, вале ҳеҷ кумаке ба фақирону камбизоатон намекарданд. Бо гузашти вақт ва расидан ба сулҳу ваҳдати комил рӯзгору зиндагии мардум тинҷу осуда ва нӯшу неъмат фаровон гардид, вале он амалҳои ношоистаи бой ҳеҷ гоҳ аз хотири муаллим, умуман, аҳли деҳа фармӯш нашудааст. Қисса аз он оғоз меёбад, ки аз баландгӯяки масҷид хабар меояд, ки акаи Маҳмадсалим бандагӣ кардааст: “Ҷавонмард дар ҷояш шах шуда, гӯё хабари марги инсонеро бори нахуст дар бинои умраш мешунида бошад, “Эҳ наход, раиси замоне боғуруру салобатноки деҳа, ки нигоҳаш захраи одамро мекафонд, абадӣ аз олам чашм пӯшида бошад? – гуфта пичиррос зад: “Худо раҳматаш кунад”.

Дар ҳикояҳои адиб ранҷу азоб, масоили таълиму тарбия, некиву накукорӣ тасвир шудааст. Дар ҳикояи “Ғазабкушта” низ ҳолати хароб ва қашоқонаи оилае инъикос гардидааст, ки бинобар надоштани шароити хуби рӯзгор падар писаратро ба мактаб рафтан намемонад ва ӯро бо худ ба бозор мебарад ва аробакашӣ мекунад, то ноне барои зиндагиашон муҳайё созад. Бозтоби ҳолатҳои вазинину тоқатфарсо, ки асосан, аз таъсири ҷанги шаҳрвандӣ буд, дар ҳикояҳои нависанда ба таври муассир бозтоб шудааст.

Оғози ҳикояҳои муаллиф низ диққатҷалбкунанда буда, дар офаридани тасвири симои қаҳрамонон дасти тавоно дорад. Образҳоро муассир ҷилва медиҳад, ки ин омил хонандаро водор ба мутолиа мекунад. Масалан: “Ҷавонмард баъд аз ноништа сару либоси нав ба бар кард, ба оинаи барқад нигарист: мӯйсари сиёҳаш шонахӯрда, куртаи сафед аз таҳи костюм шинаму зебо ба чашм мерасид. Галстуки сиёҳ дар гарданаш, дар заминаи куртаи сафед ҷаззоб менамуд. Вай, ҷавонмарди миёнақад ва нигоҳаш самимию пурмехр ва саҳл андешаманд буд. Ба мактаб, ба кор мешитобид. Омӯзгор аст ва чанд сол боз дар дабистони деҳ ва роҳро аз хона то мактаб, ки тақрибан 200-300 метрро дар бар мегирад, зуд мухтасар карда, лаҳзае дар саҳни ҳавлӣ ба гулу гулбутта ва ниҳолакону дарахтони сарсабзу тановар, ки бо шукӯҳу ҳусни худ ба чашм нур мебахшиданд, менигарист. Ба хаёл мерафт, ба олами афсона “ташриф” меовард. Эҷодкор ҳам буд вай. Саргузашт ва ҳодисаҳои дар деҳ ба вуқӯъ пайвастаро, ки дар меҳвари он ҳама одамон бо сарнавишти мураккабу печидаи худ қарор доштанд, аз ғирболи андеша мегузаронд...”.

Ҳамчунин, барои муассир гардидани навиштаҳояш аз зарбулмасалу мақол фаровон истифода кардааст. “... нигоҳаш захраи одамро мешикофт”, “тунбод дар баданам чун наштар мехалид”, “Тут дар оташи шарму хиҷолат месӯхт, пайкараш оҳиста-оҳиста таб мебаровард”, “Дар хоки пот садқа”....

Дар баробари ин, нависанда Шодӣ Раҷабзода дар навиштани ҳаҷвияи низ муваффақ гардидааст ва бепарвоию фориғболии иддае аз директорони мактаб, омӯзгорон ва масъулинро ба риштаи танзу мутоиба ва тамасхур кашидааст. Аз ҷумла, дар ҳаҷвияи “Вов, муаллим”, ки хонанда ба саволҳо ҷавоби дуруст дода наметавонад, муаллим бо қаҳр мехезад ва тарафаш дод мезанад:

- Аққалан вов гӯй!

Шогир ба рӯйи муаллим менигарад ва дод мезанад:

- Вов, муаллим!

Дар китоби мазкур 16 ҳикоя ва 5 ҳаҷвия ҷойгир карда шудааст: “Шаби сиву якум”, “Сарнавишти ду тан”, “Имтиҳони қисмат”, “Интизорӣ”, “Тақдирҷунбон”, “Бародарам”, “Ҷазо”, “Дасти боло”, “Гиряи пушаймонӣ”, “Чорсӯ”, “Девор”, “Як сатил гандум”, “Ғамкушта”, “Ғазабкуш”, “Ранҷиш”, “Бозгашт”, “Кӯрнамакҳо”, “Вов, муаллим!”, “Балогардон”, “Диван” ва “Ҳай дареғ”.

Дарвоқеъ, китоби нависандаи шинохта Шодӣ Раҷабзод “Дасти боло” бо сабку шеваи хос навишта шудааст, тасвир ва бозтоби мавзуоти ҳикояҳояш дар адабиёти муосири тоҷик падидаи тоза мебошанд.

**АДАБИЁТ**

# ГУЛИСТОНИ СУХАН

## ҚИССАИ ОН МУРҒИ ГИРИФТА, КИ ВАСИЯТ КАРД, БАР ГУЗАШТА ПУШАЙМОНӢ МАХӮР, ТАДОРУКИ ВАҚТ АНДЕШ ВА РӮЗГОР МАБАР ДАР ПУШАЙМОНӢ

*(Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ)*



Шахсе доме афканду бо ҳила парандаеро шикор кард. Паранда, ки худро дар доми сайёд гирифтор дид, гуфт:

- Эй мард, ту то кунун говҳову гӯсфандҳо ва шутурони зиёде куштаву хӯрдаӣ, ту ки аз хӯрдани он ҳама гӯшт сер нашудаӣ, ба яқин аз хӯрдани андак гӯште, ки ман дорам, низ сер нахоҳӣ шуд. Маро раҳо кун, то дар ивази ин лутфи ту се панди арзишманд ба ту диҳаму саодатманд шавӣ.

Нахустин пандро ҳангоме медиҳам, ки дар дасти ту гирифторам. Ва панди дувумро он гоҳ медиҳам, ки бар боми коҳгили ту бишинам ва панди сеюмро он гоҳ мегӯям, ки худро бар шохаи дарахт бубинам. Ин се панд туро саодатманд хоҳад кард.

Панди аввал он аст, ки ҳеҷ ҳарфи муҳолеро аз ҳеҷ кас бовар макун:

*Ҳил маро, то ки се пандат бардаҳам,*
*То бидонӣ зиракам, ё аблаҳам?*
*Аввали он панд ҳам дар дасти ту,*
*Сониаш бар боми каҳгилбасти ту.*
*В-он севум пандат диҳам ман бар дарахт,*
*Ки аз ин се панд гардӣ некбахт.*
*Он чӣ бар даст аст, ин аст он сухан,*
*Ки муҳолеро зи кас бовар макун.*

Мард барои шунидани ду панди дигар ӯро озод кард ва бар сари девор нишаст. Он гоҳ гуфт:

- Панди дувум он аст, ки ҳаргиз бар гузаштаат афсӯс нахӯрӣ:

*Гуфт дигар: - Бар гузашта ғам мах(в)ар.*
*Чун зи ту бизгашт, з-он ҳасрат мабар.*

Сипас идома дод:

- Эй мард, дар бадани ман марвориди гаронбаҳое ба вазни даҳ дирам қарор дорад, ки агар ба он даст меёфтӣ, туву фарзандонатро саодатманд мекард. Он марвориди гаронбаҳову беназир рӯзии ту набуд ва онро аз даст додӣ.

Мард ҳамин ки ин суханро шунид, монанди зани ҳомила дар вақти зоидан нолаву фиғон баровард ва шеван оғоз кард.

Паранда ба ӯ гуфт:

- Магар нагуфтам бар гузаштаат афсӯс нахӯр. Ва низ магар ба ту нагуфтам суханеро, ки ақлан муҳол аст, ҳаргиз бовар накун! Эй бандаи Худо, ҳамаи ҷисми ман се дирам вазн надорад, чӣ гуна зумурради даҳдирамӣ метавонад дар бадани ман бошад?

*Мурғ гуфташ: - Не насиҳат кардамат,*
*Ки мабодо бар гузашта(й) дӣ ғамат?*
*Чун гузашту рафт, ғам чун мех(в)арӣ,*

*Ё накардӣ фаҳм пандам, ё карӣ!*
*В-он дувум пандат бигуфтам, к-аз залол,*
*Ҳеҷ ту бовар макун қавли муҳол.*
*Ман наям худ се дирам санг, эй асад!*
*Даҳ дирам санг андарунам чун бувад?*

Мард бо шунидани ин суханон ба худ омаду ором шуд. Он гоҳ рӯ ба парандаи ҳушёр карду гуфт:

Панди севуматро бароям бигӯ. Паранда дар посух:

*Гуфт: - Оре, хуш амал кардӣ бад-он,*
*То бигӯям панди солис ройгон?*
*Панд гуфтан бо ҷаҳули хобнок,*
*Тухм афгандан бувад дар шӯрахок.*
*Чоки ҳумқу ҷаҳл напзирад рафӯ,*
*Тухми ҳикмат кам деҳаш, эй пандгӯ!*

***Таҳияи Комилҷон САИДОЛИМ***

*****

***Жан де ЛАФОНТЕН***
***(Фаронса)***



## ДЕҲҚОН ВА МАРГ

Зимистони сард. Мӯйсафеде камбизоату бечорааҳвол аз беша ҳезум ҷамъ карда, онро пуштора карда, сӯйи кулбааш раҳсипор аст. Аз шиддати сармову либоси тунук азият мекашад. Дар нимароҳ дарзаи ҳезумашро ба замин гузошта, болои он нишаста, аз тақдири бад, аз эҳтиёҷ ба ҳама чиз, аз он шикоят мекунад, ки дар тамоми умр як рӯзи хушро надидааст. «Бар падари чунин зиндагӣ лаънат…».

Дар ҳоли яъсу навмедӣ маргро даъват мекунад, ба ин маъно, ки «куҷоӣ, эй марг, биё, ки аз чунин зиндагӣ безор шудам…» Ногаҳон касе аз пушташ омада, ба китфаш даст мегузорад. Мӯйсафед ба пушташ нигариста, махлуқи булъаҷаберо мебинад ва аз тарс дар ҷояш шах шуда мемонад.

Махлуқ: «Чаро маро даъват кардӣ, пирамард?». Муйсафед: «Ту кӣ ҳастӣ, ки чунин пурдаҳшатӣ?». Махлуқ посух медиҳад: «Ман Марг ҳастам. Даъват кардӣ, ки биё, омадам…».

Пирамард, ки аз тарс дарақ-дарақ меларзид, зуд ба худ омада, мегӯяд: «Дарзаи ҳезумам калон, онро аз замин бардошта наметавонам, туро даъват кардам, ки ҳамин бастаи ҳезумро ба китфам монию ман зуд ба кулбаам бирасам…».

**Хулосаи масал:** *ҳар қадар зиндагӣ бад бошад ҳам, марг аз он ҳам бадтару ногувортар аст… Орзуи марг кардан маънои шикасти рӯҳонияту маънавиятро дорад.*

*****

## ГУРБАИ БА ЗАН ТАБДИЛШУДА…



Марде гурбае мепарварид ва ниҳоят дӯсташ медошт. Ба андозае, ки хобу хӯрашон якҷо буд. Аз ӯ ҷудоӣ надошт. Доиман Худоро зорӣ мекард, ки ин гурбаро ба хонуме табдил диҳад, то ки умре аз ӯ ҷудо набошад. Ниҳоятан Худо таваллои мардро амалӣ кард. Гурбаро ба бонуе табдил кард ниҳоят зебо.

Аҷаб тӯйе карданд бошукӯҳу боҳашамат. Баъди тӯй ва рафтани меҳмонон марду зан ба хонаи танҳо ворид шуданд,

яъне, ба кошонаи бахташон. Аммо ногаҳон зан бо ҳамон либоси пурдабдаба коре кард, ки мардро дар ҳайрат гузошту ба қавле талхакаф кард. Кати хобро чаппа карда, аз паси ҷонваре медавид ба ин тарафу он тараф. Мард диққат кард, ки муше ин сӯву он сӯ медавад аз тарси ҷон ва ин зан аз қафои ӯ…

**Хулосаи масал:** *ҳар кӣ бо кадом камбуди ирсӣ ба дунё омада бошад, оқибат бо ҳамон иллат мемирад. Яъне, оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад…*

***Тарҷума ва хулосаҳои***
***Ҳафиз РАҲМОН***

*****

***Ҷалол ИКРОМӢ***



# УСТОДИ МАН

## «Устоди ман, мактаби ман, худи ман»

Одамони ҳамаи касбу ҳунар устод, омӯзгор ва муаллим доранд. Ин муаллимҳо ҳам муаллим доштаанд… Академикҳо, олимҳои бузург ва доҳиёни олам низ пеш аз он ки академик шаванд, олим шаванд ва доҳӣ гарданд, шогирд будаанд ва аз устоде таълим мегирифтаанд. Бе устод ва бе муаллим ҳеҷ кас худ аз худ мулло, доно ва ҳунарманд нашудааст. Лекин як хусусияти неки одам дар ҳамин аст, ки вай як илм, як ҳунарро аз устод омӯхта, боз аз худаш ба он ҳунар чизе илова мекунад, онро қадаре такмил медиҳад, равнақ медиҳад ва дар натиҷа пешравӣ, тараққӣ ва маданият мешавад; инсоният бо ҳамин роҳ тараққӣ карда, ба ҳолати имрӯза омада расидааст.

Бинобар он, мо, ҳама, ба ҷӣ поя расида бошем ҳам, пеш аз ҳама, бояд ба устоди худ миннатдорӣ кунем. Зеро ки агар устод аз дасти мо дошта, ба сӯи илму дониш намекашид, мо он тавр намешудем, ки ҳастем. Ҳурмат ва шараф ба ҳамаи устодони олам, ки боиси ҳамаи камолот, боиси муваффақият ва комёбиҳои илму фан мебошад. Тамоми бузургони адабиёти мо, пеш аз ҳама, ба устоди худ миннатдорӣ намудаанд, устодро аз падар беҳ шуморидаанд: «Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар!» гуфтааст Саъдӣ.

*****

***Эрих Фромм,***
***равоншинос ва***
***файласуфи машҳури Олмон***

# МУНОСИБАТИ ИНСОН БА ҲАЁТ



Мақоле ҳаст: «Ҳама мехоҳад дӯсте дошта бошад, аммо на ҳама мехоҳад худаш дӯсте бошад». Имрӯз мо бештар аз ҳама «доштан» мехоҳем. «Фарзанд доштан мехоҳам», ба ҷойи «ҳамсар будан» ва монанди инҳо.

Пушти ин нозукиҳои лафзӣ муносибати инсонҳо ба ҳаёт ниҳон аст, ки шиораш ин аст: «Ё ман барои касе, ё касе барои ман». Бо хоҳишҳои зиёди доштани ҳама чиз мо ҳаётро барбод медиҳем, қалбҳоро мешиканем ва оқибат ранҷи танҳоӣ мекашем…

Барои одами дорандаи ҳама чиз ҳамеша чизе нокифоя аст. Пул кам аст, ҳокимият нокифоя аст, як ҳамсар кам аст, дӯстон нокифояанд, хушҳолӣ кам аст, худи мо нокифоя ҳастем. Дороии ҳар нафари бемоҳият дар олами ботини ӯ нуҳуфтааст.

**<u>ТОЗАНАШР</u>**

***Н.САНГИНЗОДА***

# МИНБАРИ ИЛМУ ДОНИШ

## “ХАДАМОТИ МАТБУОТӢ ВА РОБИТА БО ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ”




Солҳои охир нақши хадамоти матбуотӣ дар ҷомеа вусъат ёфтааст ва фаъолияти онҳо ҳамчун инъикоскунандаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ муҳим мебошад. Дар вазорату идораҳо хадамоти матбуот ташкил карда шудааст, ки робитаи ниҳодро ба ҷомеа таъмин менамояд. Аз ин ҷост, ки нақши хадамоти матбуотӣ дар ҷомеаи шахрвандӣ бориз буда, робитаву алоқамандии судмандро ба вуҷуд меорад. Ба ҳамин мазмун китоби нави доктори илми филология Қутбиддин Мухторӣ ва номзади илми филология Сабрина Оламиён бо номи “Хадамоти матбуотӣ ва робита бо ҷомеаи шахрвандӣ” (Дастури таълимӣ. – Душанбе, 2023. – 140 с.) ба нашр расид. Китоби мазкур 15 мавзуъро дар бар гирифта, дар он доир ба таърихи пайдоиши хадамоти матбуотӣ, сохтор ва принсипҳои асосии ташкили кори хадамоти матбуотӣ, вазифаҳои котиби матбуотӣ, шакл ва усулҳои кори хадамоти матбуотӣ бо ВАО, ҷомеа ва созмонҳои сиёсӣ, пресс-релиз ва паёмҳои дигар барои ВАО, менеҷменти иттилоот, спиндоктор кист?, хадамоти матбуотӣ дар сохторҳои тиҷоратӣ, маркази умумии хадамоти матбуотӣ дар сохторҳои давлатӣ, ҳамкории иттилоотии муассисаҳои давлатӣ бо воситаҳои ахбори омма ва ҷомеа, баргузор кардани аксияҳо, маъракаҳои ошкоро, ба роҳ мондани робитаи дуҷонибаи фаъол: “ҳукумат – аҳолӣ”, шакл ва усулҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти матбуоти давлатӣ, нақш ва вазифаҳи Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, Аккредитатсияи журналистон: самтҳои асосии ҳуқуқӣ, таҷрибаи ташкил ва гузаронидан маълумот дода шудааст. Дар баробари ин, луғати мухтасари баъзе истилоҳоти дар дастур истифодашуда, рӯйхати адабиёти тавсияшаванда, инчунин, низомномаи маркази матбуот, намунаи гузоришҳо аз нишастҳои матбуотӣ ва таҷрибаи котиби матбуот пешниҳод гардидааст.

Ба таъкиди муаллифон, “дар масъалаи вазъият ва мафҳуми робита бо ҷомеа дар Тоҷикистон тадқиқоти зиёд ба анҷом нарасида, танҳо чанд нафар муҳаққиқони ҷавон Зардова О., Бобоев Ӯ. ва шахсони дар ин соҳа ботаҷриба, аз ҷумла, Ҷамолов И. М. қадамҳои нахустинро дар тадқиқоти монографӣ дар соҳаи робита бо ҷомеа ва хадамоти матбуотӣ гузоштаанд. Муҳаққиқони рус дар чанд шароити кишварҳои пасошуравӣ масъалаи ба ҳам омехтани тарғибот ва иртибот бо ҷомеа (PR) дар фаъолияти иттилоотии мақомоти ҳукуматиро баррасӣ намудаанд”.

Дастури таълимии мазкур ба донишҷӯёни шуъбаву факултетҳои журналистикаи мактабҳои олии кишвар, рӯзноманигорон ва муҳаққиқиқон низ судманд мебошад.

## “ИНЪИКОСИ ФАЪОЛИЯТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РӮЗНОМАИ “ҶУМҲУРИЯТ”




Дар ҷомеа шахсиятҳое ҳастанд, ки корномаашон ибратбахш мебошад ва дар рушди давлатории миллӣ нақши бориз доранд. Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо низ дигаргуниҳои зиёде ба амал омаданд; сохтмони роҳҳо, нақбу неругоҳҳо, корхонаҳои азими саноатӣ, мактабу марказҳои саломатӣ далели гуфтаҳои болост. Дар саргаҳи ин ҳама бунёдкориҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистанд ва доир ба фаъолияту корномаи Пешвои миллат дар матбуот навиштаҳои зиёде таълиф гардидааст. Китоби нав таҳти унвони “Инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи “Ҷумҳурият (2019-2021)” ба нашр расид, ки дар он номгӯйи навиштаҳо дар бораи корномаи Пешвои миллат ҷойгир ба тариқи феҳристи адабиёт оварда шудааст. Китоби мазкур аз шаш бахш – “Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ”, “Фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Шахсиятҳои гуногун дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Муносибатҳои хориҷӣ”, “Манобеи электронӣ” ва “Кумакфеҳристҳо” таркиб ёфтааст. Дар сарсухани китоб зикр шудааст, ки дар ин дастур маводи солҳои 2019-2021 пурра гирдоварӣ шудааст. Шояд савол ба миён ояд, ки чаро дар дастур зинаи давлатдории Президент ба инобат гирифта нашудааст? Посух ҳамин аст, ки солҳои 2019-2021 давраи пурмаҳсултарин нашрия оид ба инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Дар давраи се соли рӯзномаи “Ҷумҳурият” 3422 маводро оид ба фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст.

Китоби мазкур барои муҳаққиқону пажуҳишгарон ва устодону омӯзгорон ҷиҳати омӯзишу пажуҳиши фаъолияти густурдаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хидмати арзанда менамояд.

## “ФАЪОЛИЯТИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБӢ”




Китоби номзади илми иқтисодӣ, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар таҳти унвони “Фаъолияти бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбӣ” (“Функционирование рынка труда Республики Таджикистан в условиях трансформации”) бо забони русӣ ба нашр расид. Дар монографияи мазкур равандҳои рушди бозори муосири меҳнат дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои босуръати равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқро мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои мақсаднок, муайян намудани параметрҳои бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ дар арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳо ва самаранокии танзими бозори меҳнат, инчунин, дар такмили механизмҳои танзими бозори мехнат метавонанд истифода намоянд. Ҳамчунин, китобаи мазкурро дар таълими курсҳои иқтисодиёти меҳнат, бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ дар мактабҳои олӣ ва ҳангоми навиштани мақолаҳои илмӣ, китобу монографияҳо корбаст намудан мумкин аст.

# "ИМИҶСОЗӢ ВА БРЕНД ДАР ЖУРНАЛИСТИКА"




Бо пешрафти босуръати техника ва технология воситаҳои ахбори омма низ ба таври чашмрас рушд кардааст ва рақобатро миёни ҳам ба вуҷуд овардааст. Зеро имрӯз имкони зуд расондани иттилоъ фароҳам омадааст ва оне муваффақ мегардад, ки аз як тараф, донишу ҷаҳонбинии васеъ дошта бошад, аз тарафи дигар, аз техникаву технологияи замон хуб истифода бурда тавонад ва бо эҷоди навиштаҳои муҳтавоманду ҷолиб зуд миёни ҷомеа шинохта шавад ва мавқеи хешро ба даст орад. Ин раванд имкон медиҳад, ки қаламкашони оянда навиштаҳои худро ба нашр расонанд, фикру андешаҳои дигаронро низ бишнаванд ва роҳҳои комёб гардиданро дарёбанд. Дар ин самт, метавон аз имиҷи рӯзноманигорӣ, ки онҳоро миёни мардум шинохта мегардонад, ёдовар шуд. Зарурате ба вуҷуд омадааст, ки дар тарбияи журналистони оянда вобаста ба омӯзиши имиҷ, ки мафҳуми нав дар журналистикаи тоҷик маҳсуб меёбад, ба таври фарогир тадрису омӯзиш дода шавад. Ба ин мазмун, бори аввал аз ҷониби муҳаққиқи ҷавон, номзади илми филология Моҳира Сафарзода "Имиҷсозӣ ва бренд дар журналистика" (Дастури таълимӣ. – Душанбе, 2023. – 76 с) аз чоп баромад. Дастури мазкур бо такя ба адабиёту сарчашмаҳо ва таҷрибаву омӯзишҳои фарогири муаллиф таълиф гардидааст ва зина ба зина мафҳумҳои мазкурро шарҳу тавзеҳ бахшидааст. Мавзуъҳои китоб батартиби муайян ҷойгир шуда, аз таърих то инкишофи имиҷ дар журналистикаро таҳлил намудааст. Муҳаққиқ дар китоб вобаста ба имиҷи қабл аз имиҷеология, мафҳуми имиҷеология, навъҳои имиҷ, имиҷсозӣ, худмуаррифӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, чанд қоидаи худсозӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ВАО ва имиҷи давлат, бренд-журналистика, бренд-журналистика ва контент-маркетинг: умумият ва фарқият, нақши журналист дар раванди брендсозӣ ва бренди шахс маълумоти муфид ироа кардааст.

Ба таъкиди муаллиф, "асри технологияи муосир ба донишҷӯёни имрӯз минбар ва шароити зиёде додааст. Донишҷӯ бояд аз ин имконот босамар истифода барад. Агар замони пеш барои чопи як хабар, пахши як лавҳаи радиоӣ ё сужаи телевизионӣ донишҷӯ моҳҳову солҳо талош мекард, имрӯз тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ аллакай аз курси якум метавонад аз худ дарак диҳад. Маводи хуби журналистиашро дар саҳифаи худ ҷой дода, то хатми донишгоҳ бренди фардии худро созад. Дар сурати дуруст истифода намудан аз имконот шахс дар оянда метавонад дар ташаккули ширкат, хосса ВАО саҳми бориз гузорад".




# "ДАРДИ САР"

Абдуқодири Раҳим аз ҷумлаи пуркортарин адибони тоҷик аст, ки бо таълифи қиссаву ҳикоя дар адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад. Мавзуъҳои ҳикояву қиссаҳояш низ ҷолиб буда, ба масъалаҳои умдаи зиндагии инсон бахшида шудаанд ва дар меҳвари нигоштаҳояш инсони шоиста ва мубориз у далер қарор дорад. Дар баробарин ин, некиву накукориро талқин менамояд ва хислатҳои ҳамидаи инсониро бозтоб мекунад. Китоби нави ин адиби тавоно бо номи "Дарди сар" (Душанбе, "Эр-граф"2022. – 272 с.) аз чоп баромад, ки он

фарогири қиссаву ҳикоя, эссе, памфлет ва тақриз мебошад. “Дарди сар” аз ҷумлаи беҳтарин қиссаҳои адабиёти муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Дар ин қисса саргузашти инсон бозгӯ мешавад, гузашти умр тасвир мегардад, хислатҳои неки инсонӣ ва покиву накукорӣ тарғиб шудааст. Муаллиф менигорад: “Ман мегурезам. Намедонам, ки ба кадом ҷониб рӯ овардаам. Медаваму медавам. Роҳ ҳамвор асту рӯшан. Аз ду ҷониб дарахтони пурмева мехоҳанд диққатамро ҷалб бикунанд, аммо наметавонанд. Тарс дорам, вуҷудам саропо тарс аст, тарс аз кушта шуданам. Файзигули сохтаро ҳам аз ёд мебарам. Пеш аз ин ба худ мегӯям: “Номашро, номи аслияшро нагуфт”. Аз пойҳоям миннатдорам. Бори аввал аст, ки чунин тез ҳаракат мекунанд, дар ҳаракатанд, барои наҷотам ёрӣ медиҳанд. Магар метарсанд, метарсанд аз он рӯз, ки “ташҳаду арҷулуҳум”, яъне рӯзи ҳашр, рӯзи бозхост, рӯзи қиёмат, ки шаҳодат медиҳанд пойҳои шумо?”

Инчунин, дар китоб ҳикояҳои “Ало, таксӣ!”, “Себ”, “Мӯр”, “Раҳоӣ”, “Телефони мо”, “Қарз”, “Беинсофӣ”, “Интихоб, интихоб, интихоб!”, “Изҳори муҳаббат”, “Барои модарам дуо бикунед”, “Имдод”, рисолаи илмӣ-бадеии “Муш ва рӯзгори мо”, эссеҳои “Модар”, “Вақт” ва тақризи “Эй дойразан, бигӯ дар ин дойра чист?!” оварда шудааст, ки омӯзандаву ибратбахш мебошанд.

Шоистаи таъкид аст, ки забон ва услуби нависанда равону ҷаззоб буда, дар офаридани образҳо дасти тавоно дорад ва тасвирҳояш бамавқеъ буда, мавзуъҳои нигоштаҳои ӯ ба ҳаёти воқеӣ алоқаманданд. Дарвоқеъ, омӯзишу мутолиаи китоби мазкур барои доираи аҳли адаб муфид буда, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва баланд бардоштани завқи хонандагон такони ҷиддӣ мебахшанд.

## “ЗИНДАГИИ ТОЛСТОЙ”




Дар таърихи адабиёт номи адибоне ҳаккокӣ гардидааст, ки бо эҷоди асарҳои мондагор дар рушди маънавии ҷомеаи ҷаҳон нақши бориз мегузоранд. Таълифоти онҳо бо теъдоди зиёд чоп гардида, саҳифаҳои адабиёти ҷаҳонро рангин бинмудааст. Лев Толстой аз ҳамин гуна нависандагони тавоно ва номовари дунёст, ки чароғи дурахшони адабиаш ҳанӯз ҳам равшан аст. Доир ба эҷодиёт ва фаъолияту зиндагиномаи ин адиби шинохта асарҳои зиёде таълиф гардидааст, ки паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯро барои хонанда ошно менамояд. Китоби нависанда, муаррих, санъатшинос ва ходими фаъоли ҷамъиятии Фаронса Ромен Роллан  бо номи “Зиндагии Толстой” (Душанбе: “Меҳроҷ-граф”, 2023. – 284 с.) аз ҷониби номзади илми филология Шодӣ Шокирзода ба забони тоҷикӣ ба нашр расид, ки туҳфаи арзишманд барои аҳли илму  адаб мебошад. Дар китоби “Зиндагии Толстой” ба маънии ҳақиқиаш шарҳи ҳоли нависанда нест, балки бештар ба чеҳранигории адабии муфассал мушобеҳ аст ва муаллиф бо такя ба асноди мавҷуда ва тақозои замон ҷаҳди муоинаи симои аслии нависанда, таҳаввулоти ботини ӯ ва ворид шудан ба асрори услуби эҷодиашро дорад.

Ба таъкиди донишманди тоҷик Ш. Шокирзода, “адиби фаронсавӣ Ромен Роллан бо ҷузъитарин паҳлуҳои шарҳи ҳол, афкор ва осори нависандаи мутафаккири рус ошноӣ дошт ва ин ҳамаро дар асари шариҳиҳолии “Зиндагии Толстой” бозгӯ намудааст”.

Муаллифи китоб Р. Роллан зикр менамояд, ки Толстой ҳеҷ гоҳ аз ҳунар чашм напӯшид. Як ҳунарманди бузург наметавонад иллати вуҷудӣ ва фарҳангу фарзонагии хешро раҳо кунад. Ӯ метавонад ба илали динӣ ва нашри он сарфи назар кунад, аммо аз навиштан наметавонад.

Дар Фаронса бисёранд касоне, ки барои онон Толстой як дӯст, беҳтарин дӯст ва ҳатто ягона дӯсти воқеии ҳунари аврупоӣ маҳсуб мешавад. Нависанди ин китоб яке аз ин афрод аст, ки ба ин василa, дайни худро барои ин сипос ва ишқ нисбат ба Толстой адо мекунад.

**ШИНОХТ**

***Таҳияи АШРАФ***

# ТАБИАТ, ИЛМ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ



## ЭМИЛ БОРЕЛ – ОЛИМ, ПЕДАГОГ ВА СИЁСАТМАДОРИ ВАРЗИДА (1871-1956)

Эмил Борел соли 1871 таваллуд шудааст. Ӯ пас аз хатми коллеҷ дар мактаби олии Сорбон аз лексияҳои олимони шинохта Гастон Дарбу ва Анри Пуанкаре баҳра бурда, соли 1884 соҳиби дараҷаи илмии доктори математика гардидааст. Пажуҳишҳои математикии Борел, асосан, ба назарияи эҳтимолиятҳо ва назарияи функсияҳо бахшида шудаанд. Монографияҳои “Назарияи функсияҳо”, “Фазои суръатҳо”, “Назарияи эҳтимолиятҳо” таҳқиқотҳои муҳимми ӯ ба шумор меравад. Инчунин, ба омӯзиши масъалаҳои физикӣ-фалсафӣ низ машғул гардидааст. Мавсуф бо истеъдодҳои педагогӣ ва ташкилотчигии худ низ шинохта гардид. Дар донишгоҳи Сорбон ӯ лексияҳо хондааст ва ҳамзамон, директори ҳамин мактаби олӣ буд. Бо таъсис ёфтани Институти ба номи Анри Пуанкаре (соли 1927) ба вазифаи директор пазируфта мешавад. Аз соли 1911 дар масъалаҳои назарияи эҳтимолиятҳо пажуҳиш кардааст ва дар ин сохт мафҳумҳои нав ва дастовардҳои тоза ба даст овардааст. Қонуни мустаҳкамии ададҳо далели ин гуфтаҳост. Борел бунёдгузори мактаби муосири фаронсавӣ доир ба назарияи эҳтимолиятҳо маҳсуб меёбад. Муваффақиятҳои Борел дар Фаронса ва хориҷ аз он эътироф гардидаанд. Барои хидматҳояш дар рушди илми математика ба вазифаи раиси Академияи илмҳои Франсия интихоб гардидааст ва узви чандин академияҳои хориҷӣ буда, унвони доктори фахрии якчанд донишгоҳҳоро соҳиб шудааст.

Таваҷҷуҳи Борел ба сиёсат ва корҳои сиёсӣ ҳанӯз аз замони Ҷанги Якуми Ҷаҳон оғоз гардид ва дар замони ду ҳокимияти Пенлев вазири флоти баҳрӣ буд. Мавсуф соли 1956 аз дунё даргузашт.

## ФРИДЕШ РИС – ОЛИМ ВА ПЕДАГОГИ БАРҶАСТАИ МАҶОРИСТОН (1880- 1956 )



Фридеш Рис аз давраи ҷавониаш ба математика шавқу рағбат дошт. Рис Институти политехникии шаҳри Сюрих, Донишгоҳи Будапешт ва Донишгоҳи Геттингенро хатм кардааст. Дараҷаи докториро барои кори илмиаш дар соҳаи геометрияи тасвирӣ соҳиб гашт. Ӯ пайваста адабиёти илмиро мутолиа намуда, бо фаслҳои гуногуни математика ошноӣ пайдо кард ва доир ба масъалаҳои гуногун якчанд кори илмӣ ба табъ расондааст. Мавсуф пас аз кори дар соли 1907 навиштааш, ки дар он тезисҳои назарияи навро пешниҳод кард, баъдтар Эрнест Фишер низ ба

ин натиҷа расид. Ин назария дар илми математика бо номи “Назарияи Рис-Фишер” машҳур гаштааст.

Соли 1911 Рисро ба вазифаи профессори экстраординарӣ дар Донишгоҳи Клуж таъин карданд. Ӯ дар ин давра оид ба системаи муодилаҳои беохирномаълума таҳқиқ мекард ва дар шакли китоб соли 1913 аз чоп баромад ва соҳиби вазифаи профессори ординарӣ шуд. Баъд аз се сол Рис узви вобастаи Академияи илмҳои Венгрия гардид. Рис дар шаҳри Шегед Институти математика ташкил кард ва маҷаллаи математикии “Акта”- ро таъсис дод. Ин маҷалла бо забони венгерӣ ва забонҳои хориҷӣ нашр мешуд. Рис соли 1946 таклифи Донишгоҳи Будапештро барои ишғол кардани мансаби профессорӣ пазируфт. Донишгоҳи Шегед ӯро бо унвони доктори фахрӣ сарфароз гардонид. Дар ҷашни 70-солагии зодрӯзаш Донишгоҳи Будапешт низ ӯро бо дараҷаи фахрии доктор қадрдонӣ намуд. Соли 1949 Рис “Мукофоти тиллоии Кошут”- ро соҳиб гашт. Соли 1952 китоби “Лексияҳо аз анализи функсионалӣ”-ро ба нашр мерасонад. Китоби мазкур ба забонҳои русӣ, фаронсавӣ, немисӣ, англисӣ ва хитоӣ тарҷума шудааст. Ӯ дар вазифаи раиси сексияи математика ва физикаи Академияи илмҳои Венгрия фаъолият кардааст. Фаъолияти бисёрсолаи илмии Рис баҳори соли 1955 дар рафти ҷаласаи сексияҳои математикӣ-физикӣ-химиявӣ дар Донишгоҳи Будапешт ба охир расид. Исботи ниҳоят меҳнатдӯст будани Рис дар он аст, ки ӯ 96 кори илмӣ навиштааст ва онҳо ба математикаи муосир- анализи функсионалӣ ва назарияи топология бахшида шудаанд.



## ГЕРМАН ВЕЙЛ – МАТЕМАТИКИ БАРКАМОЛ ( 1885- 1955 )

Математик, физик ва философи машҳури немис Герман Вейл дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ зиндагӣ кардааст. Ӯ 9-уми ноябри соли 1885 таваллуд ёфтааст. Дар 28-солагӣ ӯро дар Институти политехникии Сюрих ва баъдтар дар Донишгоҳи Геттинген ба вазифаи профессор таъин карданд. Ӯ соли 1933 ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муҳоҷир шудааст. Дар давраи дар ИМА буданаш профессори Донишгоҳи Принстон буд ва ба узвияти Академияи илмҳои ИМА пазируфта шудааст.

Корҳои математикии Вейл ба соҳаҳои мухталифи математика мансубанд. Ӯ дар аввал ба омӯзишу таҳқиқи қаторҳои тригонометрӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ ва муодилаҳои интегралӣ машғул шуд. Дар назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ асосҳои он соҳаҳоеро таҳқиқ кардааст, ки онҳо дар мафҳуми сатҳҳои Риман асос ёфтааст. Дар математика чунин мафҳумҳо, ба мисли “фазои Вейл”, “конексия ва суммаи Вейл”( соли 1914) маъмуланд. Онҳо дар назарияи ададҳо татбиқи худро пайдо кардаанд. Вай ба омӯзиши назарияи гурӯҳҳои бефосила машғул шуда, татбиқи онҳоро дар геометрияи дифференсиалӣ, физика ва махсусан, дар назарияи нисбият дарёфтааст. Дар илми математика мафҳуми фазои бо тарзи афинӣ алоқанок (пространство афинной связности)-ро ворид сохтааст, ки дар геометрияи дифференсиалӣ ва физика нақши муҳим доранд.

Инчунин, дар Донишгоҳи Принстон силсилаи лексияҳояшро доир ба мавзуъҳои “Симметрия” хондааст. Дар асоси матни лексияҳои Вейл ба чунин хулоса метавон омад, ин олими тавоно дорои донишу ҷаҳонбинии васеъ буда, доир ба илмҳои дигар, аз ҷумла, санъат, адабиёт ва биология маълумоти фарогир доштааст. Вейл бештари корҳояшро ба фалсафа бахшидааст ва моҳи декабри соли 1955 дар Сюрих дар 70-солагӣ аз олам даргузаштааст.

# ҶОН ФОН НЕЙМАН – АСОСГУЗОРИ НАЗАРИЯВИИ МОШИНАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ҲИСОББАРОР ( 1903 – 1957 )



Асосгузори мошинҳои муосири ҳисоббарор Ҷон фон Нейман 28-уми декабри соли 1903 дар Будапешт таваллуд шудааст. Фон Нейман бо хотираи фавкулоддаи хеш аз дигарон фарқ мекард. Дар Донишгоҳи Берлин химия ва математикаро омӯхтааст. Мактаби олии техникиро дар Сюрих ва сипас, Донишгоҳи Будапаштро хатм кардааст. Соли 1927 дар Донишгоҳи Берлин дар вазифаи дотсент кор карда, дар Донишгоҳи Гамбург лексия хондааст.

Соли 1930 бо таклифи роҳбарияти Донишгоҳи Принстон ба ИМА рафта ва то охири умр дар он ҷо фаъолият намудааст.

Нейман дар бисёре аз соҳаҳои математика кор кардааст ва назарияи функсияҳои тағйирёбандаи ҳақиқӣ, мантиқи математикӣ, назарияи ченакҳо, геометрияи бефосила, топологияи умумӣ, назарияи эргодӣ, проблемаҳои ҳалқаи операторҳо, назарияи квантҳоро тадқиқ намудааст. Дар соҳаи назарияи эҳтимолиятҳо диққати ӯро инкишофи назарияи бозиҳо ва математикаи иқтисодӣ ба худ ҷалб карда будааст. Дар охири солҳои сиюми асри гузашта бо проблемаҳои назариявии гидродинамика машғул шуда, методҳои аналитикии ҳалли муодилаҳои дифференсиалии дорои ҳосилаҳои ҷузъиро пажуҳиш кардааст.

Баъдан, Нейман корро доир ба татбиқи математика дар физика идома бахшидааст. Аз ҷумла, барои ҳалли масъалаи таъсири байниҳамдигарии мавҷҳои зарбахӯранда вақти зиёд сарф кардааст. Ин масъала корҳои ниҳоят зиёди ҳисобкуниро талаб мекард ва шояд сабаби ба мошинаҳои ҳисоббарор таваҷҷуҳ зоҳир кардани Нейман гардида бошад. Ӯ аз аввалин донандагон ва тарғибгарони истифодаи мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) дар ҳалли масъалаҳои гуногуни илмӣ буд. Нейман мошини ЭНИАК-ро, ки дар Филаделфия бо мақсадҳои баллистикӣ сохта шуда буд, дигаргун сохта, такмил додааст. Ӯ дар Вашингтон, Лос- Аламос ва дигар шаҳрҳои ИМА кор кардааст. Баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ бо ҳамкории гурӯҳи математикҳо ва муҳандисон ҳисобкунаки электронии таҷрибавиро дар Институти for Advanced Study зери тамғаи ДЖАНИАК сохтааст. Қайд кардан зарур аст, ки коркарди лоиҳаи мошин ба баъзе аз омилҳои майнаи одам монанд асоснок карда шудааст. Нейман, махсусан неврология ва психиатрияро ба таври комил омӯхта, боварӣ ҳосил кард, ки мошинҳои электронӣ метавонанд ҳамчун модели содакардашудаи майнаи инсон амал кунанд. Нейман кӯшиш ба харҷ дод, то як қатор масъалаҳоро оид ба боду ҳавосанҷӣ бо ёрии мошинаҳои ҳисобкунӣ ҳамон таври ҳал кунад, ки онҳоро ҳангоми ҳалли масъалаҳои физикаи ядроӣ иҷро намудан мумкин аст.

Нейман бо озмоишгоҳҳои Комиссия оид ба корҳои энергияи атомӣ ҳамкории зич дошт ва соли 1952 ӯро ба вазифаи аъзои Консултативии умумии АЕС таъйин карданд.

Баъди азёд кардани савганд 15-уми марти соли 1955 Нейман дар ҳайати Комиссия доир ба корҳои энергияи атомӣ таъйин шуд ва моҳи майи ҳамон сол ҳамроҳ бо завҷааш ба Вашингтон кӯчид. Нейман ба таври фарогир ба тадқиқ машғул шуда, китоби хешро бо номи “Мошинаи ҳисобкунӣ ва майнаи одам” ба табъ расонидааст. Мавсуф 8-уми феврали соли 1957 вафот кардааст. Донишгоҳи Иелск дастнависҳои ин олими бузургро дар шакли силсилаи “Лексияҳои Силлиман” аз нашр баровардааст.

## КРОССВОРД

# МУАММОИ «ЗАФАР»



1. Романи адиби тоҷик, ки аз диловариҳо дар ҷанг қисса мекунад. 2. Навъи мукофот, подоши корнамоиҳо. 3. Миллати саркардаи ҷанг. 4. Шаҳре, ки муҳорибаҳои шадидтарин он ҷо гузаштааст. 5. Дарё дар Россия. 6. Адиби ҷангноманавис, иштирокдори ҷанг. 7. Ҳаммаънои «камингоҳ». 8. Қаҳрамони достони «Писари Ватан». 9. Тоҷикписар, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 10. Шаҳри қаҳрамон. 11. Дарё дар Россия, шоҳиди ҷонбозиҳои қаҳрамонони ҷанг. 12. Қалъае, ки байрақи зафар дар он афрохта шуд. 13. Давлат, саркардаи ҷанг. 14. Мафҳуми ҳамдигарфаҳмӣ. 15. Нашрияе, ки аз музаффариятҳо дар ҷанг хабар медод. 16. Исми кӯтоҳшудаи яроқи ҷангӣ. 17. Шаҳри қаҳрамон. 18. Муаллифи очерки таърихии «Чингизи асри XX». 19. Мубориза роҳи озодии Испания, ки се писараш дар ҷанг шаҳид шудааст. 20. Амали математикии номаълум. 21. Генералиссимус. 22. Нахустин Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Осиёи Миёна дар ҶБВ. 23. Мошини ҳарбии ҷангӣ. 24. Шаҳри қаҳрамон, ки дар он яке аз муҳорибаҳои пуршиддат ба амал омадааст. 25. Зодгоҳ. 26. Фатҳу кушоиш. 27. Ҷумҳурии ҳафтуми ИҶШС. 28. Дарё дар Россия, «шоҳид» - и муҳорибаҳо дар ҶБВ. 29. Як навъи ҳашарот. 30. Фасле, ки ҶБВ шуруъ гардид. 31. «Нанг ва ***». 32. Исми адиби тоҷик, ки дар ҶБВ иштирок карда, аз пирӯзиҳо дар нашрияи «Красная звезда» мақола менавишт. 33. Ифодакунандаи байни ду самт. 34. «Солдат» бо забони тоҷикӣ. 35. Сафед, сиёҳ. 36. Ҳамақида, пайрави Гитлер. 37. Ҷирми осмонӣ. 38. Исми

саркардаи ҶБВ. 39. Исми маъмулии мардонаи тоҷикӣ. 40. Муродифи мактуб. 41. Мол ё чизи дигари муваққатан додашуда. 42. Муродифи ҷуфтистеъмоли вожаи «тир». 43. Техникаи ҳарбӣ. 44. Ҳаммаънои «раҳмат». 45. Аз байн бурдан, бекор кардани хати мубориза. 46. Шакли ҷамъи «асил». 47. Ҷашн, суруру шодмонӣ. 48. Ба асорат гирифташуда. 49. Донаи шоҳмот. 50. Восита (ҳуҷҷат) - и муайян кардани хати мубориза. 51. Истилоҳи илми физика. 52. Муродифи давлат, кишвар. 53. Маршали Иттиҳоди Шуравӣ, яке аз фармондеҳони ИҶШС. 54. Унсури кимиёвӣ. 55. Шаҳр дар Осиёи Миёна. 56. Пойтахти ҷумҳурӣ дар собиқ ИҶШС. 57. Шаҳри энергетикҳо. 58. Ҳодӣ ***, тоҷикписар, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 59. Дарё дар Россия. 60. Бузург, кабир. 61. Жанри адабиёт. 62. «Дӯст машмор, он ки дар *** занад» (Саъдӣ). 63. *** Эрйигитов, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 64. Исми иштирокдори ҷанг, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Тоҷикистон. 65. Ҳунарпешаи халқии ИҶШС, шореҳи давраи ҷанг, ки мардумро тавассути радио аз музаффариятҳои ҷанговарони Давлати Шуравӣ хабар медод. 66. Гул, ҳамноми инсон. 67. Истилоҳи соҳаи ҳарбӣ. 68. Ҳаммаънои шуҷоъ. 69. Муродифи «ташаккур». 70. Миллат. 71. Ихтисораи ибораи «командири баталион» бо забони русӣ. 72. Мазза, тамъ. 73. Нӯшокӣ. 74. Нақшаи ҷангии ИҶШС. 75. Натиҷаи ҳар кору амал. 76. Бузургӣ, далерӣ. 77. Қаҳрамони достони «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 78. Ҳайвони саворӣ, ки дар ҷанг истифода шудааст. 79. Номи яке аз 12 ҳайвон дар солшумории мучал. 80. Исми саркардаи ҷанг. 81. Истилоҳи илми варзиш. 82. Яке аз ҳамақидаҳои Гитлер. 83. Чапғалат додан, дигар кардани роҳи ҳамла. 84. «Эй ҷони ман ***ат, эй умри ман фидоят». 85. Ба манзил мерасонад. 86. Маҷмуаи нахустини ҳикояҳои Р. Ҷалил. 87. Мафҳуми хешутаборӣ. 88. *** Турдиев, қаҳрамони достони «Суруши Сталинград»-и М. Қаноат. 89. Ҳаммаънои «мамлакат». 90. Қаҳрамони достони «Ғалабаи Таня»-и А. Лоҳутӣ. 91. Авиаконструктори тайёраи «Як – 40». 92. Воҳиди маъмурӣ. 93. Саидкул ***, Қаҳрамони ИҶШС. 94. Дарё дар Россия-«шоҳид»-и ҷанг. 95. Воситаи мубориза, яроқи ҷангӣ. 96. Саҳмгирӣ дар ҳар кору амал. 97. Исми пештараи шаҳри Душанбе. 98. Асъори хурди миллӣ. 99. Исми шоири тоҷик. 100. Навъи хати арабиасос. 101. Шаҳри Ҷопон, ки соли 1945 аз тарафи Амрико бомбаборон гардида буд.102. Ҳуҷум бо забони русӣ.

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД***

## ҶАВОБИ МУАММОИ «ҲАҚИҚАТ», “Маърифати омӯзгор”, №4, 2023

1. Давлат. 2. Тимсоҳ. 3. Ҳол. 4. Латифа. 5. Амазонка. 6. Анқара. 7. Амир. 8. Ресмон. 9. Нидо. 10. Оркестр. 11. «Рено». 12. Офтоб. 13. Баҳор. 14. Рудоба. 15. Анхел. 16. Литр. 17. Рус. 18. Суворов. 19. Волга. 20. Анор. 21. Реҳлат. 22. Тӯб. 23. Боку. 24. Уран. 25. Настаълиқ. 26. Қофила. 27. Аминона. 28. Атр. 29. Рюмин. 30. Неологизм. 31. Мизон. 32. Навшотир. 33. Роҳ. 34. Ҳақиқат. 35. Табошар. 36. Ранг. 37. Гагарин. 38. Нуҷум. 39. Минск. 40. Кӯлоб. 41. Бухоро. 42. Онҳо. 43. Омадӣ. 44. Ин.

**МЕҲРНОМА**



*Муҳаммад ҒОИБ,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# МУҶАССАМАИ ИСТИҚЛОЛ



*Ин баландӣ рамзи истиқлоли халқи тоҷик аст,*
*Тахти бахту минбари иқболи халқи тоҷик аст.*
*Ин манори сулҳу бурҷи побаҷои ваҳдат аст,*
*Қалъаи уммеду кохи бегазанди миллат аст.*

*Дорад осоре зи кӯҳи осмонбӯси диёр,*
*Ёд орад тарҳи мардони баномуси диёр.*
*Қиссаҳо дорад зи разми Рустаму Туси диёр,*
*Хишту ҳар ангораи он аст қомуси диёр.*

*Ин баландӣ ҳайкали Айнию Турсунзода аст,*
*Ҳайкали сарбози дар ҳифзи ватан ҷондода аст.*
*Ин баландӣ нардбон аст, ин баландӣ ҷода аст,*
*По ба ҳар як зинааш соҳибватан бинҳодааст.*

*Ин баландӣ роҳи аз поён ба боло рафтан аст,*
*Зинароҳи орзуи сӯи фардо рафтан аст.*
*Ин баландӣ ёдгори давраи озодӣ аст,*
*Аз тамошо чашми ҳар бинанда ғарқи шодӣ аст.*

*Ин баландӣ сарбаландии Куруши сонӣ аст,*
*Тарҳи меҳанпарвари бемисл дар инсонӣ аст.*
*Ин нишон аз Пешвои чеҳрааш нуронӣ аст,*
*Нусхае аз қуллаи шоҳаншаҳи Сомонӣ аст.*

*Ин баландӣ баҳри аз марказ Ватанро дидан аст,*
*Кишвари сабзи пур аз боғу чаманро дидан аст.*
*Мулки номаш дар ҷаҳон гул-гулфиканро дидан аст,*
*Миллати осудаи якҷонутанро дидан аст.*